

# Қиём барои хидмат



Муассисаи Руҳӣ





Китоби 2

# Қиём барои хидмат

(Тарҷумаи муқаддимотӣ аз англисӣ ва форсӣ)

Муассисаи Руҳӣ

Китобҳои ин маҷмуа:

Номгӯи зер китобҳои дастрас аз маҷмуаи аз тарафи Муассисаи Руҳӣ таҳия шудаанд. Ин китобҳо ҳамчун силсилаи асосии курсҳо дар кӯшиши мунтазам барои вусъати қобилияти ҷавонон ва калонсолон барои хидмат ба ҷомеаҳои худ истифода мешаванд. Муассисаи Руҳӣ инчунин маҷмӯи курсҳоеро таҳия мекунад, ки шохаҳое аз китоби сеюми силсила барои таълими муаллимони дарсҳои ахлоқи баҳоӣ барои кудакон, ва инчунин маҷмӯи дигар шохаҳо аз китоби 5-ум, барои тарбияи мушаввиқони (аниматор) гурӯҳҳои навҷавонон аст. Инҳо низ дар рӯйхати зер нишон дода шудаанд. Бояд қайд кард, ки ин рӯйхат бо назардошти пешрафи таҷриба дар майдони амал метавонад тағир ёбад ва дар замоне, ки як қатор унсурҳои барномаи таълимии таҳияшаванда ба марҳилае мерасанд, ки онҳо метавонанд ба таври васеъ дастрас гарданд, номгуҳои иловагӣ ворид карда мешаванд.

| | |
|---|---|
| Китоби 1 | Тафаккур дар бораи руҳи инсонӣ |
| Китоби 2 | Қиём барои хидмат |
| Китоби 3 | Таълими синфҳои кӯдакон, Соли 1 |
| | Таълими синфҳои кӯдакон, Соли 2 (давраи шуъбавӣ) |
| | Таълими синфҳои кӯдакон, Соли 3 (давраи шуъбавӣ) |
| | Таълими синфҳои кӯдакон, Соли 4 (давраи шуъбавӣ) |
| Китоби 4 | Ду Мазҳари Зуҳури Илоҳӣ |
| Китоби 5 | Шукуфо сохтани қувваҳои навҷавонон |
| | Ангезаи нахустин : Аввалин давраи шуъбавии китоби 5 |
| | Ҳалқаи доим афзоянда: Дуввумин давраи шуъбавии китоби 5 |
| Китоби 6 | Хидмат дар майдони таблиғ |
| Китоби 7 | Ҳамроҳӣ дар роҳи хидмат |
| Китоби 8 | Аҳд ва Мисоқи Ҳазрати Баҳоуллоҳ |
| Китоби 9 | Ба даст овардани дидгоҳи таърихӣ |
| Китоби 10 | Эҷоди ҷомеаҳои пуё |
| Китоби 11 | Асбоби моддӣ |
| Китоби 12 | (ба зудӣ дастрас мешавад) |
| Китоби 13 | Ширкат кардан дар хадамоти иҷтимоӣ |
| Китоби 14 | (ба зудӣ дастрас мешавад) |

Copyright © 1987, 1995, 2020 by the Ruhi Foundation, Colombia All rights reserved.
Edition 1.1.1.PE published October 1995
Edition 2.1.1.PE September 2020
ISBN 978-958-59880-9-5

Copyright © 2022 by the Ruhi Foundation, Colombia All rights reserved.
2.1.1.PE.PV Tajik 2022

Ruhi Institute Cali, Colombia Email: instituto@ruhi.org Website: www.ruhi.org

Ҳуқуқи чоп © 1987, 1995, 2020 бо Муассисаи Руҳӣ, Колумбия Ҳамаи ҳуқуқ маҳфуз.
Нашри 1.1.1.PV.PE Чопи октябри 1995
Нашри 2.1.1.PE сентябри 2020
ISBN 978-958-59880-2-6

Ҳуқуқи чоп © 2022 бо Муассисаи Руҳӣ, Колумбия Ҳамаи ҳуқуқ маҳфуз.
2.1.1.PE.PV Точики 2022

Муассисаи Руҳӣ
Кали, Колумбия
адрес: instituto@ruhi.org
сомона: www.ruhi.org

# ФЕҲРАСТ

Афкоре барои роҳнамо ..................................... v

Сурури таблиғ .................................................... 1

Мавзӯъҳо барои афзудани маълумот ............. 19

Гуфтугӯҳои сурурангез ва таълолибахш .......... 43

# Афкоре барои роҳнамо

Ин китоб, ки дуввумин дар силсилаи асосии курсҳои пешниҳодкардаи муассисаи Руҳӣ мебошад, ба қобилиятҳое бахшида шудааст, ки ба мо имкон медиҳанд то дар гуфтугӯи ҳадафманд ва мутаолӣ (баланддарача) саҳм гузорем. Амали мушаххаси хидмат, ки китоб ба он нигаронида шудааст, дар қисми сеюм тасвир шудааст. Дар дунёе, ки неруҳои қудратманд пайвандҳои даруни ҷомеаро пора-пора мекунанд, амали дидани дӯстон ва ҳамсоягон дар хонаҳои онҳо барои омӯхтани мавзӯъҳои муҳими ҳаёти иҷтимоъ метавонад, агар он як хусусияти барҷастаи фарҳанг гардад, дармони баъзе аз бемориҳои башар бошад, ки ба воситаи худдуркунии афзоянда ба вуҷуд омадаанд. Бар асоси матлабҳои ин қисми китоб, пайвандҳои дӯстие, ки бо ин роҳ эҷод мешаванд, барои мустаҳкам кардани раванди бунёди ҷомеаҳои пуё (динамикӣ) ва муттаҳид хидмат мекунанд.

Барномаи устувори мулоқотҳои хонагӣ, дар маҳалла (ҳамсоягӣ), ё деҳаҳо эҳтиёҷ ба як андоза созмондиҳӣ дорад, ва аз ҷумла ҳастаҳое аз дӯстони мухлисро дар бар мегирад, ки аз ҷониби муассисаҳои дахлдори Амр дастгирӣ карда мешаванд. Ҳангоми ҳидояти гурӯҳи худ дар омӯзиши китоб, роҳнамо бояд дар назар дошта бошад, ки ширкаткунандагон барои ҳамроҳ шудан ба чунин кӯшишҳои ҷорӣ тайёранд. Боздидҳое, ки барои онҳо ҳамчун ҷузъи омӯзиши онҳо ташкил карда мешаванд, бояд боиси ӯҳдадории иштирок дар ин саъю кӯшиш гардад, ки як ҷанбаи муҳими ҳаёти бахшида ба хидмат мебошад.

Равшан аст, ки анҷом додани мулоқотҳои хонагӣ бо ҳадафи ошкорои омӯхтани мавзӯъҳои дорои аҳамияти руҳонӣ ва иҷтимоии муҳим, маданияти ҷомеаро ғанӣ мегардонад. Дар ин бобат гуфтугӯҳои зиёди ғайрирасмӣ, ки дар хона ва ҷои кор, дар мактаб ва бозор ба амал меоянд, аҳамияти ҳаётӣ доранд. Бинобар ин, лозим аст, диққати махсусе ба ин тавоноӣ бахшида шавад, то ин ки битавонанд, гоҳ-гоҳе дар сӯҳбати ҳаррӯза принсипҳои руҳониро дар аснои гуфтугӯ баён намоянд. Ба парвариши ин тавоноӣ қисмати дуюми китоб марказият медиҳад, ки бо ин роҳ асоси лозимаро барои мутолиаи қисми сеюми китоб муҳайё мекунад.

Барои он ки гуфтугӯҳои мо бо дӯстон ва ҳамсоягон рӯҳбаландкунанда бошанд, муомилаи мо бо онҳо бояд бо сурур ҳамроҳ бошад. Ин мавзӯе аст, ки қисми аввали китоб, яъне «Сурури таблиғ» ба он мепардозад. Тамоми хидматҳое, ки Муассисаи Руҳӣ тавсия додааст, дар

асл ба он бахшида шудаанд, ки лаълҳои Ҳикмати Илоҳиро, ки дар Баҳри Зуҳури Ҳазрати Баҳоуллоҳ кашф кардаем, бо дигарон дар миён гузорем. Ҳадафи мутолиаи қисми аввал афзоиши огоҳӣ аз он воқеият аст, ки ин амал худ ба худ сурурангез аст. Дар якчанд бахш аз ширкаткунандагон хоста мешавад, ки дар бораи Каломи Илоҳӣ ва мавҳибати дар миён гузоштани он бо дигарон, фикрронӣ кунанд. Чунон ки ин қисмати китоб шарҳ медиҳад, аз ин амал суруре ба даст меояд, ки қадамҳои моро дар роҳи хидмат суръат мебахшад. Вале ҳатто дар замоне, ки комилан аз ин ҳақиқати амиқи руҳонӣ огоҳем, агар дар бораи сифатҳо ва ангезаҳое, ки бояд бо хидмат ҳамроҳ бошанд фикрронӣ накунем, мумкин аст сурури таблиғро аз даст диҳем. Ин сифатҳо ва ангезаҳо мавзӯи баҳс дар бисёре аз китобҳои баъдии ин маҷмӯъ аст, ва танҳо чанд мавриде аз онҳо дар ин китоб баррасӣ мешавад. Ин кор бо баррасии мавзӯи инқитоъ дар бахши 7 оғоз мешавад. Мунтахаботе аз Осори Баҳоӣ асоси андешаронии моро дар бобати ин сифат шакл медиҳанд, сифате ки агар хоста бошем, ки омилҳои берунӣ сурури таблиғро кам накунанд, бояд ҳатман бо он ороста бошем. Муҳим он аст, ки ширкаткунандагон аз мутолиаашон ин тасаввури нодурустро ба даст наоваранд, ки инқитоъ ба маънои беаҳамиятӣ ё беэътиноӣ аст. Ҳамон тавре, ки барои ба даст овардани натиҷаҳои ҳарчи бештар кӯшиш мекунем, бояд доиман бикӯшем, ки ҳиммат ва саъйи худро шиддат бахшем, ва коройии хидматҳоямонро афзоиш диҳем. Барои ин лозим аст, ки фаҳмиши матлуби моҳияти кӯшиш ва саъйро дошта бошем, мавзӯе ки дар бахши 8 баррасӣ мешавад. Хушбинӣ (опимизм) ва шукргузорӣ – ду нигарише, ки дар роҳи хидмат зарурианд, ба таври мухтасар дар ин бахш ва бахши охирин мавриди баррасӣ қарор мегиранд.

Қисми дуюми китоб «Гуфтугӯҳои сурурангез ва таолибахш» ба тавоноии баланд бардоштани сатҳи гуфтугӯҳои ғайрирасмӣ марказият медиҳад. Ин қисми китоб дорои чанд матлаби кӯтоҳ бо мавзӯъҳои гуногун аст, ки бо он ки айнан Баёноти Муборака нестанд, дар асоси баёноти Ҳазрати Абдулбаҳо буда, дорои бисёре аз калимаҳо ва ибораҳое ҳастанд, ки Он Кас истифода карданд. Ин матнҳо дорои ҷаззобияти умумӣ буда, ба орзуҳо ва ташвишҳое мепардозанд, ки ҳамаи мардум аз ҳар пешинаҳое, ки бошанд бо ҳам шариканд. Умед аст, ки бо мутолиаи ин матлабҳо ширкаткунандагон аз равише, ки Ҳазрати Абдулбаҳо принсипҳои руҳониро тавзеҳ медоданд, илҳом гиранд, ва ин одатро пайдо кунанд, ки ҳамзамон бо кӯшиш кардан барои кашфи лаълҳои дар баҳри Зуҳури Ҳазрати Баҳоуллоҳ мавҷуда, маъниҳо ва далелҳои дар таълимоти Падари Бузургворашон бударо дарк кунанд, ва онҳоро саховатмандона бо дигарон дар миён гузоранд.

Барои расидан ба ҳадафи ин қисми китоб, ба ширкаткунандагон имконияти онро додан лозим аст, ки ҳар як изҳоротро чандин бор бихонанд, бо силсилаи фикрҳо шинос шаванд ва баёни онро тамрин кунанд, то ин андешаҳо он қадар дар онҳо дарунӣ шавад, ки битавонанд

онҳоро ба таври табиӣ баён кунанд. Дар ибтидо баъзе аз афрод матлабҳоро ба як андозае аз бар мекунанд, ва онҳоро каму беш ба он тарзе, ки дар худи ин қисми китоб дида мешавад, такрор мекунанд. Инро метавон интизор дошт. Ҳамчунон, ки дониши онҳо дар бораи Амр амиқтар мешавад ва таҷрибаи онҳо афзоиш меёбад, онҳо ба доираи хеле васеътари мазмун ва захираи луғавии хеле бойтар дастрасӣ пайдо мекунанд, ки он дар муносибатҳояшон бо дигарон инъикос хоҳад ёфт. Роҳнамо бояд ташхис диҳад, ки дар ин марҳила он чи аз пасаш ҳастем, ду ҷанба хоҳад дошт: тавзеҳи таолим ба шакли нисбатан содда, ва ҳамраста шудани он бо андешаи Ҳазрати Абдулбаҳо.

Пас аз он, ки аъзоёни гурӯҳ баёни мазмуни ҳар як матлабро омӯхтанд, онҳо ба фаъолияти дигар мегузаранд, ки дар он ташвиқ мешаванд, андешаҳои омӯхтаашонро бо масъалаҳое, ки ташвиши хонавода, дӯстон ва ҳамкоронашон аст, рабт диҳанд. Барои расидан ба ин ҳадаф, аз онҳо хоста мешавад, ки дар бораи баъзе аз мавзӯъҳо ва саволҳое, ки дар гуфтугӯҳои маъмулӣ баррасӣ мешаванд, тафаккур кунанд ва бигуянд, ки кадом яке аз онҳо барояшон имконияти баёни андешаҳои мутолиашавандаро дар гуфтугӯе фароҳам мекунанд. Барои чанд матлаб, як ё ду мисол оварда шудааст, то нишон диҳад, ки чӣ гуна принсипҳои руҳоние, ки Ҳазрати Абдулбаҳо баён фармудаанд, рӯи масъалае партав афкандааст, ки ташвиши мардумони ҳама ҷо ҳастанд. Ин машқ самараи беҳтар хоҳад дод, агар дар ҳоле ки мутолиаи китоб ҳанӯз идома дорад, роҳнамо тавонад ба ҳар яке аз аъзои гурӯҳ дар интихоби яке аз изҳорот, ва чанд нафаре, ки тавонад бо онҳо андешаҳои матраҳшударо ба миён гузорад, кӯмак кунад. Бо ин роҳ метавон дар ҳар ҷаласа вақтро барои ин мавзӯъ ҷудо кард, ки ширкаткунандагон моҳияти гуфтугӯҳоеро, ки дар онҳо ширкат мекарданд, ба якдигар тавсиф кунанд.

Барои ҳар як матлаб дар ин қисми китоб чанд баён аз Осори Ҳазрати Баҳоуллоҳ барои азбаркардан оварда мешавад. Таъкиде ки Муассисаи Руҳӣ барои аз ёд кардани Осор мекунад, ва он аз нахустин китоби маҷмӯа маълум будааст, дар Китоби 2 возеҳтар мешавад. Барои ин аст, ки ширкаткунандагон то ба ин ҷо нисбат ба ғизои руҳонӣ ки аз ёдоварии такрории қисматҳое аз Осори Муборака дарёфт мекунанд, огоҳ шудаанд. Бинобар ин дар китоб онҳо бештар дар бораи таъсироти Каломи Илоҳӣ ба қалби инсон андешаронӣ кард, ва дар қисми 3 монанди қисми 2 хоҳанд омӯхт, ки оиди принсипҳое, ки дар Осор вуҷуд доранд суханони худро баён кунанд, ва дар ҳар мавқеи муносиб иқтибосҳоро ба таври бевосита нақл кунанд. Тавоноии дақиқи шарҳ додани Таолим, ва ба шакли холис ба дигарон расонидани онҳо, аз қобилиятҳое ҳастанд, ки ҳамаи мо ҳамчунон ки дар роҳи хидмат қадам мегузорем аз паи парваришаш ҳастем. Пиндоре, ки сохтори қисми дуввум бар рӯи он шакл гирифтааст он аст, ки оғозҳои олӣ барои шурӯъи ин кор, мутолиа кардани шарҳҳое аст, ки Ҳазрати Абдулбаҳо додаанд, ва кӯшиш барои баёни онҳо ба шеваи Он Кас.

Ҳамон тавре, ки дар боло ишора шуд, қисми сеюми китоб бо номи “Мавзӯъҳо барои зиёдшавии маълумот” ба амали хидмате, ки дар ин китоб оварда шудааст, яъне анҷом додани мулоқотҳо бо дӯстон ва ҳамсоягон, бо мақсади возеҳи иштирок дар гуфтугӯҳое, ки барои ҳаёти ҷомеа зарурӣ ҳастанд, бармегардад. Дар бахш се намуди гуфтугӯ пешбинӣ шудааст ва барои ҳар як мазмуни мушаххас пешниҳод карда мешавад. Навъи якум маҷмуае аз як силсила мавзӯъҳое аст, ки бо сокинони деҳа ё маҳалла дар барномаи боздидҳои мунтазам омӯхта мешаванд. Ҳарчанд мазмуни зикршударо бо роҳҳои гуногун бо шунавандагони шавқманд мубодила кардан мумкин аст, аммо ҳадафи аслии мавзӯъҳо - барои аъзоёни хонавода фароҳам овардани имкони амиқтар кардани дониши худ дар бораи Амри Муборак, муҳимтарин боқӣ мемонад. Пас, саҳми бештари ин қисми китоб ба ин навъи гуфтугӯ бахшида мешавад.

Бо вуҷуди ин, таҷрибаи мулоқотҳои хонагӣ дар солҳои охир ҷанбаҳои нав гирифт, бахусус чун воҳидҳои ҷуғрофии ҳар чи хурдтар, ҳатто то ба сатҳи деҳа ва маҳаллаҳои шаҳрҳо, шоҳиди афзоиши шумораи одамоне буданд, ки роҳнамо, мушаввиқи гурӯҳҳои навҷавонон ва муаллими дарсҳои ахлоқ барои кӯдакон шуда метавонанд. Қобили зикр аст, ки амалия на танҳо барои пахш кардани дониш дар бораи Амри Муборак зарур аст; инчунин он барои бомуваффақият амалӣ кардани барномаҳои тавондиҳии руҳонии навҷавонон ва тарбияи руҳонии кӯдакон ҳаётан муҳим аст. Мазмуни дар ин бахшҳо фаро гирифташуда дур аз васеъ будан аст, зеро ширкаткунандагон дар курсҳои оянда бо ин ду барномаи таълимӣ бештар шинос хоҳанд шуд. Аммо аз аҳамияти ин навъи гуфтугӯ огоҳ будан, ва муаллимони кӯдакон ва мушаввиқони гурӯҳҳои навҷавононро дар дидори волидон ҳамроҳӣ кардан, метавонад дар ин марҳилаи аввал барояшон хеле муассир бошад.

Навъи сеюми гуфтугӯ, ки дар ин қисм пешбинӣ шудааст, ба як ҳадафи махсус равона аст. Бисёре аз ҷавонписарон ва духтарон роҳҳоеро меҷӯянд, ки тавассути он хоҳиши пуршавқи онҳо барои саҳмгузорӣ ба беҳтарсозии олам ифода ёфта метавонад. Онҳо намояндаи захираи азиме аз тавоноии тағйир додани иҷтимоъ ҳастанд, ки мунтазир аст ва ё ҳатто ташнаи он аст, ки аз он истифода бурда шавад. Гуфтугӯ бо ҳамсолон, ки дар аснои он роҷеъ ба имконият ва масъулиятҳои хоси даврони ҷавонӣ, бо он ҳама нерӯ, ва потенсиали фавқулодааш андеша ронда мешавад, аксар вақт метавонад боиси мубоҳиса дар атрофи хидмат ва бедор шудани хоҳиши пайвастан ба корҳои ҷорӣ дар деҳотҳо ва маҳаллаҳои саросари ҷаҳон шавад. Дар навбати худ, бисёриҳо даъвати пайвастан ба курсҳои институтро ҳамчун воситаи ба даст овардани қобилияти фароҳам кардани тарбияи руҳонӣ ба насли наврас, ба сифати муаллимони синфҳои кӯдакон ва мушаввиқони гурӯҳҳои навҷавонон, истиқбол мекунанд. Дар бахшҳои 9 ва 10 баъзе фикру ақидаҳое оварда шудаанд, ки онҳоро дар ин навъ гуфтугӯҳо аз назар гузаронидан мумкин аст.

Барои қувват бахшидан ба қобилиятҳое, ки шахсонро барои оғоз кардан ва давом додани гуфтугӯҳои пурмазмун тавонманд месозанд, ин қисми китоб, албатта, бояд аз пешниҳоди мавзӯъҳои васеъ ва мазмуни мувофиқ фаротар бошад. Ба ғайр аз қобилияти равшан баён кардани фикрҳо, ширкаткунандагон бояд муносибатҳои зарурӣ ва хислатҳои руҳониро дар худ парвариш диҳанд. Ин муносибатҳо ва сифатҳои руҳонӣ асоси қисми зиёди достонҳоеро ташкил мекунанд, ки дар ин қисми китоб тадриҷан ривоят карда мешаванд, аммо аҳамияти онҳо барои ба даст овардани қобилиятҳои мавриди назар дар Бахши 4 равшан баён шудааст, ки дар он ширкаткунандагон оиди он ки чӣ эҳсосоте ва чӣ фикрҳое бояд дилҳо ва зеҳни моро ҳангоми омодагӣ ба мулоқоти хонагӣ пур кунанд, фикр мекунанд ва дар Бахши 5, онҳо дар бораи сифатҳои фурӯтанӣ ва хоксорӣ андеша меронанд. Роҳнамо моил аст, итминон ҳосил кунад, ки аз ҷониби ширкаткунандагон ба ин бахшҳо таваҷҷӯҳи кофӣ дода шавад, зеро новобаста аз он ки мо чӣ қадар дониш андӯхтаем, новобаста аз он ки мо то чӣ андоза фикру андешаҳоро хуб баён карда метавонем, самаранокии гуфтугӯҳои мо аз сифатҳо ва муносибатҳое, ки ба онҳо ҳамроҳанд, вобаста аст.

Бояд хотирнишон кард, ки иҷрои хидмаҳое, ки дар ин силсила китобҳо баён шудааст, ҳарчанд дар рушду тавсеъаи як ҷомеа аҳамияти марказиро дорад, он пеш аз ҳама унсурҳои равандест, ки аз пайи боло бурдани тавонмандии фардӣ аз тариқи омӯзиш ва амал аст. Он чизеро, ки ҳар як роҳнамо бояд дарк кунад, ин аст, ки ин амалҳо рӯйи ҳамдигар бино шуда, торафт аз ҷиҳати мураккабӣ меафзоянд. Барои омӯзиши самаранок, иҷро кардани ҳар як амали хидмат барои инкишоф додани қобилияти зарурӣ барои иҷрои амалҳои минбаъда, муҳим аст. Давом додани гуфтугӯи ҷорӣ дар тӯли якчанд мулоқоти хонагӣ, тавре ки дар ин китоб пешниҳод шудааст, бешубҳа нисбат ба фаъолияте, ки дар китоби 1, яъне баргузории як ҷамъомади мунтазам барои дуо, хоҳ мустақилона ва хоҳ дар ҳамкорӣ бо чанде аз дигарон, ташвиқ карда шудааст, мураккабтар аст. Ва ба осонӣ метавон дид, ки чӣ гуна барои иҷрои амалҳои мураккабтари хидмати дарпешистода, пешрафт дар қобилиятҳои дар ин ҷо зикршуда барои ширкаткунандагон муҳим хоҳад буд.

Тавре, ки дар муқаддимаи Китоби 1 зикр шуд, ширкаткунандагони курсҳои муассиса дар саросари ҷаҳон аз пешинаҳои гуногуне меоянд, ва аз оғоз бо таълимоти Баҳоӣ ба дараҷаҳои гуногун ошноӣ доранд. То он даме, ки онҳо ин китоби дуюмро шурӯъ мекунанд, онҳо воқеан, ҳама бо ҳам дар роҳи хидмате, ки бо василаи курсҳои пеш кушода шуда аст, қадам мезананд. Аммо баъзе аз фарқиятҳо боқӣ хоҳанд монд. Масалан, дар мавриди ҷавонон, агар онҳо аз барномаҳои таълимӣ барои кӯдакон ва навҷавонон баҳра набурда бошанд, бисёре аз изҳорот ва мавзӯъҳои дар китоб овардашуда барои онҳо нав хоҳанд буд ва омӯзиши он барои онҳо василае хоҳад буд, то дониши худро дар бораи Амр амиқтар гардонанд.

Роҳнамо бояд дар ин маврид омода бошад, ки инъитоф ва эҷодкориеро, ки барои дар ҳар як аъзои гурӯҳ парвариш додани фаҳм зарур аст, нишон диҳад ва боварӣ ҳосил кунад, ки имкон фароҳам кардааст, то ки онҳо дар гуфтугӯҳои пурмазмун ва рӯҳбаландкунанда, ки ҳадафи асосии курс аст, ширкат кардаанд. Илова бар ин, дар ҳазорон маҳалле, ки китоб истифода мешавад, раванди ҷомеасозӣ, ки ин се қисми китоб ба он кӯмак карданианд, дар ҳамон як марҳилаи вусъатёбӣ нест. Бинобар ин дар амал татбиқ намудани он чизе, ки омӯхта мешавад, аз як маҳалл ба маҳалли дигар то андозае метавонад шаклҳои гуногуне гирад, ва ин ҳам нишон медиҳад, ки роҳнамо бояд ба ниёзҳои ҳар яке аз аъзои гурӯҳи омӯзишӣ ҳангоми омӯхтани ин саҳифаҳо, ғамхорона ва дақиқона ҷавоб диҳад.



# Сурури таблиғ

## Мақсад

Дарки он, ки сурури таблиғ дар амал, дар аснои бо дигарон дар миён гузоштани Каломи Илоҳӣ пайдо мешавад.

# БАХШИ 1

Бархостан барои хидмат-дуввумин дар силсилаи курсҳои аз ҷониби Муассисаи Руҳӣ пешниҳодшуда мебошад, ки кӯшиши ба ҳам пайвастани омӯзиш ва амалро доранд. Ҳадаф ин аст, ки ба шумо дар пешравии минбаъда дар роҳи хидмате, ки воридаш шудаед, ҳангоми расидан ба ҳадафи дуҷониба: пайгирӣ кардани рушди руҳонӣ ва зеҳнии худ, ва саҳм гузоштан дар дигаргунсозии иҷтимоъ, кӯмак диҳанд. Аз иштироки худ дар курси якум, шумо бояд аллакай дарк карда бошед, ки роҳе, ки мо ба он ишора мекунем, бо як қатор амалҳои хидматӣ муайян карда мешавад, ки мо ин амалҳоро бо биниши ҳадафи назми нави ҷаҳонӣ, чунон ки дар Осори Ҳазрати Баҳоуллоҳ пешбинӣ шудааст, анҷом медиҳем. Ҳамин тариқ, қисми зиёди он чиро, ки мо "пеш рафтан дар роҳи хидмат" меномем, аз кӯшишҳои мо барои татбиқ кардани таълимоти Ӯ дар ҳаёти худ ва дар ҳаёти инсоният иборат аст. Худи Ӯ дар бораи Зуҳури Худ чунин баён мекунад:

> **“Эй бандагон, масали Зуҳури Поки Яктоиям мисли баҳрест, ки дар қаър ва умқи он лаълҳои пурарзиши дурахшони бешумор пинҳон бошад, ва ҳар ҷӯяндае, албатта, бояд камари ҷаҳд ва талаб баста, ба соҳили он баҳр дарояд, то қисмати пешбинишуда дар Алвоҳи ҳатмии пинҳонро, ба қадри талаб ва ҷаҳди худ бигирад.”[1]**

Дар ин қисми аввал дар бораи суруре тафаккур мекунем, ки дар вақти лаълҳои дар баҳри Зуҳури Ҳазрати Баҳоуллоҳ мавҷуд бударо кашф кардан ва бо дигарон дар миён гузоштан, қалби моро саршор мекунад.

> **“Каломи Илоҳӣ чароғест, ки нураш ин суханон аст: шумо меваи як дарахт ва баргҳои як шохсоред.”[2]**

> **“Маҳбубтарини чизҳо назди Ман Инсоф аст. Рӯй магардон аз он, агар мебошӣ ба сӯи Ман моил, ва ғафлат мадор аз он, то бошӣ барои Ман амин.”[3]**

> **“Имрӯзро нигарон бошед ва сухан аз имрӯз ронед.”[4]**

> **“Ҷамеъ аз барои ислоҳи олам халқ шудаанд.” [5]**

> **“Ҷаҳон фонӣ хоҳад шуд, ва он чи боқӣ аст Муҳаббатуллоҳ аст.”[6]**
> **(тарҷума)**

> **“Чароғи Ман туӣ, ва нур ва равшангар ҷароғи Ман дар ту аст. Пас нур бихоҳ, ва равшан шав ба он, ва ҷустуҷӯ макун ғайри Маро, зеро ба дурустӣ, ки Ман туро халқ фармудаам бениёз, ва қарор фармудам неъматро бар ту тамом!”[7]**

Шояд бихоҳед ин баёнотҳои кӯтоҳро ба тадриҷ аз бар намоед.

## БАХШИ 2

Барои шурӯъи машваратҳои худ дар бораи мавзӯъи аслии ин қисм, баёни аввал ки дар бахши қаблӣ нақл шударо дубора бихонед ва машқҳои зеринро анҷом диҳед:

1. Ҷумлаҳои зеринро комил кунед:

   а. Мо бояд албатта _____________________ баста, ба __________ баҳри Зуҳури Ҳазрати Баҳоуллоҳ _______________.

   б. Мо бояд ба соҳили он баҳри Зуҳури Ҳазрати Баҳоуллоҳ дароем, то __________________ пешбинишуда дар Алвоҳи ҳатмии пинҳонро, ба қадри талаб ва ҷаҳди худ бигирем.

   в. Қисмати пешбинишуда дар Алвоҳи ҳатмии пинҳон, ба қадри _______________ ва _______________ мо хоҳад буд.

2. Маънои “камари ҷаҳд бастан” чист __________________________ __________________________________________________________ ?

3. Маънои “камари ҷаҳд ва талаб баста ” чизеро гирифтан чист? __________________________________________________________ __________________________________________________________

4. Ҳар ҷӯянда “бояд камари ҷаҳд ва талаб бандад”, то чӣ чизеро бигирад? __________________________________________________ __________________________________________________________

5. Манзур аз ин, ки чизе ба "қадр" ва нисбати чизи дигаре бошад чист? __________________________________________________________ __________________________________________________________

6. Ҳазрати Баҳоуллоҳ ба мо мефармоянд, ки қисмати муқаддара дар Зуҳурашонро ба қадри талаб ва ҷаҳди худ хоҳем гирифт.

   а. Мисолҳое аз ҷаҳд барои гирифтани қисмати худ оваред: ______ _____________________________________________________ _____________________________________________________

______________________________________________________________

______________________________________________________________

______________________________________________________________

______________________________________________________________

б. Мисолҳои қисматҳоеро, ки “мегирем" оваред: ______________

______________________________________________________________

______________________________________________________________

______________________________________________________________

______________________________________________________________

______________________________________________________________

## БАХШИ 3

Бо донистани он, ки Амри Ҳазрати Баҳоуллоҳ монанди уқёнус, аст ва дар қаър ва умқи он лаълҳои пурарзиш пинҳон аст, мо бояд ниҳояти саъйю кӯшиши худро ба харҷ диҳем, то аз ин уқёнус ин ҳадяҳоро гирем ва дигаронро низ ба он расонем. Аммо, мо аз соҳили ин уқёнус чӣ қадар дур бошем? Ҳазрати Баҳоуллоҳ мефармоянд:

> **“Эй бандагон, қасам ба Худованди Ҳақ! Он Уқёнуси пурталотум ва хурӯшон ва мавҷзананда басе наздик ва қариб аст, балки қарибтар аз раги гардан. Дар як лаҳзае метавонед ба он файзи ҷовидонӣ, ва бахшиши Яздонӣ, ва ҷуди раҳмонӣ, ва саховати иззати Абҳо бирасед, ва даст ёбед.”**[8]

1. Ибораи “он Уқёнуси пурталотуми хурӯшон ва мавҷзананда” ба чӣ ишора дорад? ______________________________________

   ______________________________________________________________

2. Ин уқёнус чӣ қадар ба мо наздик аст? ______________________

   ______________________________________________________________

3. Бо чӣ суръате метавонем ба ин уқёнус бирасем ва даст ёбем? ____

   ______________________________________________________________

   ______________________________________________________________

4. Ҷумлаҳои зеринро комил намоед:

   а. Уқёнуси аъзами Зуҳури Ҳазрати Баҳоуллоҳ __________________
   наздик ва ___________________ аст;

б. Уқёнуси аъзами Зуҳури Ҳазрати Баҳоуллоҳ ба мо ___________ аз раги гардан аст.

в. Агар бихоҳем дар _______________ метавонем ба он Уқёнуси Зуҳури Ҳазрати _________________________________________ _______________ бирасем, ва _______________ ёбем.

г. Агар _________________ дар __________________ метавонем ба Уқёнуси Зуҳури Он Ҳазрат бирасем ва даст ёбем.

## БАХШИ 4

Пас аз расидан ба соҳили Уқёнуси Зуҳури Ҳазрати Баҳоуллоҳ аз ганҷҳои он баҳра мебарем, ва озодона ва бе ҳеҷ шарт лаълҳои ҳидояти Илоҳии дар он мавҷуд бударо бо дигарон дар миён мегузорем, ҷавоҳире бо мутолиа, дуо ва андешаронӣ ба андозаи ҷаҳду кӯшиши худ барои хидмат ба Амри он Ҳазрат ва навъи башар мудом кашф менамоем. Баёни зерин муқаддасии ин вазифаро доиман ба мо ёдоварӣ мекунад. Шояд бихоҳед муддате сарф кунед, ва онро аз бар намоед:

> **“Эй мусофир ба сӯи Худо! Насибатро аз ин баҳр бигир ва худро аз он чӣ дар он муқаддар шудааст, маҳрум масоз ва аз файзёфтагон бош. Агар ҳамаи онҳое, ки дар осмонҳо ва замин ҳастанд ба қатраҳое аз он ризқ гиранд, қатъиян дар даруни худ бо ғанои Худованди Муқтадир ва Алим ва Ҳаким ғанӣ хоҳанд шуд. Ба дасти инқитоъ кафе аз ин баҳри ҳаёт бигир, сипас аз он бар мавҷудот бирез, то ононро аз ҳудудоти башарӣ пок созад, ба Манзари Акбар, ин Қароргоҳи Муққаддас ва Мунир наздик намояд.”**[9]

## БАХШИ 5

Ҳамчунон, ки дар курсҳои муассиса ба пеш меравем ва мутолиаву иқдоми лозимаро аз рӯи онҳо анҷом медиҳем, қобилиятҳои мо барои хидмат рушд хоҳанд кард, ва мо метавонем хадамоте анҷом диҳем, қалби моро аз сурури азим пур хоҳанд кард, ва моро барои ба ҳақиқат пайвастани ҳадафи дуҷонибаамон мусоидат хоҳанд намуд: хадамоте мисли дарсҳои омӯзишӣ барои тарбияти руҳонии кӯдакон, ворид кардани навҷавонон ба барномаҳое барои тавондиҳии руҳонии онҳо, ва кӯмак ба гурӯҳҳое аз дӯстон дар мутолиаи китоби силсилаи аслии дарсҳо. Дар сар то сари ин сафар Каломи Илоҳӣ, ки бо дигарон аз ҷумлаи пиру ҷавон дар миён хоҳем

гузошт, манбаи илҳоми доимии мо хоҳад буд, барои ҳамин баҷо хоҳад буд, ки дар бораи қувваи Каломи Илоҳӣ ва таъсири он бар қалби инсон борҳо андеша ронем. Дар Навиштаи зер Ҳазрати Баҳоуллоҳ дар бораи ин қувваҳо сухан мегӯянд:

> **"Калимаи Илоҳӣ ба монанди ниҳол аст, манзил ва маконаш дилҳои бандагон аст. Бояд онро ба оби зиндагонии ҳикмат ва баён тарбият намоед, то решааш устувор гардад, ва шохааш аз осмон бигзарад."**[10]

1. Калимаи Илоҳӣ монанди чист? ______________________________

   ______________________________________________________

2. Реша ва шохаҳои дарахти Каламоти Илоҳӣ дар куҷост? _________

   ______________________________________________________

3. Чӣ тавр ин дарахтро рушд диҳем ва тарбият намоем? ___________

   ______________________________________________________

4. Ин дарахт то чӣ қадар баландӣ метавонад рушд кунад? _________

   ______________________________________________________

5. Дар чанд ҷумла шарҳ диҳед, ки чаро дар миён гузоштани Каламоти Илоҳӣ ба дигарон аҳамияти хеле бузург дорад?

   ______________________________________________________
   ______________________________________________________
   ______________________________________________________
   ______________________________________________________
   ______________________________________________________

## БАХШИ 6

Биёед акнун оиди фаъолияҳои гуногуне, ки дар зиндагии рӯзмарра моро машғул месозанд, фикр кунем. Мо ҷисми худро ғизо медиҳем ва нигоҳубин мекунем. Мо мутолиа мекунем, то дониши нав касб кунем ва қобиляти зеҳнии худро тараққӣ диҳем. Кор мекунем ва маҳоратҳое дар худ парвариш медиҳем, ки моро қодир месозад, то ба унвони узви самараноки иҷтимоъ зиндагӣ кунем. Мо варзиш ва истироҳат мекунем. Фаъолиятҳои сершуморе монанди инҳо, ки ҳама барои тараққии фикрӣ ва рифоҳи (беҳбудии) моддии мо муҳим аст, бахши зиёде аз вақти моро ишғол мекунад. Аммо дар ҳар рӯзе лаҳзаҳои хосе вуҷуд дорад, ки саршор аз

маънавият аст; замоне ки дуо ва муноҷот мекунем, ба танҳоӣ ё бо дигарон барои зиёдтар ва амиқтар шудани дониши худ нисбати Таолими Илоҳӣ мепардозем, ё вақте, ки аз роҳҳо ва имкониятҳои гуногун истифода бурда ба атрофиёни худ кӯмак мекунем, то лаълҳои дар Уқёнуси Зуҳури Ҳазрати Баҳоуллоҳ ниҳон бударо кашф кунанд. Оё ин лаҳзаҳо беандоза пурқиммат нестанд? Оё сурури азимтаре аз он, ки битавонем аз ин баракати малакутӣ баҳра барем, вуҷуд дорад?

Бояд ҳамеша ба ёд дошта бошем, ки чӣ гуна Ҳазрати Абдулбаҳо моро ташвиқ мефармуданд, ки ҳастии худро барои таолии (баланд шудан) навъи башар бибахшем:

> **"Ҳамаи мо дар мақсади Малакутӣ иттиҳод ёфтаем, мақсадҳои моддӣ надорем, орзуе ҷуз нашри нафаҳоти Илоҳӣ дар ҷамеъи олам надорем."**[11 тарҷума]

Фарз кунем, ин имконият барои шумо пайдо мешавад, ки яке аз Навиштаҳоеро ки аз бахши аввал азбар намудаед, бо дӯстон дар миён гузоред. Сururе, ки дар қалби худ эҳсос мекунед, аз куҷо пайдо мешавад? Табиист, ки умедворед, Каламоти Ҳазрати Баҳоуллоҳ сабаби сурур ва рӯҳбаландшавии дӯстони шумо шавад. Аммо агар онҳо иштиёқе, ки шумо интизораш ҳастед, нишон надиҳанд чӣ? Оё сурури қалби шумо ба осонӣ маҳв мешавад? Чаро на?

________________________________________________________________

________________________________________________________________

________________________________________________________________

________________________________________________________________

________________________________________________________________

## БАХШИ 7

Вақте мо мефаҳмем, ки аз ҳамаи он амалҳое, ки дар зиндагии худ мекунем, лаҳзаҳое, ки Каламоти Илоҳиро бо дигарон дар миён мегузорем, баракати махсусеро доро ҳастанд, ба натиҷаҳои бисёр муҳим мерасем: суруре, ки аз хидмат ба даст меорем, дар худи амал нуҳуфта аст. Албатта умедворем хадамоте, ки анҷом медиҳем, натиҷаҳои пурарзише ба самар оваранд, аммо агар беш аз ҳад ба натиҷа вобаста бошем, агар беш аз ҳад дар зери таъсири таҳсин ё танқид қарор гирем, сурури таблиғро аз даст хоҳем дод. Он чи ки моро бояд барои хидмат кардан моил созад, муҳаббати Илоҳӣ аст, на талаби муваффақият, манфиат ё шӯҳрат. Инқитоъ (дилбастаги надоштан) аз ҳамаи ин мавридҳо шарти лозима барои хидмати

саршор аз сурур аст. Мутолиаи Навиштаҳои зер ба шумо дар андешаронӣ бар ин мавзӯъ кӯмак хоҳад кард:

> **“Эй соҳиби ду чашм! Чашме барбанд ва чашме баркушо: барбанд, яъне аз олам ва оламиён, баркушо, яъне ба Ҷамоли Қудси Ҷонон.”** [12]

> **“Эй дӯстон! Ба ҷамоли фонӣ аз ҷамоли Боқӣ магузаред, ва ба хокдони туробӣ дил мабандед.”**[13]

> **“Эй Писари Баён! Рӯй овар бар рӯи Ман, ва руй бигардон аз ғайри Ман, зеро ба ростӣ ки подшоҳии ман боқӣ аст, ҳаргиз аз байн намеравад, ва султонии Ман доим аст, ҳеҷ гоҳ дигаргун намешавад, ва агар биталабӣ ба ҷуз Маро, ҳаргиз намеёбӣ, агар ҷустуҷӯ кунӣ дар олами ҳастӣ, барои ҳамеша!”**[14 тарҷума]

> **“Эй Бегонаи бо Ягона! Шамъи дилат барафрӯхтаи дасти қудрати Ман аст, онро ба бодҳои мухолифи нафс ва ҳаво хомӯш макун, ва табиби ҷамеъи иллатҳои ту зикри Ман аст, фаромӯшаш манамо. Ҳубби Маро сармояи худ кун, ва чун басар ва ҷон азизаш дор.”**[15]

> **“Инқитоъ офтобест, ки чун аз уфуқи осмони нафсе бидурахшад, оташи ҳирс ва худхоҳиро дар он хомӯш намояд... Ба ростӣ касе, ки чашмаш ба нури шиносоӣ боз шуд, аз ҷаҳон ва он чи дар ӯст мунқатеъ (вораста) шавад... Нагузоред дунё ва фурумоягии он шуморо ғамгин намояд. Хушо ба ҳоли касе, ки дороӣ аз такаббур, ва фақр аз ҳузн саршораш насозад.”**[16]

1. Оё мунқатеъ будан "ворастагӣ" аз ин дунё, яъне монанди як дарвеши тарки дунёӣ зиндагӣ кардан аст? ____________________________

2. Оё мумкин аст аз ин ҷаҳон мунқатеъ бошем, ва дар айни замон дорои моддиёт ва чизу чора бошем? __________________________

3. Оё фарде, ки амлан ҳар соати ҳаётро ба кори худ мебахшад, аз ашёи ин олам мунқатеъ аст? ______________________________________

4. Оё фарде, ки фақат ба андозае кор мекунад, ки эҳтиёҷоти асосии худро бартараф созад, ва боқии замон худро ба ҳеҷ коре машғул намесозад, аз ин олам мунқатеъ аст? _________________________

5. Оё фарде, ки қодир ба тоқат кардан ба заҳмати моддӣ дар майдони хидмат нест аз олам мунқатеъ аст? ____________________________

______________________________________________________________

6. Илова бар дороиҳои моддӣ чизҳои зиёде вуҷуд дорад, ки мумкин аст ба онҳо вобаста бошем.

– Ба чӣ чизе вобаста хоҳед буд агар фарде хоҳад буд, ки вақте хидмате анҷом медиҳад ва касе қадри онро намедонад, аз он даст мекашад.

________________________________________________________

– Вақте касе афкореро, ки ӯ баён мекунад, намепазиранд, ӯ руҳияи худро аз даст медиҳад. __________________________

________________________________________________________

– Боварихои худро аз тарси инкори дигарон пинҳон мекунад. __

________________________________________________________

7. Инқитоъ ин канорагирӣ аз дигарон ё камаҳамиятӣ нест. Кадом як аз ин мавридҳои зер мумкин аст нишонаҳои ин бошад, ки фард мунқатеъ нест?

_____ Масрур шудан аз пешрафти дигарон.

_____ Барҳам додани дарсдиҳӣ дар як синф, вақте, ки чанде аз кӯдакон бадрафторӣ мекунанд.

_____ Фахр кардан ва таъриф кардани дастовадҳои худ.

_____ Бисёр мутолиа кардан ва бо пешрафти ба даст омада розӣ будан.

_____ Дар шуғли худ барои камол ба дараҷаи олитарин кӯшидан.

_____ Покизагиро пеша кардан ва хонаро тоза ва батартиб нигоҳ доштан.

_____ Ғамхорӣ кардани дороиҳои худ.

_____ Барои беҳбудии дигарон ғамхорӣ кардан..

_____ Дилсард шудан вақте, ки барои саъйю кӯшиши худ таҳсин намешавем.

8. Инқитоъ барои ҳар яки мо чунон муҳим аст, ки пешниҳод мешавад тамоми ин Навиштаҳоро аз бар намоем.

# БАХШИ 8

Ба манзури дарёфти баракати як зиндагии пурсурур ва саршор аз хидмат ба навъи башар, бояд моил ба саъю кӯшиш бошем ва саъйю кӯшиши мо мумкин аст ба як андоза фидокорӣ эҳтиёҷ дошта бошад. Мо калимаи "фидокориро" ба такрор дар зиндагии рӯзмарраи худ ба кор мебарем. Агар яке аз дӯстон аз сафаре бармегардад, мумкин аст барвакт аз хоб бархезем, то барои истиқбол гирифтани ӯ биравем. Шояд бигӯем, ки чанд соат аз хоби худро фидо намудаем. Яке аз азизони мо бемор мешавад, ва мо барои чанд соате аз саргармии дӯстдоштаи худ чашмпӯшӣ мекунем, то ӯро нигоҳубин намоем. Мавқеиятҳое дар зиндагӣ ҳастанд, ки бисёр зиёд кор мекунем, ва мумкин аст фикр кунем, ки барои расидан ба ҳадаф роҳати худро фидо мекунем.

Ниҳоят орзуи ҳамаи мо он аст, ки ба Амри Муборак хидмат намоем ва вақту қувваи худро, ва ҳар қадар мумкин аст, қисмате аз манбаҳои моддии худро саховатмандона мебахшем. Вақте чунин мекунем, бояд ба ёд дошта бошем, ки дар роҳи хидмат аз чизҳои дунё даст мекашем, аммо он чӣ дар иваз дарёфт мекунем сурури ҳақиқӣ аст, ки бо рушди руҳонӣ ба даст меояд. Дар дарсҳои оянда имконият хоҳем дошт, ки бештар дар бораи моҳияти фидокорӣ андеша ронем. Муҳим он аст, ки аз оғоз бифаҳмем, ки фидокорӣ яъне досткашидан аз умури пасттар барои дастёбӣ ба умури олитар аст, мисли он ки дона худро фидо мекунад, то дарахте битавонад аз он бисабзад. Фидокорӣ сурур меоварад, ва ин сурурро бо роҳи дигаре нахоҳем ёфт, магар ин, ки ҳозир бошем, доиман саъйю кӯшиш ба харҷ диҳем.

Ҳазрати Баҳоуллоҳ мефармоянд:

> **“Ҳиммате бояд, то дар талабаш кӯшем; ва ҷаҳде бояд, то аз шаҳди васлаш нӯшем; агар аз ин ҷом нӯш кунем, оламе фаромӯш кунем.”[17]**

Ва Ҳазрати Абдулбаҳо чунин мефармоянд:

> **“...пас ором нагиред, роҳат наталабед, ба лаҳзаҳои ин ҷаҳони фонӣ олуда машавед. Аз ҳар қайде озод гардед. Ба ҷон ва дил бикӯшед, ки дар Малакути Илоҳӣ қудрат ва макони том ёбед, ганҷи осмонӣ ба даст оред, рӯз ба рӯз рӯшантар шавед ва ба даргоҳи Якто наздиктар гардед.” [18]**

Ҳама боварӣ дорем, ки барои ба даст овардани ҳадафҳои худ бояд кӯшиш кунем, аммо фақат ин боварӣ, далолати заминаи муайяне дар амал дорад, ки набояд онҳоро фаромӯш кунем. Аз ҷумла зарурӣ аст, ки ба ёд дошта бошем, ки байни мизони энержии лозима барои як ҳадаф ё вазифаи

дар пеши мо буда, ва саддҳои душвории он таносуб вуҷуд дорад. Агар фикр кунем, ки бо камтаре аз энержи ва саъю кӯшиш метавонем ба он ҳадаф расем, худро фиреб додаем, вале миқдори саъю кушиши лозима ягона омиле нест, ки бояд дар назар гирифт. Устуворӣ ва суботкорӣ дар амал ҳам лозиманд. Бояд тамаркуз (фокус) кунем. Одати ба охир расонидани вазифаҳо ва аз як чиз ба чизи дигар напаридан ва корро нотамом напартофтан ҳам, зарур аст. Кӯшишҳои нисфа ва нима натиҷае дар бар надоранд. Як синфи ҳар ҳафтаинаро барои тарбияти руҳони кӯдакон тасаввур кунед. Муаллим бояд чанд соати муайянеро барои омода шудан барои ҳар дарс бибахшад. Дар сар то сари он вохурӣ ӯ бояд комилан ба кори худ , яъне кӯмак додан ба донишомӯзон дар дарки мазмуни дарс, бодиққат бошад. Мулоқотҳои муназзам бо волидайни кӯдакон дошта бошад, ва пешрафти ҳар кадоме аз кӯдаконро пайгирӣ кунад. Агар дар синф муаллим фақат гоҳе барои дарс омода шавад, ҳар вақт хаста аст, дарсро зудтар ва ба таври ногаҳонӣ ба поён расонад, барои фикрронӣ барои вазъияти кӯдак ва сӯҳбат дар бораи пешрафти ӯ бо волидайнаш вақти кофӣ нагузорад, чунин синф чӣ сарнавиште хоҳад дошт? Агар муаллим бо хоҳиши дили худ барои анҷом додани кори дигаре, монанди вақтгузаронидан бо дӯсте, ки аз шаҳри дигар омадааст, синфро таътил кунад, чӣ хоҳад шуд?

Мақсад аз баёни ин чанд нукта мӯътақид кардани мост, ки бояд ҳам ба мизон ва ҳам ба кайфияти саъйе, ки ҷаҳду кӯшиши мо металабад, аҳамият диҳем. Ин мавзӯъ на танҳо дар хусуси хидматҳое, ки анҷом медиҳем дуруст аст, балки ба ҳамон тартиб барои парвариши худи мо низ ба кор меояд. Ҳатто одатҳои руҳоние, ки дар китоби аввали ин маҷмӯа дар назар гирифтаем, яъне дуои муназзам, хондани Осори Муборака дар ҳар рӯз, тафаккур дар бораи мутобиқ кардани зиндагии худ бо Таолими Муборака, ширкат аз самими қалб дар ҷаласоти дуо, эҳтиёҷ ба кӯшиши доимӣ дорад. Дар зери гузораҳое, ки дар бораи саъйю кӯшиш омадаст, тасмим гирифтан дар бораи он, ки кадомашон дуруст аст, ба шумо кӯмак хоҳад кард, то дар бораи ин масъала бештар андеша ронед.

_____ Агар зирак ҳастед, лозим нест бисёр кор кунед.

_____ Чаро роҳи тӯлонӣ биравӣ, ҳамеша бояд миёнабур пайдо кунӣ.

_____ Нобурда ранҷ ганҷ муяссар намешавад.

_____ Орзуҳои бузург дошта бош; орзуҳоят ба даст хоҳад омад.

_____ Барои дастёфтҳои бузургтар, кӯшиши бештаре лозим аст.

_____ Ҳар чи кӯшиш бештар, подош ширинтар.

_____ Агар дар ибтидо муваффақ нашудед, бикӯшед, ва боз бикӯшед.

_____ Чаро кор кунӣ вақте битавонӣ дигаронро ба кор андозӣ, то он корро бароят анҷом диҳанд?

_____ Агар коре кӯшиши беш аз ҳад металабад, қарор нест анҷом ёбад.

_____ Қадамҳои хурде, ки ба такрор ва паепай метавонанд ба натиҷаҳои бузурге бирасонанд.

_____ Ҳеҷ чизи боарзиш ба роҳатӣ ба даст намеояд

_____ Расидан ба камолот ниёзманди ӯҳдадории комил аст

_____ Сафари ҳазор фарсахӣ бо як қадами хурд оғоз мешавад

_____ Муваффақияти ҳаддиақал (минимум) кофӣ нест

_____ Набояд мунтазири омади кор бошем, бояд аз паи он кор бошем.

_____ Муваффақият – натиҷаи омади кор аст.

_____ Бо мӯъҷиза ба ҳадафи дуҷонибаи худ нахоҳем расид.

_____ Бояд ҳар рӯз ба худ ҳисобот диҳем.

Мо роҳи хидматро мепаймоем ва мекӯшем аз назари руҳонӣ рушд кунем, ва дар пешрафти ҷомеа мушорикат кунем. Возеҳ аст, ки аз паи ин ҳадафи дуҷониба шудан, эҳтиёҷ ба кӯшиши бисёре аз ҷониби мо дорад. Ҳазрати Баҳоуллоҳ мефармоянд:

> **"Офаринандаи Якто мардумро яксон офаридааст, ва ӯро бар ҳамаи офаридагон бузургӣ додааст. Пас баландӣ ва пастӣ, ва бешӣ ва камӣ вобаста ба кӯшиши ӯст. Ҳар ки бештар кӯшад, бештар равад."**[19]

Шояд бихоҳед Навиштаи болоро агар то ҳол аз бар накардаед, ба хотир бисупоред.

## БАХШИ 9

Барои он ки битавонем аз хидмат сурур ҳосил кунем, бояд чанде аз муносибатҳоро дар худ парвариш диҳем. Масалан, бояд аз баракати хидмат, ки Худованд ба мо ато фармудааст шукргузор бошем. Қобили тасаввур нест, ки дар аснои он, ки ба Амри Илоҳӣ хидмат мекунем, гӯё ки ба Худо марҳамат мекарда бошем. Ҳамчунон бояд ёд гирем, ки аз бадбинӣ

парҳез кунем. Ва бо назари хушбинона нисбат ба олам, ба ҳаёт, рӯ оварем. Монеаҳоро дар роҳи хидмат метавон ба пиллаҳо барои пешрафти бештаре табдил дод. Ҳатто дар миёни душвориҳо, бо чашмони пур аз имон ба оянда менигарем. Баёноти зер аз Ҳазрати Абдулбаҳо ба хушбинӣ ва умеде, ки бояд ба саъйҳои мо хос бошад, ишора доранд:

> **"Дона дар аввал бисёр хурд аст, вале оқибаташ дарахти азим. Набояд назар дар дона кард, балки бояд назар ба дарахт намуд, ва шукуфаҳо, ва барг, ва самарҳои гуногун."[20]**

> **"Пас аҳамияти ин донаро бидонед, ки онро Деҳқони ҳақиқӣ дар киштзорӣ Илоҳӣ ба дасти раҳмати Худ афшонда, аз файзи борони мавҳибат об дода, ва аз ҳарорат ва зиёи Шамси Ҳақиқат парвариш медиҳад."[21]**

> **"Агар дарахтеро дар рушду нашъу намо ёбӣ, ба самарааш умедвор бош. Дар ниҳоят шукуфа диҳад, ва самар ба бор орад. Чун чӯби хушк ё дарахти фарсуда бинед, умеде аз самар нест"[22] (тарҷума)**

> **"Пас бояд аҳиббои Илоҳӣ ин дарахтро аз ҷӯйбори ҳиммат обёрӣ кунанд ва ба нашъунамояш бипардозанд".[23]**

> **"Агар қалби инсон ба Худо тааллуқ наёбад ба чи чиз хуш гардад. Агар умед ба Худо надошта бошад ба чи чизи ин ҳаёти дурӯзаи ин дунё дил бандад."[24]**

Ба манзури андеша ба баёни боло ҷумлаҳои зеринро комил кунед:

1. Дона дар аввал хурд аст, вале дар оқибат ____________________ .
2. Мо набояд назар ба дона кунем, балки назар дар _______________ _______________________________________________________ .
3. Пас бояд аҳамияти ин донаро бидонем, ки Худованд ___________ ________________________________________________________ ________________________________________________________ _______________________________________________________ .
4. Агар дарахтеро дар рушд ва нашъунамо ёбем, мо бояд __________ _______________________________________ .
5. Агар дарахтеро дар рушд ва нашъунамо ёбем, бояд _____________ ________________________ умедвор бошем.

6. Бояд ________________ аз ҷӯйбори ҳиммат ___________________.

7. Агар қалби инсон ба Худо тааллуқ наёбад, ____________________
_______________________________________________________ .

8. Агар қалб умед ба Худо надошта бошад, ______________________
_____________________________ .

Ҳоло лаҳзае андеша ронед: Оё мувофиқ ҳастед, ки руҳияи босурур ва боумеди мо, ҳамроҳ бо ҳолати шукргузории хоксорона, манбаи сурур ба дигарон аст? Биёед ҳамеша дар зеҳн дошта бошем, ки дар аснои қиём барои хидмат кардан ба Амри Муборак, мо ҳомили башорати тулуъи Рӯзи наве ҳастем, Рӯзи ягонагии навъи башар. Бошад, ки ин Каламоти Ҳазрати Баҳоуллоҳ дар қалбамон танинандоз гардад:

> **"Хушо ба ҳоли касоне, ки омиланд, хушо ба ҳоли касоне, ки орифанд, хушо ба ҳоли касоне, ки ба ҳақиқат тамассук варзиданд, дар ҳоле ки аз ҳар он чӣ ки дар осмонҳо ва заминанд, мунқатеанд."**[25тарҷума]

# МАРОҶЕЪ

1. *Gleanings from the Writings of Bahá'u'lláh* (Wilmette: Bahá'í Publishing Trust, 1983, 2017 printing), CLIII, par. 5, p. 369.
2. Ibid., CXXXII, par. 3, p. 326.
3. Bahá'u'lláh, *The Hidden Words* (Wilmette: Bahá'í Publishing Trust, 2003, 2012 printing), Arabic no. 2, p. 3.
4. *Gleanings from the Writings of Bahá'u'lláh*, CVI, par. 1, p. 241.
5. Ibid., CIX, par. 2, p. 243.
6. Bahá'u'lláh, in *Women: Extracts from the Writings of Bahá'u'lláh, 'Abdu'l-Bahá, Shoghi Effendi and the Universal House of Justice*, compiled by the Research Department of the Universal House of Justice (Wilmette: Bahá'í Publishing Trust, 1986, 1997 printing), no. 53, p. 26.
7. *The Hidden Words*, Arabic no. 11, p. 6.
8. *Gleanings from the Writings of Bahá'u'lláh*, CLIII, par. 5, p. 370.
9. Ibid., CXXIX, par. 1, p. 316.
10. Ibid., XLIII, par. 9, p. 109.
11. From a talk given on 19 November 1911, published in *Paris Talks*: *Addresses Given by 'Abdu'l-Bahá in 1911* (Wilmette: Bahá'í Publishing, 2006, 2016 printing), no. 32.2, p. 121.
12. *The Hidden Words*, Persian no. 12, p. 26.
13. Ibid., Persian no. 14, p. 26.
14. Ibid., Arabic no. 15, p. 7.
15. Ibid., Persian no. 32, p. 33.
16. Bahá'u'lláh, in *The Bahá'í World: Volume One, 1925–1926* (Wilmette: Bahá'í Publishing Trust, 1926, 1980 printing), p. 42.
17. *The Call of the Divine Beloved: Selected Mystical Works of Bahá'u'lláh* (Haifa: Bahá'í World Centre, 2018), no. 2.12, p. 17.
18. *Tablets of the Divine Plan: Revealed by 'Abdu'l-Bahá to the North American Bahá'ís* (Wilmette: Bahá'í Publishing Trust, 1993, 2006 printing), no. 13.6, pp. 95–96.
19. *Gleanings from the Writings of Bahá'u'lláh*, XXXIV, par. 8, p. 91.
20. *Selections from the Writings of 'Abdu'l-Bahá* (Wilmette: Bahá'í Publishing, 2010, 2015 printing), no. 40.3, pp. 118–19.

21. Ibid., no. 40.3, p. 119.

22. From a talk given on 11 May 1912, published in *The Promulgation of Universal Peace: Talks Delivered by ‘Abdu’l-Bahá during His Visit to the United States and Canada in 1912* (Wilmette: Bahá’í Publishing, 2012), par. 2, p. 153.

23. *Selections from the Writings of ‘Abdu’l-Bahá*, no. 206.13, pp. 356–57.

24. From a talk given by ‘Abdu’l-Bahá on 21 November 1911, published in *Paris Talks*, no. 34.8, p. 133.

25. Bahá’u’lláh, *Epistle to the Son of the Wolf* (Wilmette: Bahá’í Publishing Trust, 1988, 2016 printing), p. 139.



# Гуфтугӯҳои сурурангез ва таолибахш

## Ҳадаф

Ба даст овардани тавоноии ғунҷонидани усули руҳонӣ дар сӯҳбат

# БАХШИ 1

Дар қисми якуми ин китоб мо дар бораи сурури беандозае, ки аз амали мубодилаи Каломи Худо ба дигарон мегирем, сухан меравад. Вақте ки мо дар роҳи хидмат қадам мезанем, барои мо имкониятҳои зиёде пайдо мешаванд, то бо дӯстон ва шиносон дар бораи фаҳмишҳое, ки мо аз Зуҳури Ҳазрати Баҳоуллоҳ ба даст меорем, гуфтугӯ кунем. Аз ҷумлаи қобилиятҳои муҳимтарине, ки ҳамаи мо бояд дар худамон парвариш диҳем, онҳоянд, ки ба мо имкон медиҳанд, дар сӯҳбати пурмазмун ва таолибахш (рӯҳбаландкунанда) саҳм гузорем. Ҳадафи ин қисми китоб ва қисми оянда он аст, ки ба шумо дар ин самт кӯмак расонад. Дар ин ҷо шумо ба он ки чӣ гуна, вақте ки имконият талаб мекунад, метавон сатҳи сӯҳбатро бо ишора ба принсипҳои руҳонӣ баланд бардошт, аҳамият хоҳед дод. Дар қисми баъдии китоб, шумо дар бораи он тафаккур хоҳед кард, ки чӣ гуна як силсила сӯҳбатҳоро дар мавзӯъҳои муайян, ҳамчун як қисми кӯшиши систематикӣ барои сохтани як ҷомеаи пурқувват, дар деҳа ё маҳаллаи худ оғоз, ва давом диҳед.

Он чизе, ки мо дар бахшҳои баъдӣ анҷом хоҳем дод, баррасии чанд изҳорот дар мавзӯъҳои гуногун аст, ки ҳарчанд иқтибосҳои дақиқ набошанд ҳам, ҳама бар асоси суҳбатҳо ва Алвоҳи Ҳазрати Абдулбаҳо ҳастанд, ва аз ҷумлаи бисёре аз ибораҳои истифодакардаи Ӯ ҳастанд. Шумо бояд ҳар як изҳоротро чанд маротиба хонед, пайдарпайии ғояҳоро муайян кунед, ва бо навбат бо дигар аъзоёни гурӯҳи худ, онҳоро гуфта диҳед, то даме, ки тавонед онҳоро ба осонӣ, ва ба таври табиӣ баён кунед. Ин машқ ба шумо кӯмак мекунад то дар мавридҳои мувофиқе, ки метавон дар пешбурди суҳбат аз таълимоти Амр истифода бурд, ба осонӣ сухан гӯед.

Шумо дар ин бахш, албатта, аз ёд кардани иқтибосҳо аз Навиштаҳоро идома медиҳед, зеро онҳо қудрати хосе доранд, ки ба дили инсон таъсир мерасонад, ва вақте, ки онҳо дар нутқи шумо ғунҷонида мешаванд, ба шунаванда таъсири амиқе хоҳанд расонд. Аммо дар сӯҳбат аз Навиштаҳо иқтибос овардан ҳикматро талаб мекунад. Барои он эътидол лозим аст, то ин ки мувозинатро байни иқтибосҳои мустақим аз Навиштаҳо овардан, ва истифодаи каломи худ барои шарҳ додани таълимоти Амр, нигоҳ дорем. Барои ноил шудан ба ин мувозинат, шумо бояд вақт, ва қувваи зиёдеро барои омӯзиши Навиштаҳо сарф кунед, то гузоред, ки онҳо фикрҳо ва эҳсосоти шуморо шакл диҳанд.

# БАХШИ 2

Аввалин изҳороте, ки аз шумо хоста мешавад онро биомузед, оиди эҳтиёҷи инсоният ба Мураббиён аст.

> Ҳангоме, ки мо ба олами ҳастӣ менигарем, мебинем, ки олами маъданҳо, наботот, ҳайвонон ва инсонҳо – ҳар кадоми онҳо ба мураббӣ ниёз доранд. Боғ ниезманди боғбон аст. Замин барои он ки ҳосили фаровон диҳад ниезманди деҳқон аст. Агар инсон танҳо, дар биёбон гузошта шавад, ӯ равиши ҳайвонро пеш хоҳад гирифт. Агар тарбия шавад, метавонад ба қуллаҳои баландтарини муваффақият расад. Агар мураббиён намебуданд, тамаддун вуҷуд намедошт.
>
> Тарбият се навъ аст: ҷисмонӣ, инсонӣ ва руҳонӣ. Тарбияти ҷисмонӣ ба нашъунамои ҷисм рабт дорад. Тарбияти инсонӣ марбут ба маданият ва тараққӣ аст, ва бо ҳукумат ва назми иҷтимоъ, ва рифоҳ ва саодати башар, тиҷорат ва саноат, ҳунар ва илмҳо, кашфиётҳои бузург ва машруҳоти (тадбирҳои) азим сарукор дорад. Тарбияти руҳонӣ шомили ба даст овардани камолоти илоҳӣ аст. Ин тарбияти ҳақиқӣ аст, зеро бо кӯмаки он моҳияти руҳонӣ ва волои (олии) инсон тараққӣ менамояд.
>
> Олами инсонӣ барои пешрафт эҳтиёҷ ба як мураббӣ дорад, ки барои тарбияти ҷимонӣ, инсонӣ ва руҳонӣ салоҳияти (эътибори) рӯшан дошта бошад. Агар шахсе бигӯяд ман камоли ҳушро дорам ва эҳтиёҷе ба чунин мураббӣ надорам, чизи возеҳ ва ошкорро инкор мекунад. Монанди он аст, ки кӯдаке бигӯяд: "Ман эҳтиёҷ ба тарбият надорам, бар асоси мантиқ ва ҳуши худ амал мекунам ва ба танҳоӣ ба камол хоҳам расид".
>
> Олами инсонӣ ҳамеша ниёзманди чунин мураббии комил будааст, касе ки битавонад ба он кӯмак кунад, то масъалаҳои ба ғизо ва саломатии ҷисм рабтдоштаро сомон диҳад, онро дар пешбурди дониш ихтироъ ва иктишоф илҳом бахшад, ва муҳимтарин аз ҳама, ҳаёти руҳро дар он бидамад. Ҳеҷ инсони оддӣ наметавонад ин вазифаҳои душворро ба анҷом расонад. Фақат Мазоҳири Зуҳури Илоҳӣ қудрати анҷоми онҳоро доранд. Онҳо нуфуси баргузидае (интихобшуда) ҳастанд, ки Худованд дар замонҳои мухталиф мефиристад, то Мураббиёни кулли башар бошанд.

1. Дар гурӯҳи худ изҳоротро якчанд маротиба хонед, ва ба ҳамдигар кӯмак кунед, ки мазмуни онро хуб омӯзед. Шумо бояд саволҳои марбут ба ғояҳои пешниҳодшударо аз якдигар пурсед ва он ғояҳоро ба таври табиӣ ва ба осонӣ баён кунед.

2. Сипас дар гурӯҳи худ гуфтугӯ кунед, ки чӣ тавр метавон ғояҳоеро, ки баёни онҳоро дар ин ҷо ёд гирифтаед, дар як сӯҳбат ворид кард. Возеҳ аст, ки қарор нест, ки ба дӯстони худ ногаҳон бигӯед, ки тарбият се навъ аст. Бинобар ин муносиб хоҳад буд, ки дубора он навъи аксуламале, ки афкори боло ба онҳо рабт доранд, фикр кунед. Шояд масъалаи мавриди баррасӣ-вайроншавии ахлоқии иҷтимоъ, ё роҳи коркардан барои беҳсозии олами башар. Дар бораи гуфтугӯҳои гуногун, ки бо аъзои хонавода ва дӯстон доред, андеша ронед. Дар миёни масъалаҳое, ки зеҳни онҳоро машғул кардааст, оё мавридҳое ҳастанд, ки барои гуфтугӯҳо дар атрофи ин матн муносиб бошанд?

_______________________________________________________

_______________________________________________________

_______________________________________________________

_______________________________________________________

_______________________________________________________

3. Аксар вақт ҳангоми сӯҳбат оиди мавзӯъҳое, ки шумо ҳоло омӯхтаед саволҳое ба миён меоянд. Агар касе бипурсад: "Шумо кадом Мураббиёнро дар назар доред?", шумо чӣ ҷавоб медиҳед?

_______________________________________________________

_______________________________________________________

_______________________________________________________

4. Дар зер чанд Навиштаи Муборак аз Осори Ҳазрати Баҳоуллоҳ, ки ба ниёзҳои навъи башар ба Мураббӣ рабт дорад, омадааст. Дар бораи онҳо фикрронӣ кунед ва ҳадди ақал, яке аз онҳоро аз бар намоед. Ба ин тартиб хоҳед тавонист, ки Навиштаҳое аз Осори Муборакаро ҳар гоҳе, ки муносиб бошад, дар гуфтори худ биғунҷонед.

**"Ҳама аз барои пеш бурдани тамаддуне, ки доиман дар ҳоли пешрафт аст, халқ шудаанд."[1]**

**"Ҳақ бузург аст бузургии Ӯ, омадааст то, ки ҷавоҳири маъниҳоро аз маъдани инсонӣ намудор созад"[2]**

**"Хости Яздон аз падидории Фиристодагон ду чиз буд. Нахустин-раҳонидани мардумон аз тирагии нодонӣ, ва раҳнамоӣ ба рушаноии доноӣ. Дуюм – осоиши онҳо, ва шинохтан ва донистани роҳҳои он."[3]**

**"Дар ҳар ҳол пандомӯз, ва раҳнамо, ва шиносонанда, ва муаллим лозим."[4]**

# БАХШИ 3

Сархатҳои зерин тасвир мекунанд, ки чӣ тавр Худоро танҳо тавассути Мазоҳири Зуҳури Ӯ шинохтан мумкин аст. Ин матн ҳангоми суҳбат бо дӯстон бароятон судманд хоҳад буд:

> Кайҳони бекаронро дар назар бигиред. Оё мумкин аст, ки офариниши он Офарандае надошта бошад? Оё офаридагон ҳаргиз метавонанд ки воқеияти Офаринандаро дарк кунанд? Агар дар сар то сари офариниш назар кунем, мебинем, ки ҳар чӣ поинтар аст, аз дарки он чи, ки фаротар аст, нотавон аст. Аз ин рӯ, санг ва дарахт ҳарчанд инкишоф ёбанд ҳам, ҳаргиз наметавонанд қувваи биной ва шунавоиро тасаввур кунанд. Ҳайвон ҳаргиз наметавонад воқеияти инсонро дарк кунад, ва аз қувваҳои рӯҳи инсон огоҳ шавад. Пас мо, офаридагон, чи гуна метавонем воқеияти Офаринандаи худро дарк кунем?
>
> Ҳарчанд фаҳмиши мо ҳеҷ гоҳ ба Худо расида наметавонад, мо аз шинохти Ӯ маҳрум нестем. Гоҳ-гоҳе дар рӯи замин як Вуҷуди махсусе зоҳир мешавад, ки Мазҳари Зуҳури Худованд аст. Тамоми камолот, фазлу лутфу ҷалоле, ки аз они Худост, дар ин Мазоҳири Муқаддаси Илоҳӣ намоён аст, монанди нурҳои хуршед, ки дар оинаи равшан ва сайқалёфта зоҳир мешаванд. Агар гуфта шавад, ки оина хуршедро инъикос мекунад, ба ин маъно нест, ки хуршед аз авҷи худ поён омада ва дар оина ҷой гирифтааст. Ба ҳамин тартиб Худо аз малакути тақдис ба ин арсаи вуҷуд поён намеояд. Мақсад ин аст, ки ҳамаи он чӣ башар аз исмҳо ва сифатҳо ва камолоти Худованд мешиносад ва ёд мегирад ва дарк мекунад, роҷеъ ба Мазоҳири Зуҳури Муқаддаси Ӯст.

1. Пас аз чандин бор хондани ин матн дар гурӯҳи худ ва посух додан ба суолоте, ки дар бораи мазмуни он барои якдигар медиҳед, бояд тамрин кунед, ки битавонед ин афкорро ба таври кофӣ ба осонӣ баён намоед.

2. Ҳоло дар гурӯҳи худ гуфтугӯ кунед, ки чигуна метавонед афкореро ки дар инҷо ёд гирифтаед ба таври табиӣ дар як сӯҳбат истифода баред. Ба унвони мисол, дар гуфтугӯе дар бораи вуҷуди Худо ё ҳадафи зиндагӣ метавон ба осонӣ ин корро анҷом дод. Баъзе мавзӯъҳо ва саволҳои дигаре, ки дар гуфтугӯ дар байни хонавода ва дӯстони шумо ба миён омадаанд, ки ба шумо имкони мубодилаи ин афкорро медиҳанд, кадоманд?

3. Фарз мекунем, ки дар сӯҳбат бо дӯстони худ, шумо имкони онро доред, ки ғояҳои нав омӯхтаатонро муаррифӣ кунед. Агар яке аз онҳо ба шумо чунин савол диҳад, шумо чӣ гуна ҷавоб медиҳед: "Баъзе аз чизҳое, ки мо дар бораи Худо тавассути Мазҳарони Зуҳури Ӯ медонем, кадоманд?"

4. Мумкин аст як ё якчанд порчаҳои зеринро аз баёноти Муборакаи Ҳазрати Баҳоуллоҳро аз бар кунед, то ки ҳангоми сӯҳбат бо дӯстон дар ин мавзӯъ ба онҳо нақл намоед:

**"Маърифати Ӯ, ки Сароввали ҳама чиз аст ва расидан ба Ӯ ҳосил намешавад, магар бо маърифат ва расидан ба ин Вуҷудҳои тобон, ки аз Шамси Ҳақиқат тулӯъ мекунанд."[5] Тарҷумаи мазмун**

**"Шахсияти Зуҳур ҳамеша намояндаи Худо ва муждадиҳандаи Ӯ буд. Ӯст бомдоди олитарин унвонҳои Худо, ва макони тулӯъи сифатҳои баландтаринаш."[6] Тарҷумаи мазмун**

**"Ва ҳамчунин, дар афъол ва аъмоли онон, ва тамоми он чизе ки аз назди онҳо зоҳир мешуд, ва аз ҷониби онҳо зоҳир мегардад, ҳама, аз ҷониби Худованд ҳастанд, ва ҳама ба Амри Ӯ омиланд."[7] тарҷумаи мазмун**

## БАХШИ 4

Ягонагии адён мавзӯи мавриди таваҷҷӯҳи бисёриҳост, ва афкори зерин дар мавридҳои зиёде ба шумо кӯмак хоҳанд кард:

Мо бояд ошиқи нур бошем аз ҳар чароғе ояд. Мо бояд ошиқи гул бошем дар ҳар боғе бирӯяд. Мо бояд ҷӯяндагони ҳақиқат бошем аз ҳар манбае барояд. Дилбастагӣ ба як чароғ, мумкин аст, моро аз дарки нуре, ки дар чароғи дигар метобад, боздорад. Дар ҷустуҷӯи

ҳақиқат бояд худро аз тасаввуроти пештар пиндоштаамон, ва аз таассубот озод кунем. Агар ҷоми мо лабрез аз нафс бошад, ҷое барои оби ҳаёт дар он вуҷуд надорад.

Дин нури олам аст. Қадамҳои моро ҳидоят мекунад ва дарҳои саодати беохирро ба рӯи мо мекушояд. Вақте таолими ҷамеъи адёни бузургро озод аз маҳдудиятҳои бовариҳои шахшуда ва тақлиди кӯркӯрона баррасӣ мекунем, ба ин фаҳм даст меёбем, ки асоси ҳамаи онҳо як аст. Ҳамаи онҳо маърифати Худовандро зоҳир месозанд. Онҳо аз паи пешрафти олами башарӣ ҳастанд

Албатта, фарқиятҳое миёни аҳком ва қонунҳои иҷтимоие, ки адён мувофиқи ниёзи замон ва макон пахш мекунанд, вуҷуд дорад, аммо дар асос ҳамаи адён яке ҳастанд. Онҳо имон, ирфон, иқон, адолат, тақво, баландназарӣ, амонат, муҳаббати Илоҳӣ ва накӯкориро парвариш медиҳанд. онҳо таҳорат, хоксорӣ, бурдборӣ, сабру субот ва истиқомтро таълим медиҳанд. Ин фазоили инсонӣ дар ҳар давр нав карда мешавад.

Боиси таассуф аст, ки ба хотири таассубот ва тақлиди кӯркӯрона, бисёрии одамон наметавонанд ягонагии бунёди адёнро бибинанд. Ҳидояти Худованд ба навъи башар ҳақиқат аст, ва ҳақиқат тақсим намешавад. Он ягона аст. Агар мустақилан ҳақиқиатро биҷӯем, тасаввуроти аз ин пеш доштаи худро канор гузорем, ҷустуҷӯи мо ба ваҳдат хоҳад натиҷа дод. Дин бояд моро муттаҳид созад. Бояд пайвандҳои муҳаббатомез миёни одамон барқарор созем. Агар дин иллати душманӣ ва ихтилоф шавад, набуданаш беҳтар аст.

1. Монанди бахши қаблӣ бояд ин матнро чандин бор бихонед, аз якдигар суолоти ба ин андешаҳо рабт доштаро бипурсед, ва тамрин кунед, ки онҳоро ба хубӣ баён намоед.

2. Дар гурӯҳи худ баррасӣ кунед, ки чӣ тавр афкореро, ки мутолиа кардаед, метавонед дар як гуфтугӯ биғунҷонед, масалан, дар гуфтугӯ дар бораи низоъи динӣ, ки дар бисёрии мавқеъ зеҳни одамонро ба худ машғул мекунад. Аммо ҳамчунин шояд худро дар миёни чандин дӯст биёбед, ки дар бораи аҳамияти ҷустуҷӯи ҳақиқат ва худдорӣ кардан аз асароти манфӣ, пропаганда гуфтугӯ мекунанд. Боз як бор дар бораи гуфтугӯҳои охини худ бо дӯстон ва ҳамсоягон, ошноён ва ҳамкорон фикр кунед. Баъзе аз мисолҳое, ки зеҳни онҳоро машғул кардааст, ва гуфтугӯ доири ин афкор барои онҳо судманд хоҳанд буд, кадоманд?

3. Агар пас аз дар миён гузоштани афкори боло дар гуфтугӯҳо, касе аз шумо пурсид: “Чанде аз ҳақиқатҳои муштарак дар ҳамаи адён кадоманд?” посухи шумо чӣ хоҳад буд?

4. Пешниҳод мешавад як ё дуто аз Навиштаҳои зер аз Осори Ҳазрати Баҳоуллоҳро аз бар кунед:

**“Шакке нест, ҳамаи динҳо ба Уфуқи Аъло мутаваҷҷеҳанд ва ба Амри Ҳақ амал мекунанд.”**[8]

**“Бо тамоми адён бо руҳу райҳон муошират кунед.”**[9(тарҷумаи мазмун).]

**“Динуллоҳ ва Мазҳабуллоҳ аз барои ҳифз ва иттиҳод ва иттифоқ ва муҳаббат ва улфати олам аст.”**[10]

**“Мазҳаби Илоҳӣ аз барои муҳаббат ва иттиҳод аст, ӯро сабаби адоват ва ихтилоф манамоед.”**[11]

## БАХШИ 5

Робитаи байни илм ва дин мавзӯи баъдӣ аст, ки аз шумо мехоҳем мутолиа кунед.

> Дин бояд мутобиқи илм бошад, Худо ба мо ақл бахшидааст, то битавонем он чизеро ки дуруст аст, дарк кунем. Ҳам аз дин ва ҳам аз илм интизор ҳастанд, ки бо мизони ақл мутобиқ бошанд, бинобарин, ин дуто бояд бо якдигар мувофиқ бошанд. Онҳо ду боле ҳастанд, ки идроки инсон метавонад бо он ба баландиҳои болотарин бирасад, ду боле, ки навъи башар бо онҳо метавонад парвоз кунад. Як бол кофӣ нест.

Илм атои Илоҳӣ аст. Қонунҳои олами физикиро кашф мекунад, ва моро қодир месозад, ки бар маҳдудиятҳое, ки табиат моро грифтор кардаст, ғолиб оем. Бо кӯмаки василаҳои (инструмент) илмӣ он чӣ барои чашми номусаллаҳ нопадид аст, мебинем ва дар як он, аз масофаҳои дур бо ҳам иртибот барқарор мекунем. Илм гузашта ва ҳолоро муттаҳид месозад, ва асрори ояндаро кашф мекунад. Пешрафти мардум ба дастовардҳои илмӣ вобаста аст.

Дини Илоҳӣ ривоҷдиҳандаи ҳақиқат, ҳомии дониш ва мутамаддинку-нандаи навъи инсон аст. Бидуни дин, олам василае барои пешбурди мод-дагароӣ мешавад, ва саранҷом ба нокомӣ меанҷомад. Вақте дин хилофи илм бошад, хурофоти маҳз мешавад. Агар дин ва илм дар ҳамоҳангии якдигар пеш раванд, аксари нафрат ва талхӣ, ки ҳоло омили бадбахтии башар аст, ба поён хоҳад расид.

1. Монанди ҳамеша ин матнро чандин бор, сархат ба сархат, дар гурӯҳи худ бихонед ва аз якдигар суол кунед, то мазмуни онро ба хубӣ ёд гиред, он қадар, ки онро ба таври табиӣ баён кунед.

2. Ба касе, ки мегӯяд: "Дин амрест, ки бар гузашта рабт дорад; илм ҳамаи мушкилоти башаро ҳал хоҳад кард" чӣ тавр посух хоҳед дод? Оё барои шумо муфид хоҳад буд, агар шарҳ диҳед, ки дин бо хурофот як нест, аммо бидуни илм дин ба хурофот табдил мешавад, ва ин ки илм бидуни дин ба ноумедӣ, ки зодаи моддагароӣ аст, сабаб мешавад? Оё метавонед мисолҳое оред, ки ин чӣ тавр рух медиҳад?

________________________________________
________________________________________
________________________________________
________________________________________
________________________________________

3. Пешниҳод мешавад, ки чанде аз Навиштаҳои зер аз Ҳазрати Баҳоуллоҳро аз бар кунед.

**“Аввалин неъмате, ки ба ҳайкали инсонӣ инoят шуд, хирад буда ва ҳаст, ва мақсуд аз ӯ ирфони Худои Бузург буда... Ӯст мудрик, ва ӯст ҳодӣ, ва ӯст мубайийин.”**[12]

**"Пас оламро бингар ва дар он тафаккур намо. Ба ростӣ, ки Ӯ китоби нафси худ, ва он чӣ аз Қалами Парвардигори Офаринанда ва Огоҳ дар он нигошта шуда, ба ту менамоёнад."**[13]

**"Илм ба мисли бол аст аз барои вуҷуди одам, ва нардбонест барои болоравии ӯ. Таҳсилаш барои кулл лозим."**[14]

## БАХШИ 6

Ягонагии навъи башар мавзӯест, ки имрӯзҳо дар ҳама ҷо, дар қалби мардум танинандоз аст, ва бисёрие аз одамон, гуфтугӯ карданро дар бораи матлаби дар поён овардашуда, қабул хоҳанд кард.

Боғе, ки дар он гулҳои ҳарранга, бо атрҳои гуногун, дар канори ҳам рӯидаанд, чашмнавоз аст. Ҳамаи гулҳо ҳарчанд тафовут доранд, аз як борон тозагӣ меёбанд, ва гармии як хуршедро дарёфт мекунанд. Ин матлаб дар мавриди башар низ дуруст аст. Инсонҳо аз нажодҳо ва рангҳои гуногун ҳастанд. Аммо ҳама аз ҷониби як Худо омадаанд ва решаашон яке аст. Гуногунӣ дар хонаводаи башар бояд сарчашмаи созгорӣ бошад, монанди мусиқие, ки дар он нотаҳои гуногун дар ҳам меомезанд, ва як аккорди комилро месозанд.

Ваҳдат ва иттиҳод лозимаи вуҷуд аст. Муҳаббат иллати аслии ҳаёт аст. Дар олами моддӣ ҷузъҳои ҳамаи ашё бо қонуни ҷозиба дар канори ҳам нигоҳ дошта мешавад. Қонуни ҷозиба ҷузъҳои муайянеро ба шакли як гули зебо гирди ҳам меоварад, аммо вақте ҷозиба аз байн равад, гул аз ҳам пош хоҳад хӯрд, ва вуҷудаш поён хоҳад ёфт. Навъи башар низ чунин аст. Ҷозиба, ҳамоҳангӣ ва ваҳдат нерӯҳое ҳастанд, ки навъи башарро дар канори ҳам нигоҳ медоранд.

Ҳазрати Баҳоуллоҳ тарҳе барои ваҳдат бахшидан ба ҳамаи мардумони ҷаҳон ба вуҷуд овардаанд. Мо бояд барои ворид сохтани мардум дар ин доираи ваҳдат, аз ҳеҷ кӯшише даст накашем. Вақте бо мардуми аз нажодҳо, миллиятҳо, адёнҳо ва ақидаҳои фарқкунанда мулоқот мекунем, набояд иҷозат диҳем ин фарқиятҳо садде байни мо шаванд. Бояд онҳоро ба сурати гулҳои зиндагонӣ дар назар гирем, ки дар боғи зебои навъи башар рушд мекунанд, ва хушҳол бошем, ки ба ин боғ тааллуқ дорем.

1. Пас аз мутолиаи матни боло, ба мисли матнҳои қаблӣ, дар бораи сӯҳбатҳои бисёре, ки дар атрофи шумо вусъат ёфта истодаанд, фикр кунед. Чанде аз масъалаҳое, ки зеҳни мардум ба онҳо машғуланд ва имкони дар миён гузоштани ин афкорро бо онҳо барои шумо фароҳам мекунанд, чӣ ҳастанд?

2. Гуфтугӯҳо дар бораи ягонагии навъи башар мумкин аст, ба гуфтугӯҳо дар бораи аҳамияти ваҳдат дар ҷомеаи шумо бианҷомад. Метавонед чанд калима дар бораи ин ки ҳар яке аз мо чӣ тавр метавонем дар онҳо мушорикат намоем, бигӯед?

3. Шояд бихоҳед яке ё чанде аз Навиштаҳои зеринро аз бар кунед, то битавонед вақте дар бораи ин мавзӯъҳо бо дӯстони худ сӯҳбат мекунед, ба онҳо ишора кунед.

**“Эй дӯстон! Саропардаи ягонагӣ баланд шуд, ба чашми бегонагон якдигарро мабинед, ҳама бори як доред ва барги як шохсор.”**[15]

**“Нури иттифоқ офоқро равшан ва мунаввар созад.”**[16]

**“Ба иттиҳод таваҷҷӯҳ намоед ва ба нури иттифоқ мунаввар гардед, ба хотири Худо дар маҳалле ҳозир шавед, ва он чӣ сабаби ихтилоф аст, аз миён бардоред.”**[17]

**“Бояд ба асбобе, ки сабаби улфат ва муҳаббат ва иттиҳод аст, ташаббус ҷӯянд.”**[18]

## БАХШИ 7

Матни зерин ба шумо кӯмак мекунад, ки дар сӯҳбатҳо дар бораи адолат ширкат кунед.

Фарқият дар қобилияти афрод аз масъалаҳои бунёдии вуҷуди инсон аст. Бинобар ин имкон надорад ҳамаи мардум аз ҳар назар бо ҳам баробар бошанд. Аммо асли адолат бояд ба таври куллӣ, бар ҷамеъи умури башарӣ ҳукмфармо бошад. Адолат бояд муқаддас бошад, ва ҳуқуқи ҳар як фард ҳифз шавад.

Адолат ҳадд ва марзе надорад, сифати умумӣ аст. Бояд дар ҳамаи ҷанбаҳои ҳаёти инсонӣ амал кунад. Ҳар аъзои иҷтимоъ аз манфиатҳои тамаддун баҳра барад, зеро ҳамаи мо ба ҳайкали навъи башар тааллуқ дорем. Агар як узви ин ҳайкал дар ранҷ ва азоб бошад, ҳамаи аъзои дигар низ ба ночорӣ ранҷ мебаранд. Чӣ тавр мумкин аст яке мубтало, ва дигарон роҳат бошанд? Иҷтимоъи имрӯз камбуди робитаи мутақобила ва симметрӣ дорад. Тартиби муносибе надорад. Аҳком ва принсипҳое лозим аст, то рифоҳ (беҳбудӣ) ва саодати тамоми хонаводаи башариро таъмин кунад.

Адолат бар ду сутун: муҷозот ва мукофот устувор аст. Ҳукуматҳое, ки коргузоронаш норасоии имон доранд ва тарс аз ҷазои Илоҳӣ надоранд, қонунҳои ноадолатонаеро иҷро хоҳанд кард. Агар қарор аст аз, зулм ва ситам ҷилавгирӣ шавад, умед ба подош ва тарс аз муҷозот - ҳар ду лозиманд. Қонунгузорон ва иҷрокунандагони қонун бояд аз оқибати руҳонии тасмимоти худ огоҳ бошанд. Ҳокимоне, ки бовар доранд оқибатҳои корҳояшон пас аз ин ҳаёти заминӣ аз паси онҳо хоҳад омад ва медонанд, ки ҳукмбарориашон бо мизони адли Илоҳӣ санҷида хоҳад шуд, бидуни шак аз ҷабру ситам канорагирӣ хоҳанд намуд.

1. Вақте ёд гирифтед, ки афкори болоро ба таври табиӣ баён кунед, баррасӣ кунед, ки онҳо барои гуфтугӯ дар бораи чӣ мавзӯоте судманд хоҳанд буд:

____________________________________________________________
____________________________________________________________
____________________________________________________________
____________________________________________________________

2. Ба касе, ки боварӣ ба он дорад, ки беадолатӣ аз байн намеравад, бояд чӣ тавр посух дод?

____________________________________________________________
____________________________________________________________
____________________________________________________________

3. Дар зер чанд Навишта аз Ҳазрати Баҳоуллоҳ дар заминаи адолат омадааст, ки шуморо ташвиқ ба аз бар кардани онҳо мекунем.

**“Сироҷи ибод Дод аст, ва ӯро ба бодҳои мухолифи зулм ва бедодӣ хомӯш манамоед, ва мақсуд аз он зуҳури иттиҳод аст байни ибод.”**[19]

**“Ҳеҷ нуре ба нури адл муодила наменамояд. Он аст сабаби назми олам, ва роҳати умам.”[20]**

**“Мураббии олам Адл аст, чӣ ки дорои ду рукн аст: муҷозот ва мукофот. Ва ин ду рукн, ду чашмаанд аз барои ҳаёти аҳли олам.”[21]**

## БАХШИ 8

Фарқи байни сарватмандон ва камбағалон рӯз то рӯз зиёдтар мешавад ва изҳороти дар поён овардашуда ба шумо дар сӯҳбат бо дӯстон дар ин бора, ва мавзӯъҳои ба он рабтдошта, кӯмак хоҳад кард.

Имрӯз, аз сабаби набудани муносибатҳои мутақобила ва ҳамоҳанг, баъзе аъзои ҷомеа ризоманд ва дар роҳативу дабдаба зиндагӣ мекунанд, қисми дигар - ниёзманди ғизо ва сарпаноҳанд. Баъзеҳо бениҳоят сарватманданд, ва дигарон дар бенавоии беандоза зиндагӣ мекунанд.

Қонунҳои иҷтимоъ бояд тавре танзим ва иҷро карда шаванд, ки сарвати аз ҳад зиёд ҷамъ овардан барои чанд нафаре, ва маҳрумият барои дигарон, имконнопазир бошад. Ин маънои онро надорад, ки ҳама бояд баробар бошанд, зеро фарқияти дараҷа ва қобилият ба офариниш хос аст. Аммо фаровонии таасуфовари сарвати ҳамроҳ ба камбизоатии маъюскунандаро, метавон аз байн бурд. Агар барои сармоядор доштани молу мулк дуруст бошад, ба ҳамон мизон одилона аст, ки коргар асбоби кофӣ барои ҳаёт дошта бошад. Вақте ки мо қашшоқии аз ҳад зиёдро мебинем, ҳатман ҷое зулм вуҷуд дорад.

Асли матлаб дар он аст, ки адолати илоҳӣ бояд дар аҳволи башар зоҳир шавад. Бунёдҳои куллии шароити иқтисодӣ моҳияти илоҳӣ ҳастанд, ва бо қалб ва руҳ сару кор доранд. Сарватмандон бояд аз сарвати худ бибахшанд, онҳо бояд қалби мушфиқ дошта бошанд, ва шуур ва идрокоти мушфиқонаро дар худ парвариш диҳанд. Қалбҳо бояд чунон ба якдигар улфат дошта бошанд, ва муҳаббат бояд чунон ғолиб шавад, ки сарватмандон бо хоҳиши худ қадамҳое ба суи ислоҳоти иқтисодии доимӣ бардоранд. Онҳо бояд худашон дарк кунанд, ки он на одилона аст, ва на ҷоиз, ки онҳо сарвати азиме дошта бошанд, дар ҳоле, ки дар ҷомеа фалокат вуҷуд дорад. Ба ин тартиб довталабона аз сарвати худ хоҳанд бахшид, дар ҳоле, ки ба қадре барои худ нигоҳ медоранд, ки битавонанд дар роҳатӣ зиндагӣ кунанд.

1. Матнро бихонед ва онро ба равиши маъмулӣ дар гурӯҳи худ мутолиа кунед. Масъалаҳои зиёде зеҳни мардумро ба худ машғул кардаанд, ки ба сарват ва фақр рабт дорад: шуғл, музди меҳнат, манзил ва монанди он. Оё метавонед оиди мавзӯҳои дигаре фикр кунед, ки афкори дар ин матн мавҷуд буда дар гуфтугӯ, барои онҳо судманд бошад?

_______________________________________________

_______________________________________________

_______________________________________________

_______________________________________________

2. Чӣ посух хоҳед дод, агар касе, ки ишороти шуморо ба афкори боло шунидааст, аз шумо бипурсад, "Оё манзуратон он аст, ки сарватмандон ба тадриҷ дарк хоҳанд кард, ва қонунҳои молиётиро сахтгирона дастгирӣ хоҳанд намуд, ва бо хоҳиши худ он қадар, ки лозим аст, хоҳанд пардохт? Чӣ чизе сабаб мешавад фикр кунед, ки ин имконпазир аст?

_______________________________________________

_______________________________________________

_______________________________________________

3. Пешниҳод мешавад як, ё дуто аз Навиштаҳои Ҳазрати Баҳоуллоҳро аз ёд кунед:

**“. . . Шумо бояд меваҳои хуб ва аҷиб оваред, то ки худ ва дигарон аз он баҳра баранд. Пас ба ҳар кас воҷиб аст, ки ба ҳунару касб машғул шавад, зеро сирри сарват дар он аст, эй фаҳмидагон!”[22] тарҷума**

**“Агар нозир ба фазл ҳастӣ он чӣ ба ту нафъ мерасонад, бигузор ва он чӣ бар бандагон нафъ мерасонад бигир. Ва агар нозир бар адлӣ барои ғайри худ он чиро, ки барои худ ихтиёр мекунӣ, ихтиёр намо.”[23]**

**“Хушо бар ҳоли касе, ки бародарашро бар худ тарҷеҳ диҳад.”[24]**

**“Ҳеҷ амали нек зоеъ набуд ва нобуд нахоҳад шуд, зеро аъмоли нек ганҷест, ки дар назди Худо ба нафъи соҳибони амал нигоҳ дошта мешавад.”[25]**

**“... ва аз исрофкорон набошед.”[26]**

# БАХШИ 9

Дар зер бархе аз афкоре, ки барои ширкат дар гуфтугӯҳои бо мавзӯи таассуб ба шумо кӯмак хоҳанд кард, омада аст.

Таассуб дар ҳама шаклҳояш – мазҳабӣ, нажодӣ, ҷинсӣ, қавмӣ, иқтисодӣ– низоми усулҳои башардӯстиро хароб мекунад, ва хилофи фармудаҳои Худост. Дар тӯли ҳазорсолаҳо инсоният аз ҷанг ва хунрезиҳо, ки яке аз ин таассубҳо сабаб шудааст, азоб мекашад. То он даме, ки онҳо мавҷуданд, инсоният дар оромӣ нахоҳад зист.

Худо Пайғамбарони Худро танҳо бо мақсади эҷоди муҳаббат ва ваҳдат фиристодааст. Ҳамаи Китобҳои Осмонӣ калимаи дастнависи муҳаббатанд. Агар онҳо сабаби бегонагӣ шаванд, бесамар шудаанд. Аз ин рӯ, таассуби мазҳабӣ хусусан хилофи ирода ва фармони Худо мебошад.

Таассуби миллӣ комилан беасос аст. Курраи Замин як сарзамин ва як кишвар аст. Хатҳо ва марзҳое, ки миллатҳоро чудо мекунанд, хаёлианд; онҳо аз ҷониби Худо офарида нашудаанд. Мардум як дарёро марзи байни ду кишвар эълон мекунанд ва ба ҳар тараф номе мегузоранд, дар ҳоле ки дарё барои ҳарду кишвар офарида шудааст ва барои ҳама як маҷрои табиии об мебошад. Магар ин таассуб ва ҷаҳолат нест, ки одамонро маҷбур месозад то ҳадяҳои ҳаётро сабаби ҷанг ва вайронӣ қарор диҳанд?

Таассуби нажодӣ чизе бештар аз хурофот нест. Ранги пӯсти инсон танҳо натиҷаи бо мурури замон мутобиқшавии гузаштагони ӯ ба иқлим ва муҳити зист мебошад. Меъёри ҳақиқии инсоният хислати инсон аст. Камол аз нажод ва ранг ҷудо аст. Имон, покизагии қалб, аъмоли нек ва сухани шоиста дар даргоҳи Илоҳи пазируфта ҳастанд.

Дар давоми муддати тӯлонӣ занонро мардон мутеъ ва таҳқир мекарданд. Фарқи байни зан ва мард як шарти олами ҷисмонӣ аст; дар олами рӯҳонӣ онҳо баробаранд. Дар назди Худо байни зан ва мард фарқе нест. Ӯ ба тамоми инсоният ақл ва идрок бахшидааст. Ҳар кас қобилияти ба даст овардани фазилатҳоро дорад. Имрӯз ҳеҷ шароите вуҷуд надорад, ки дар он барои фарқ гузоштан ба ҷинси инсон асосе бошад.

Дар Аҳди Аласт (Қадим), Худо фармудааст: "Ман одамро ба мисл ва монандии Худ офаридам". Ин ба таври возеҳ ба занон низ дахл дорад. Инсон ба сурати Худо офарида шудааст; яъне, фазилатҳои илоҳӣ дар воқеияти инсонӣ инъикос ва ошкор карда мешаванд. Ин барои тамоми инсоният дуруст аст. То чӣ андоза комилан ғайри

қобили қабул аст, агар чунин даъвое карда шавад, ки гӯё танҳо он одамоне ки ранги пӯст, қавмият ва миллаташон мисли ҳам аст, ба монандии Худо офарида шудаанд. Иддаои он, ки танҳо сарватмандон дар симои Ӯ офарида мешаванд, ё доштани мавқеи баланд дар ҷомеаро меъёри наздик шудан ба Худо ҳисоб кардан, то чӣ андоза бемаънист. Инсоният бо ҳеҷ роҳе ба маърифат ноил намешавад, магар ин ки таассуботро рад кунад, ва ахлоқи Малакутиро ба даст оварад.

1. Ин матнро ҳам монанди матнҳои қаблӣ мутолиа кунед ва дар бораи чанде душвориҳо фикр кунед, ки дӯстон ва ҳамсоягонатон дар сӯҳбатҳо дар бораи аз байн бурдани таассуб изҳор кардаанд.

________________________________________________
________________________________________________
________________________________________________
________________________________________________

2. Агар касе ки афкори шуморо ки дар боло оварда шудааст, шунидааст, бипурсад: “Оё мумкин аст таассуб дошта бошем ва надонем?” чӣ посух хоҳед дод?

________________________________________________
________________________________________________
________________________________________________

3. Мумкин аст мавқеияте биёбед, ки чанде аз Навиштаҳои зер аз Осори Ҳазрати Баҳоуллоҳро дар гуфтугӯҳои худ дар бораи ин афкор биғунҷонед:

**"Олам як ватан маҳсуб аст ва минал арз аҳли он."**[27]

**"Ҷамеъи ниҳолҳо аз шаҷараи (дарахти) воҳид ва ҳастии ҷамиъи мавҷудот аз як вуҷуд мавҷуд."**[28]

**"Имрӯз инсон касе аст, ки ба хидмати ҷамеъи минал арз қиём намояд."**[29]

**“Нури хислати нек бар нури хуршед ва ишроқи он бартарӣ меебад.”**[30 тарҷума]

**“Фарқияти инсон на дар зинат ё сарват, балки дар рафтори нек ва фаҳмиши ҳақиқӣ аст.”**[31]

**“Худо насиб, ки ту дар ҳама шароит барои шикастани бутҳои хурофот ва пора кардани пардаҳои хаёлоти одамон дастгирӣ шавӣ.”[32] тарҷума аз англисӣ**

**“Ба ростӣ мегӯям, ғофилтарин ибод касе аст, ки дар қавл муҷодила намояд ва бар бародари худ тафаввуқ (афзалӣ) ҷӯяд!”[33]**

## БАХШИ 10

Ҳангоми гуфтугӯ бо дӯстон аксари вақт хоҳед тавонист аз афкори мазмуни матни зер дар бораи баробарии мардон ва занон баҳра баред:

Хуршеди физикӣ, ки бо нур ва гармии худ ҳақиқати ҳамаи ашёи рӯи заминро намоён мекунад. Меваи нуҳуфта дар дарахт, дар посух ба қувваи хуршед бар шохаҳои дарахт зоҳир мешавад. Бар ҳамин тартиб Шамси Ҳақиқат, ки дар ниҳояти шукӯҳ, ки дар осмони руҳонӣ медурахшад, ҳақиқатҳоеро, ки дар гузашта маълум набуданд, ошкор месозад. Ба ин далел аст, дар ин аср, асли баробарии мардон ва занон комилан ба расмият шинохта шуда, ва акнун ҳақиқати ногузир аст. Ҳазрати Баҳоуллоҳ бо возеҳтарин иборот фармудаанд, ки дар назари Худо фарқе миёни мардон ва занон нест. Вазъияти нобаробарие, ки тайи қарнҳо ва асрҳо вуҷуд доштааст, натиҷаи бартарии мардон нест. Ягона сабаб он аст, ки бар занон имконияти баробар дода нашудааст, ки тамоми истеъдодҳои худро парвариш диҳанд. Аммо бо вуҷуди таассуб нисбати занон, зиндагии бисёре аз онҳо, ки ба бузургтарин дастовардҳо расидаанд, дар таърих сабт шудааст.

Яке аз ин занон, шоираи эронӣ Тоҳира буд. Ӯ дар аввали қарни 19 уми милодӣ, дар кишваре таваллуд шуд, ки занон тобеъи мардон буданд. Ӯ аввалин зане буд, ки ҳақиқати Зуҳури Ҷадиди Илоҳиро пазируфт. Ӯ бо мушоҳидаи тулӯи бомдоди Рӯзи нав, эътиқод пайдо кард, ки замоне расидааст, ки ҳақиқати баробарии занон ва мардон ба расмият шинохта шавад. Ӯ нирӯи худро барои эълони ин ҳақиқат бахшид. Дониш ва равшанбаёнии ӯ бузургтарини мардони донои замонашро муттаҳайир сохт. Гарчи як подшоҳи ситамгар бо рӯҳониёниёни ҷоҳил ва ботакаббур бо тамоми қувва ба ӯ мухолифат мекарданд, аммо ӯ лаҳзае дар баёни ҳақиқат таваққуф накард ва дар ниҳоят ҷони худро барои Амре, ки бо чунин суботкорӣ пазируфта буд, фидо намуд.

Этиқод ба он чизе, ки Худо насохтааст, ҷаҳл ва ваҳм аст. Имрӯза бояд занон иҷозаи ҳар гуна имконияти барои таҳсил ва ёфтани ҷойгоҳи баробар бо мардон дар ҳамаи заминаҳои кӯшиши башариро биёбанд. То замоне, ки баробарии мардон ва занон ҳамон тавре, ки дар арсаи руҳонӣ барқарор аст, дар ин олам ба як воқеият табдил нашавад, пешрафти воқеии навъи башар мумкин нахоҳад буд.

1. Шумо бояд монанди ҳамеша ин машқро дар гурӯҳи худ мутолиа кунед ва баёни афкори мундариҷ дар онро тамрин намоед. Оё ахиран гуфтугӯе бо дӯстони худ доштаед, ки сӯҳбатҳое, ки дар матн оварда шудаанд, метавонист барои онҳо судманд бошад? Мавзуоти мавриди баҳс чӣ буданд?

________________________________________________________________
________________________________________________________________
________________________________________________________________
________________________________________________________________

2. Чанде аз боварӣ ва нигаришҳои дар иҷтимои имрӯз паҳншударо мисол оред, ки агар қарор бошад занон дар тамоми майдонҳои кӯшиш ҷойгоҳи баробар бо мардон касб кунанд, лозим аст тағйир ёбанд.

________________________________________________________________
________________________________________________________________
________________________________________________________________

3. Дар зер чанд Навишта аз Осори Ҳазрати Баҳоуллоҳ омадааст, ки мумкин аст моил бошед, аз бар намоед:

**“Занон ва мардон дар назди Худо баробар буда ва ҳастанд.”**[34]

**“Оё медонед, чаро шуморо аз як хок офаридем? То касе бар касе фахр нафурӯшад.”**[35]

**“Имрӯз дасти бахшиш фаркро аз миён бардоштааст. Ибод ва канизон дар як мақом мушоҳида мешаванд.”**[36]

## БАХШИ 11

Охирин матне, ки аз шумо хоста мешавад мутолиа кунед, таълим ва тарбияти умумӣ аст.

Ривоҷ додани таълим ва тарбият яке аз заруритарин эҳтиёҷоти мо аст. Ҳеҷ миллате наметавонад ба осоиш даст ёбад, магар он ки таълим ва тарбиятро яке аз ташвишҳои меҳварии худ қарор диҳад. Пастравии як ҷамъият аз дастрас набудани дониш аст.

Таълим ва тарбия бояд аз навзодӣ оғоз шавад. Вазифаи падар ва модар аст, ки ниҳояти саъйи худро бинамоянд, кӯдакони худро таълим ва тарбият кунанд, хулқу хӯи онҳоро бар асоси қонунҳои руҳонӣ ва ахлоқӣ сайқал диҳанд, ва итминон ҳосил кунанд, ки дар илмҳо ва ҳунарҳо омӯзиш мебинанд. Модарон аввалин мураббиёни башар ҳастанд. Онҳо фарзандони худро аз пистони дониш ва маърифат парвариш медиҳанд. Ҳама кӯдакон бояд таълим ва тарбият шаванд, ва ин масъалае нест, ки дар он метавон бепарво буд. Агар волидайн аз ӯҳда бароянд, бояд маблағи лозимаро барои он бипардозанд. Дар ғайри ҳол ҷомеа бояд василаи таълим ва тарбияти он кӯдакро фароҳам оварад. Таълим ва тарбият бояд дар ҳар инсоне шавқро ба расидан ба камол, ва ба дараҷаҳои олӣ парвариш диҳад. Мо бояд шефтаи камоли инсон бошем, ва онро бо иштиёқ дунболагирӣ кунем. Бояд орзуи имтиёзи руҳонӣ дошта бошем, ва ба фазоили олами инсонӣ, ба монанди – нияти холис, вафо, хидмат ба навъи башар, ишқ ва адолат машҳур шавем. Бояд ба дунболи он бошем, ки ба хотири кӯшишҳои худ дар самти ривоҷ додани сулҳу ваҳдат ва пешбурди ёдгирӣ мумтоз бошем. Ҳидояти одамон дар чунин роҳ вазифаи воқеии таълим ва тарбият аст.

1. Пас аз он, ки ин матнро дар гурӯҳи худ мутолиа намудед, сайъ кунед чанде аз ташвишҳои дӯстони худ дар заминаи таълим ва тарбиятро шиносоӣ намоед. Афкори боло чӣ тавр ба ташвишҳои онон мепардозанд?

_______________________________________________

_______________________________________________

_______________________________________________

_______________________________________________

2. Пешниҳод мешавад баёноти зерин аз Осори Ҳазрати Баҳоуллоҳро аз бар кунед:

**“Маҳбуб на ки нафсе аз илмҳо ва фанҳо бебаҳра монад. Чаро ки чунин нафсе дарахти бесамар аст.”**[37]

**“Ҳимматро дар тарбияи аҳли олам сарф кунед.”**[38]

**“Илм ва ҳунар ва касб ва пеша олами вуҷудро баланд намояд ва боло барад.”**[39]

> **“Дар ҳақиқат, ганҷи ҳақиқӣ аз барои инсон илми ӯст, ва ӯст сабаби иззат, ва неъмат, ва фараҳ, ва нишот, ва шодӣ ва сурур.”[40]**

## БАХШИ 12

Сулҳ масъалае аст, ки зеҳни ҳамагонро машғул кардааст. Барқарории сулҳ ниҳоят зарур аст ва фавриятро дорад. Ҳоло, ки дар бораи принсипҳои матраҳшуда дар матнҳои қаблӣ андаке фикр кардаед, мумкин аст андешаронииро дар бораи масъалаи сулҳи ҷаҳонӣ муфид ёбед:

Албатта, ин то ҳадди зиёде вобаста ба ҳукуматҳост, ки қадамҳои амалӣ барои аз байн бурдани ҷанг бардоранд. Тавфиқоти сиёсӣ барои ҳалли муноқишот ва кам кардани аслиҳаҳо, ва ҳамчунин шаклҳои гуногогуни ҳамкорӣ байни кишварҳо, барои дунбол кардани сулҳ зарурӣ ҳастанд. Аммо ин иқдомот ҳар қадар ҳам муҳим бошанд, ба сулҳи поянда нахоҳанд анҷомид. Магар он ки принсипҳое, ки пештар мавриди баҳс қарор гирифтанд, дар сар то сари олам барпо гарданд. Бояд аз худ пурсид, то замоне, ки мардум наёмузанд, ки дар ҷустуҷӯи воқеият бошанд, ва дарк накунанд, ки ҳақиқат як аст, оё душманиҳои дерина идома нахоҳад ёфт? Ҳамаи мо сарчашмаи воҳиде дорем. Худо бар ҳамаи мо нозир аст, ва ҳамаи моро аз тариқи Мазоҳири Зуҳури Худ омӯзиш медиҳад. Таолими Он Вуҷудҳои Муқаддас бар бунёни воҳиди муҳаббат қарор доранд. Танҳо вақте, ки ягонаги дин ба расмият шинохта шуд, зиддиятҳои динӣ поён хоҳанд ёфт ва нури дин роҳи сулҳро равшан хоҳад кард. Ҳамчунин бояд бипурсем, ки илм ва дин дар ҳамоҳангӣ кор кунанд ва абрҳои ҷаҳолатро пароканда созанд ва нодурустии ҳар шакли таассубро нишон диҳанд. Таассуботе, ки ҳар як монеаи қавӣ дар роҳӣ сулҳ аст. Суоли дигаре, ки метавонем бипурсем он аст, ки агар дар ҳар гӯшаи ҷаҳон бар ихтилофи аз ҳад зиёди кунунии байни фақирон ва сарватмандон аҳамият дода нашуд, оё метавон ҷаҳони сулҳомез бино кард? То вақте занон иҷозат наёбанд, ки ба сурати баробар бо мардон ба тамоми арсаҳои кӯшиши башарӣ ворид шаванд, хушунате, ки хоси қисмати бештари таърихи башар будааст, ҷои худро ба сулҳу осоиши ҳақиқӣ нахоҳад дод. Наслҳои пеш бояд ҳамагӣ таълим ва тарбият бар асоси чунин принсипҳо ёбанд. Дар ғайри он сурат ҳар умеде ба сулҳ нобуд хоҳад шуд. Шояд бихоҳед Каламоти Ҳазрати Баҳоуллоҳро аз бар намоед, то битавонед, ки бо дигар касоне, ки ташвишҳоиояндаи башариятро дорад, дар миён гузоред.

> **“Ин ислоҳ ва роҳат зоҳир нашавад, магар ба иттиҳод ва иттифоқ, ва он ҳосил нашавад, магар бо насиҳатҳои Каломи Аъло.”[41]**

# МАРОҶЕЪ:

1. *Gleanings from the Writings of Bahá'u'lláh* (Wilmette: Bahá'í Publishing Trust, 1983, 2017 printing), CIX, par. 2, p. 243.

2. Ibid., CXXXII, par. 1, p. 325.

3. Ibid., XXXIV, par. 5, p. 89.

4. *Tablets of Bahá'u'lláh Revealed after the Kitáb-i-Aqdas* (Wilmette: Bahá'í Publishing Trust, 1988, 2005 printing), no. 11.1, p. 161.

5. Bahá'u'lláh, *The Kitáb-i-Íqán: The Book of Certitude* (Wilmette: Bahá'í Publishing Trust, 2003, 2018 printing), par. 151, p. 131.

6. *Gleanings from the Writings of Bahá'u'lláh*, XXVIII, par. 2, p. 77.

7. Ibid., XXIV, par. 1, p. 66.

8. Ibid., CXI, par. 1, p. 246.

9. Ibid., XLIII, par. 6, p. 106.

10. Ibid., CX, par. 1, p. 244.

11. *Tablets of Bahá'u'lláh Revealed after the Kitáb-i-Aqdas*, no. 15.4, p. 220.

12. *Gleanings from the Writings of Bahá'u'lláh*, XCV, par. 1, pp. 219–20.

13. *Tablets of Bahá'u'lláh Revealed after the Kitáb-i-Aqdas*, no. 9.13, p. 141.

14. Ibid., no. 5.13, p. 51.

15. *Gleanings from the Writings of Bahá'u'lláh*, CXII, par. 1, pp. 247–48.

16. Ibid., CXXXII, par. 3, p. 326.

17. Ibid., CXI, par. 1, p. 246.

18. *Tablets of Bahá'u'lláh Revealed after the Kitáb-i-Aqdas*, no. 7.20, p. 90.

19. Ibid., no. 6.25, pp. 66–67.

20. Bahá'u'lláh, cited by Shoghi Effendi, *The Advent of Divine Justice* (Wilmette: Bahá'í Publishing Trust, 2006, 2018 printing), par. 42, p. 41.

21. *Tablets of Bahá'u'lláh Revealed after the Kitáb-i-Aqdas*, no. 3.23, p. 27.

22. Bahá'u'lláh, *The Hidden Words* (Wilmette: Bahá'í Publishing Trust, 2003, 2012 printing), Persian no. 80, p. 51.

23. *Tablets of Bahá'u'lláh Revealed after the Kitáb-i-Aqdas*, no. 6.19, p. 64.

24. Ibid., no. 6.37, p. 71.

25. Bahá'u'lláh, in *Ḥuqúqu'lláh—The Right of God: A Compilation of Extracts from the Writings of Bahá'u'lláh and 'Abdu'l-Bahá and from Letters Written by and on Behalf of Shoghi Effendi and the Universal House of Justice*, compiled by the Research Department of the Universal House of Justice (Wilmette: Bahá'í Publishing Trust, 2007), no. 16, p. 16.

26. *Gleanings from the Writings of Bahá'u'lláh*, CXVIII, par. 2, p. 283.

27. Ibid., CXVII, par. 1, p. 282.

28. Bahá'u'lláh, cited by Shoghi Effendi, *The Promised Day Is Come* (Wilmette: Bahá'í Publishing Trust, 1996, 2018 printing), par. 279, p. 187.

29. *Gleanings from the Writings of Bahá'u'lláh*, CXVII, par. 1, p. 282.

30. *Tablets of Bahá'u'lláh Revealed after the Kitáb-i-Aqdas*, no. 4.11, p. 36.

31. Ibid., no. 6.3, p. 57.

32. Ibid., no. 6.3, p. 58.

33. *The Hidden Words*, Persian no. 5, pp. 23–24.

34. Bahá'u'lláh, in *Women: Extracts from the Writings of Bahá'u'lláh, 'Abdu'l-Bahá, Shoghi Effendi and the Universal House of Justice*, compiled by the Research Department of the Universal House of Justice (Wilmette: Bahá'í Publishing Trust, 1986, 1997 printing), no. 54, p. 26.

35. *The Hidden Words*, Arabic no. 68, p. 20.

36. Bahá'u'lláh, in the compilation *Women*, no. 3, p. 3.

37. Bahá'u'lláh, in *Excellence in All Things: A Compilation of Extracts from the Bahá'í Writings*, compiled by the Research Department of the Universal House of Justice (London: Bahá'í Publishing Trust, 1981, 1989 printing), no. 5, p. 2.

38. *Gleanings from the Writings of Bahá'u'lláh*, CLVI, par. 1, p. 378.

39. Bahá'u'lláh, *Epistle to the Son of the Wolf* (Wilmette: Bahá'í Publishing Trust, 1988, 2016 printing), p. 26.

40. *Tablets of Bahá'u'lláh Revealed after the Kitáb-i-Aqdas*, no. 5.13, p. 52.

41. *Gleanings from the Writings of Bahá'u'lláh*, CXXXI, par. 2, p. 324.



# Мавзӯъҳо барои афзудани маълумот

## Ҳадаф

Парвариши одати мулоқоти дӯстон
ва ҳамсоягон барои
гуфтугӯ дар мавзӯҳои муҳимми руҳонӣ

## БАХШИ 1

Қисми севвуми ин китоб, монанди қисми қаблӣ, ба қобилиятҳое бахшида шудааст, ки моро барои ворид шудан дар гуфтугӯҳои пурмазмун ва рӯҳбаландкунанда кӯмак мекунанд. Дар қисми дуввум диққати мо ба мавқеиятҳои муносиб барои баланд бардоштани сатҳи гуфтугӯ аз тариқи ишора кардан ба принсипҳои руҳонӣ бахшида шуда буд. Дар ин ҷо таваҷҷӯҳи худро ба мулоқотҳое равона мекунем, ки дар манзилҳои дӯстонамон ва ҳамсоягонамон, дар вақти якҷоя дида баромадани мавзӯҳои дар ҳаёти ҷомеа аҳамияти марказӣ дошта, анҷом мегиранд.

Дар деҳкадаҳо ва маҳаллаҳои саросари дунё, гурӯҳҳое аз дӯстон, ба таври фишурда ба маҷмӯаҳое аз фаъолиятҳои бо ҳам вобастае мепардозанд, ки иборат аз ҷаласоти мунтазами дуо ва ниёиш, синфҳое барои тарбияти кӯдакон, ҷаласоти навҷавонон, ҳалқаҳои мутолиа, урдуҳое (лагерь) барои ҷавонон, ва намудҳои гуногуни кампанияҳоанд. Ҳамчунон ки ин намунаи фаъолият дар як маҳал реша мегирад ва теъдоди афзояндаи одамон худро ба фаъолиятҳои хидматӣ мебахшанд, ҳастае аз дӯстон аз назари андоза ва қувват рушд мекунад. Яке аз ҷузъиёти ҳаётии раванди ҷомеасозӣ, ки акнун дар ҳоли шитобгирифтан аст, барномаҳои систематикӣ барои мулоқоти теъдоди афзояндае аз хонаҳо дар деҳкада, ё маҳалла мебошад. Дар чунин мулоқотҳо ба мавзуоти гуногун мепардозанд. Масалан, як муаллими синфи кӯдакони баҳоӣ бояд батакрор волидайни хурдсолонро мулоқот кунад, то дар бораи мавзуоти ба таълим ва табия рабт дошта, гуфтугӯ кунанд. Ба мисли ин лозим аст, мулоқотҳое дар хонаи навҷавонон ва ҷавонон ба воситаи афроде, ки ба унвони мушаввиқ ва роҳнамо хидмат мекунанд, сурат гирад, то дар бораи баҳсҳое ки ба душвориҳо ва имкониятҳои ин айёми навидбахше аз ҳаёти инсон рабт доранд, гуфтугӯ шавад. Гуфтугӯҳо бо аъзои як хонавода дар бораи мавзӯоте, ки сабаби зиёд шудан ва амиқ шудани дониши онҳо аз Амри Муборак мешавад, ба ҳамон андоза зарурӣ аст. Ба таври куллӣ, аз он таъсире, ки чунин гуфтугӯҳо бар фарҳанги рафоқат, ки дар як ҷомеае пойдор шуда истода аст, доранд, ҳар чӣ бигӯем, кам аст.

## БАХШИ 2

Чунон, ки ҳадафи ин қисм талаб мекунад, ба як маҳаллаи фарзӣ нигоҳ хоҳем кард, ки дар он раванди дар боло тавсифшуда дар ҷараён аст. Аз мисоли ин маҳалла ба унвони бистаре барои баррасии гуфтугӯҳои гуногун, ки мумкин аст дар вақти як мулоқоти хонагӣ анҷом шавад, истифода хоҳем кард.

Алеҳандра духтари ҷавонест, ки дар сеюмин соли донишгоҳ аст. Ӯ ва яке аз бародаронаш, ки ӯ ҳам донишҷӯ аст, бо волидайни худ дар маҳаллаи фарзии мо, дар хонаҳое, ки дар он ба дунё омада ва рушд кардаанд, зиндагӣ мекунанд. Ин чаҳор нафар ва як оилаи ҷавон, ки охиран ба маҳалла кӯчида омадаанд, ҳар ҳафта барои дуо ва машварат дар бораи пешрафти фаъолиятҳое, ки дар атрофи онҳо дар бистари як ҷамъияти ҳудудан 8 000 нафара дар ҳоли таъсис аст, ба якдигар мулоқот доранд. Се нафари дигар низ ҳар чанд гоҳ дар ин ҷаласоти ҳафтагӣ ширкат мекунанд, ва кам кам ҳам дар бораи хадамоти худ ва хам дар бораи раванди ҷомеасозӣ ба таври куллӣ, ба таври систематикӣ фикр мекунанд: муаллими як синфи кӯдакон, ки шаш моҳ пеш шурӯъ шуд ва ду ҷавони ҳафтдаҳсола, ки як гурӯҳи навҷавононро бо кӯмаке яке аз бародарони бузургтари Алеҳандра ҳидоят мекунанд, яъне касе, ки ҳангоми навҷавонии он ду нафар мушаввиқи гурӯҳи навҷавонони онҳо буд, мураттаб барои мулоқоти волидайни худ меояд.

Аввалин маҷмӯаи гуфтугӯҳое, ки баррасӣ хоҳем кард, байни Алеҳандра ва хонаводаи Санчез, як оилаи шинохташуда ва мӯҳтарам дар маҳалла аст. Ин зану шавҳар тақрибан шаст сол доранд ва ҳоло, ки писарон ва духтарони худро калон кардаанд, ба танҳоӣ, чанд сохтмон дуртар аз хонаи Алеҳандра, зиндагӣ мекунанд. Ҷаноб ва хонуми Санчез босавод ҳастанд, аммо таҳсилоти расмии зиёде надоранд. Эҳтироми густурдае, ки ба онҳо гузошта мешавад, дар натиҷаи ҳикмате аст, ки ба таҷриба дар тӯли як зиндагӣ андӯхта шуда, аз бахшандагӣ ва амалҳои пок ба даст омадааст. Онҳо муддате аст, ки аз таъолими Баҳоӣ огоҳанд, аммо рӯзҳои охир тасмим гирифтаанд, ки бо ҷиддият онҳоро баррасӣ кунанд. Як ҳафтаи пеш хоҳиши худро барои пайвастан ба ҷомеа бо волидайни Алеҳандра дар миён гузоштанд. Ҷаласае барои хушомадед гуфтан ба онон барномарезӣ шудааст. Илова бар он розӣ шудаанд, ки Алеҳандра чанд ҳафта мураттаб бо онҳо мулоқот дошта бошад, то маҷмӯае аз мавзӯъотро бо онҳо дар миён гузорад. Мавзӯъоте, ки ба онҳо кӯмак хоҳад кард, ки дониши худро аз Амри Муборак амиқтар кунанд. Ривояти ин мулоқотро пайгирӣ карда, ин мавзӯъотро метавонед баррасӣ кунед, ва дар айни ҳол дар бораи пӯёии (динамикаи) сӯҳбат дар чунин мавқеиятҳо мулоҳиза намоед.

## БАХШИ 3

Алеҳандра барнома дорад, ки аввалин сӯҳбаташро бо ҷаноб ва хонум ва Санчез дар асоси шарҳи мухтасари зерин дар бораи мавзӯи Аҳд ва Мисоқи абадии Илоҳӣ анҷом диҳад.

Офаринандаи ҳамаи ашё Худованди Якто ва Беҳамто, ва Бениёз аст. Ҳазрати Баҳоуллоҳ ба мо таълим мефармоянд, ки зоти Худо барои

зеҳни башар қобили дарк нест. Зеро маҳдуд наметавонад номаҳдудро дарк кунад. Намудҳое, ки мардум аз Худо месозанд, ҳама самараи хаёлоти худи онҳост. Худо инсон нест, ё фақат нерӯе нест, ки дар тамоми олами ҳастӣ паҳн шуда бошад. Калимоте, ки аз зарурати ишора кардан ба Сарчашмаи вуҷуди мо истифода мекунем, аз қабили "Падари Осмонӣ", "Қудрати Осмонӣ" ва "Руҳи Аъзам", исмҳо ва сифатҳои Ӯро ба забони башарӣ баён мекунанд, ва барои тавсифи Ӯ комилан норасо ҳастанд.

Дар Калимоти Муборакаи Макнуна мехонем:

**"Эй писари инсон! Хилқати туро дӯст доштам, пас туро офаридам. Пас Маро дӯст дор, то туро зикр кунам ва туро дар руҳи ҳаёт сабт намоям."**[1]

Ҳазрати Баҳоуллоҳ дар ин баёни муборак ба мо мефармоянд, ки сабаби ҳақиқии вуҷуди мо, муҳаббати Худо нисбат ба мост. Мо бояд ҳамеша нисбат ба ин ишқ огоҳ бошем. Ишқе, ки ҳофиз ва ҳомии мост, ва моро аз руҳи ҳаёт саршор месозад. Дар лаҳзаҳои сахтӣ ё роҳатӣ, ғам ё сурур, бояд ба ёд дошта бошем, ки ишқи Ӯ ҳамеша моро иҳота мекунад.

Аз таолими Баҳоӣ меомӯзем, ки чун Худо ба воситаи муҳаббаташ моро офаридааст, бо мо вориди як Аҳд ва Мисоқ шудааст. Калимаи "аҳд ва мисоқ" ба маънои паймон ё ваъда дар байни ду ё чанд нафар аст. Дар асоси Аҳд ва Мисоқи абадӣ Холиқи Раҳим ҳаргиз моро ба ҳоли худ танҳо намегузорад, ва ҳарчанд вақт як бор, Ирода ва Ҳадафи Худро ба воситаи яке аз Мазоҳири Зуҳураш ба мо ошкор месозад.

Феъли "зоҳир кардан", яъне ошкор сохтан ва нишон додани он чӣ, ки пештар маълум набуд, аст. Мазоҳири Зуҳури Илоҳӣ он Вуҷудҳои Муқаддаси махсусе ҳастанд, ки Каломи Илоҳиро ба мо зоҳир месозанд. Онон Мураббиёни куллӣ ҳастанд, ки ба мо ёд медиҳанд. чи гуна мувофиқи Иродаи Илоҳӣ зиндагӣ кунем ва ба саодати ҳақиқӣ даст ёбем. Аз ҷумлаи ин Мазҳарон: Ҳазрати Иброҳим, Ҳазрати Кришно, Ҳазрати Мусо, Ҳазрати Зардушт, Ҳазрати Буддо, Ҳазрати Масеҳ, Ҳазрати Муҳаммад, ва албатта, Ҳазрати Боб ва Ҳазрати Баҳоуллоҳ – ду Мазҳари Зуҳури Илоҳӣ барои ин аср дар таърихи башар.

Бинобар ин дар Аҳду Мисоқи абадии Илоҳӣ Худованд ҳамеша саҳми Худро адо кардааст. Як суоли бунёдӣ, ки ҳамаи мо бояд аз худ бипурсем, он аст, ки "Ман чӣ гуна саҳми худро дар Аҳд ва

Мисоқ адо менамоям?" Посухе, ки дар тамоми матнҳои динӣ меёбем, чунин аст: аз тариқи шинохтани Мазҳари Зуҳури Илоҳӣ ва итоати таолими Он Ҳазрат. Ин посух ба ҳадафи ҳаёти мо ишора мекунад, ки ирфон ва ибодати Худованд аст. Мо дар Намози Сағир (кӯтоҳ) эълом мекунем:

**“Гувоҳӣ медиҳам, эй Худои ман, ки маро халқ кардаӣ аз барои шиносоӣ ва парастиши Ту. Гувоҳӣ медиҳам дар ин ҳангом ба аҷзи худам ва қуввати Ту, ва заъфи худ ва иқтидори Ту, ба факри худ ва ғанои Ту. Нест Худое ба ғайр аз Ту, ки Муҳаймин ва Қайюм ҳастӣ”**[2]

Аз он ҷо ки шинохти Худо ба ҷуз аз тариқи Мазоҳири Зуҳури Ӯ барои мо мумкин нест, танҳо роҳе, ки метавонем ба ҳадафи ҳаёти худ бирасем, аз тариқи шинохти он Вуҷудҳои Муқаддаса, ва пайравӣ аз таолими Онҳост. Имрӯз қалбҳои мо аз баракати зистан дар замоне, ки ваъдашудагони ҳамаи Китобҳои Муқаддас пояи барқарор шудани сулҳ ва адолат дар рӯи замин ба ҳақиқат пайваста истодааст, саршор аз шукр ва қадрдонӣ аст. Ҳазрати Баҳоуллоҳ мефармоянд :

**“Имрӯз Рӯзи фазли аъзам ва файзи акбар аст. Бояд ҳама ба камоли иттиҳод ва иттифоқ дар сояи Дарахти ғамхории Илоҳӣ сокин ва осуда бошанд.”**[3]

Пеш аз он, ки достонамонро идома диҳем, бояд тавзеҳоти болоро бихонед ва сархат ба сархат бо дигар ширкаткунандагони гурӯҳи худ дар бораи онҳо андеша ронед. Метавонед аз якдигар суолҳое бипурсед ва бо ҳам ба онҳо посух диҳед, то ҳар як битавонед ин афкорро ба сурати табиӣ ва ба осонӣ баён кунед. Ин ки Навиштаҳоро ба хубӣ ёд бигиред, аз аҳамияти хос бархурдор аст, зеро ҳеҷ чизе мисли дар миён гузоштани Навиштаҳо аз Осори Муборака дар гуфтугӯҳо нест. Машқҳои зер ба шумо кӯмак хоҳанд кард, то дар бораи афкори дар ин бахш оварда шуда, ва маънои навиштаҳои нақлшуда фикр кунед:

1. Чӣ тавр барои як фард тавзеҳ хоҳед дод, ки Худованд зоти ношинохтанӣ аст?

____________________________________________
____________________________________________
____________________________________________
____________________________________________

2. Чаро Худо моро офарид? ____________________________________
_____________________________________________________________

3. Калимаи Аҳд ва Мисоқ ба чӣ маъност? ________________________
_____________________________________________________________

4. Худованд бар Аҳд ва Мисоқи Абадии Худ бо аҳли башар чӣ ваъдаҳое додааст? __________________________________________
_____________________________________________________________

5. Ҳадафи ҳаёти мо чист? _____________________________________
_____________________________________________________________

6. Агар ҳаргиз наметавонем зоти Худоро бишносем, ин ки ҳадафи ҳаёти мо ирфони Илоҳӣ аст, ба чӣ маъност? ___________________
_____________________________________________________________

7. "Зоҳир сохтан" ба чӣ маъност? ________________________________
_____________________________________________________________

8. Чанде аз Мазоҳири Зуҳури Илоҳиро ном биёваред: _____________
_____________________________________________________________
_____________________________________________________________
_____________________________________________________________

9. Агар қарор аст саҳми худро дар Аҳд ва Мисоқро анҷом диҳем, лозим аст чӣ кунем? _______________________________________________
_____________________________________________________________

10. Ҷумлаҳои зеринро такмил кунед:

а. Имруз рӯзи ____________________________________аст.

б. Имрӯз рузи ___________________________________ аст.

в. Имрӯз бояд кулл ба камоли иттиҳод ва иттифоқ ______________
_______________________________________________________ .

11. Имрӯз Ҳазрати Баҳоуллоҳ аз мардуми олам мехоҳанд, ки чӣ кунанд?
_____________________________________________________________
_____________________________________________________________

## БАХШИ 4

Он чи Алеҳандра дар зеҳн дорад, танҳо ин нест, ки мазмуни ин мавзӯъро бо ҷаноб ва хонум Санчез дар миён гузорад. Ӯ умедвор аст, ки як пайванди қавии дӯстӣ бо ин оила барқарор кунад. Аз таҷрибаҳои даставвали худ таъсироти баде, ки ҳам аз таассуб ва ҳам аз нигариши сарпарастона сар мезанад, медонад. Албатта аз инҳо парҳез хоҳад кард. Мутолиаҳои сатҳи болое, ки ӯ кардааст, албатта аз фурӯтании ӯ кам накардааст. Дар қалбаш ба ғайр аз ишқу эҳтиром нисбат ба хонаводаи Санчез чизе нест. Ҳамчунон, ки баррасӣ мекунад, ки чӣ тавр мавзӯи аввалро бояд тавзеҳ дод, ба худаш ёдоварӣ мекунад, ки ин оғози як гуфтугӯе дар ҳоли пешрафт аст, ки дар тӯли чандин ҳафта давом хоҳад ёфт. Ӯ дарк мекунад , ки гарчи муҳим аст, ки силсилаи афкорро бо равшанӣ баён кунад, бояд дар лаҳзаҳои хосе таваққуф кунад, ва ба посуххҳои ин оила гӯш диҳад. Ӯ ба худ мегӯяд: "Бояд сайъ кунам, беизтироб бошам, зеро дар он сурат ҳамеша ман ҳарф мезанам ва имконият барои шакл гирифтани як гуфтугӯ ба вуҷуд нахоҳад омад." Алеҳандра муддате ба тафаккур дар бораи мулоқоташ ба ҳамин тартиб идома медиҳад. Агар ба ҷои ӯ будед, омадани кадом яке аз афкори зер ба зеҳнатон дуруст мебуд?:

_____ Кори ман он аст, ки хонаводаи Санчезро дар заминаи Амри Муборак роҳнамоӣ кунам ва боварӣ ҳосил кунам, ки ҳар чӣ ба онҳо ёд медиҳам, меомӯзанд.

_____ Чӣ ифтихоре аст, ки замонеро бо ин оилаи фавқулодда сарф карда ва баёноте аз Осори Муборакаро бо онҳо дар миён гузорам.

_____ Медонам, ки ин мулоқот муҳим аст, бо ин ҳол умедворам хеле тӯл намекашад, зеро корҳои дигаре дорам, ки анҷом диҳам Навиштаҳо барои онҳо хеле душвор хоҳанд буд, бояд фақат ба чанд фикри содда ишора кунам. Муҳим он аст, ки ба онҳо муҳаббат нишон диҳам.

_____ Навиштаҳо барои онҳо хеле душвор хоҳанд буд. Бояд фақат ба чанд фикри содда ишора кунам. Муҳим он аст ки ба онҳо ибрози муҳаббат кунам.

_____ Хонаводаи Санчез дар ин синн наметавонанд чизи зиёде ёд бигиранд.

_____ Муштоқи мулоқоти онҳо ва шунидани фикрҳояшон зимни сӯҳбат дар бораи ин мавзӯъ, ва андешарониашон дар бораи Навиштаҳо ҳастам.

_____ Онҳо савод доранд, фақат мавзӯъро муаррифӣ хоҳам кард ва навиштаҳоро ба онҳо хоҳам дод, то худашон мутолиа кунанд.

_____ Ҳаногоме, ки афкорро баён мекунам, лозим хоҳад буд, ки зуд зуд таваққуф кунам, то битавонем Навиштаҳоро бо якдигар мутолиа кунем дар бораи онҳо машварат намоем.

_____ Умедворам битавонам ҳамаи мавзӯъро бе таваққуф баён кунам ва дар охири он, онҳоро бипурсам, ки оё суоле доранд ё на.

Оё метавонед ба афкори дигаре биандешед, ки мехоҳед, ё намехоҳед, ки зимни омода шудан ба чунин мулоқоте дар зеҳн дошта бошед?

## БАХШИ 5

Аввалин мулоқоти Алеҳандра дар манзили хонаводаи Санчез ба хубӣ анҷом мегирад. Ин хонавода муттаваҷҷеҳ мешаванд, ки ӯ дар изтироб аст, ва бо гармӣ ва меҳрубонии худ коре мекунанд, ки эҳсоси оромиш кунад. Онҳо бо диққат гӯш медиҳанд ва комилан дар гуфтугӯ ширкат мекунанд ва диққати хосе ба Навиштаҳо доранд. Ягона лаҳзаи душвор дар охири мулоқот рӯй медиҳад. Замоне, ки хонум Санчез ба саволе Алеҳандраро мутаваҷҷеҳ месозад: "Оё бо пайвастан ба ҷомеаи баҳоӣ мо Ҳазрати Масеҳро фаромӯш намекунем?" Алеҳандра ҷавобро медонад, аммо каме сабр мекунад, то битавонад фикрашро ба тартиб орад. Ҷаноби Санчез лабханд мезанад ва ба кӯмаки ӯ меояд: "Фикр мекунам ишқи ман ба Ҳазрати Масеҳ аз замоне, ки аз таолими Баҳоӣ омӯхтаам, дар воқеъ бештар шудааст." Алеҳандра, ки ҳоло фикрашро ҷамъ кардааст, изофа мекунад: "Дар саросари олам низ ҳамин гуна аст. Ишқи онҳо ба Ҳазрати Масеҳ, Ҳазрати Кришно, Ҳазрати Буддо, Ҳазрати Зардушт, Ҳазрати Муҳаммад ба хотири он чӣ, ки Ҳазрати Баҳоуллоҳ дар бораи ваҳдати Худо, ваҳдати дин ва ваҳдати навъи башар таълим медиҳанд, қувват гирифтааст."

Муфид хоҳад буд, лаҳзаҳоеро ки дар гурӯҳи худ сарфи гуфтугӯ дар бораи чанде аз сифатҳо ва нигаришҳое кунед, ки ҳатман дар мулоқоти Алеҳандра вуҷуд доштаанд, ки онро чунин самарабахш намудааст. Аз муҳимтарин мавридҳое, ки лозим аст дар назар бигиред, фурӯтанӣ (хоксорӣ) аст. Асоси ҳар фурӯтанӣ – хоксорӣ дар назди Худованд аст. Аз хоксорӣ дар баробари Худованд аст, ки хоксорӣ дар назди махлуқоти Ӯ сарчашма мегирад. Хоксорӣ вақте, ки дар бораи Худо ва Мазоҳири Зуҳураш сӯҳбат мекунем, аҳамияти хеле махсус дорад. Бояд дар камолоти зер аз баёноти Ҳазрати Баҳоуллоҳ фикрронӣ кунед ва барои азбар намудани онҳо хеле кӯшиш кунед:

> **"Дӯстони Илоҳӣ дар ҳар ҷамъомад ва маҳфиле ки ҷамъ шаванд, бояд ба тавре фурӯтанӣ ва хоксорӣ аз тарафи ҳар яки онҳо дар**

**ситоиш ва тақдиси Илоҳӣ зоҳир шавад, ки зарраҳои хоки он маҳал ба самимияти он ҷамъ шаҳодат диҳанд. Ва ҷозибаи баёноти руҳонияи он касони покдоман ва доно, зарраҳои он хокро иҳота намояд, на он ки хок ба забони ҳол зикр намояд: "Ман бартар аз шумоям. Чаро ки дар маҳалли машаққатҳои деҳқонон пуртоқат ва сабурам, ва ба куллӣ дорои руҳ бахшиши файзи Файздиҳанда, ки дар ман амонат гузоштааст, намуда ва менамоям. Бо вуҷуди ҳамаи ин мақомоти олия ва падидаҳои бешумор, ки ҳамаи он чи офариниш ба он ниез дорад, аз ман зоҳир аст, ба ҳеҷ касе фахр нанамуда ва наменамоям ва ба камоли итоат дар зери қадами ҳама сокинам."[4]**

Ҳамон тавре, ки дар боло ишора шуд, фурӯтанӣ дар баробари инсонҳо аз фурӯтанӣ дар баробари Худо сармашма мегирад. Бо ҳамин фурӯтанӣ аст, ки ҳангоми мулоқот дар манзиле яке аз дӯстон ё ҳамсоягонамон барои зиёд шудани дарки якҷояамон ва чанде аз мавзуот, ҳолати дуо ба худ мегирем. Дар вақти сӯҳбат афкори худро ба Худованд равона мекунем ва аз Ӯ мехоҳем, ки қалбҳо ва зеҳнҳои моро ва ҳамаи ҳозиронро равшан созад. Иборот ва ҷумлаҳои бисёре дар китоби муноҷот вуҷуд дорад, ки метавонем бо ин ҳадаф аз бар намоем. Дар зер фақат чанде аз онҳо оварда шудаанд:

**"Дилҳоро рӯшан кун ва чашмҳоро бино намо ва гӯшҳоро шунаво кун".[5]**

**"Бахшиши бепоён бирасон, нури ҳидоят барафрӯз".[6]**

**"Дарвозаҳои шиносоӣ бикушо, нури имон тобон намо".[7]**

**"Парвардигоро! Рӯйҳои бандагонатро нуронӣ фармо, то ба Рӯи Ту таваҷҷӯҳ намоянд."[8]**

**"Ба куллӣ ба Ту рӯй меоварам, ва бо тамоми ғайрат, аз самими қалб, ва  зеҳн, ва забонам аз Ту таманно мекунам, ки дар ин даври ваҳдати Илоҳии хеш, маро аз ҳар он чӣ хилофи иродаи Туст, ҳифз намоӣ."[9]**

## БАХШИ 6

Қалби Алеҳандра пас аз мулоқот дар манзили хонаводаи Санчез ва сӯҳбаташ бо онҳо дар бораи мавзӯи "Аҳд ва Мисоқи абадӣ" саршор аз сурур аст. Ӯ фикр мекунад: "Мулоқоти баъдӣ имконияти хубе хоҳад буд,

ки ӯ дониши худро аз ҳаёти Ҳазрати Баҳоуллоҳ амтиқтар созанд". Матне, ки дар сӯҳбати худ аз он баҳра хоҳад бурд, дар зер омадааст:

> Ҳазрати Баҳоуллоҳ дар таърихи 12-уми ноябри 1817 дар Теҳрон, пойтахти Эрон таваллуд шудаанд. Аз кудакӣ ахлоқ ва сифатҳои аҷибе доштанд, ва тарзи рафтори Он Кас, ба волидайнашон боварӣ бахшид, ки дар оянда соҳиби мақоми азиме хоҳанд шуд. Падари Ҳазрати Баҳоуллоҳ вазири машҳуре дар дарбори шоҳ буданд ва меҳр ва муҳаббати бепоёне ба писари худ доштанд. Як шаб дар хоб диданд, ки Ҳазрати Баҳоуллоҳ дар уқёнуси беканоре шино доранд, ҷисмашон ба уқёнуси паҳновар дурахшиш ва ва равшанӣ мебахшид. Даври сари нуронии Ӯ, мӯйҳои сиёҳаш бар рӯи об шиновар буд ва теъдоди зиёде аз моҳӣ ҳар як, охири ҳар тореро аз мӯи Муборак гирифта буданд. Ҳарчанд адади моҳиён хеле зиёд буд, вале як тори мӯй ҳам аз сари Он Кас ҷудо нашуд. Падари Ҳазрати Баҳоуллоҳ аз шахси муаббире хост, то ин руъёро (хобро) таъбир кунад. Он шахси муаббир гуфт: "Ин уқёнуси беканор олами вуҷуд мебошад ва Ҳазрати Баҳоуллоҳ Худашон танҳо - бе кӯмаки дигарон бар ин дунё салтанат хоҳанд намуд. Моҳиёни зиёд  ошӯб ва изтиробест, ки бо Зуҳури Ҳазраташ барпо хоҳад шуд, валокин Ӯ дар таҳти ҳифз ва ҳимояти Илоҳӣ дар амон хоҳад монд, ва ҳеҷ чиз ба Ӯ зарар ва осебе нахоҳад расонд.
>
> Вақте ки Ҳазрати Баҳоуллоҳ ба синни сездаҳ - чордаҳсолагӣ расиданд, дар дарбори шоҳ ба ҳикмат ва илм маъруф буданд. Дар 22-солагӣ падарашон сууд намуданд ва давлат мансаби олии падарро ба Он Кас пешниҳод кард, валокин Ҳазрати Баҳоуллоҳ, ки намехостанд ҳаёти Худро дар идораи корҳои дунявӣ сарф кунанд, шуғли дарбор ва вазоратро қабул нанамуданд ва роҳеро, ки Худованд барои Он Кас муайян фармуда буд, тай карданд. Вақти Худро барои ёрӣ ба мазлумон, камбағалон ва беморон сарф менамуданд ва ба зудӣ ҳамчун шахси одил ва боинсоф дар байни мардум машҳур ва шинохта шуданд.
>
> Дар синни 27-солагӣ Ҳазрати Баҳоуллоҳ ба воситаи фиристодаи хосе баъзе аз Осори Ҳазрати Бобро дарёфт намуданд, ки дар он башорат ба Зуҳури Явмуллоҳ (Рӯзи Худованд) дода шуда буд, рӯзе, ки Фиристодаи Нави Илоҳӣ зоҳир хоҳад шуд ва Сулҳи Умумӣ, ваҳдат ва адолатеро, ки инсоният муддатҳо мунтазири он буданд, хоҳад овард. Ҳазрати Баҳоуллоҳ ҳамон замон Паёми Ҳазрати Бобро қабул фармуданд ва яке аз пайравони муштоқи Он Ҳазрат гардиданд. Мутаассифона, ҳокимони Эрон, ки бо хоҳишҳои нафсонӣ кӯр шуда буданд, бераҳмона ва ваҳшиёна пайравони Ҳазрати Бобро таъқиб мекарданд. Бо вуҷуди он ки Ҳазрати

Баҳоуллоҳ ашрофзода буданд, Он кас ҳам гирифтори ин мусибатҳо гардиданд. Ҳудуди 8 сол пас аз Баъсати (ба рисолат фиристода шудани) Ҳазрати Боб ва ду сол пас аз шаҳодати Он Ҳазрат, Ҳазрати Баҳоуллоҳ асири зиндони Сиёҳчол шуданд. Занҷире, ки бар гардани Он Ҳазрат буд, он қадар вазнин буд, ки сарашонро бардошта наметавонистанд. Дар ин зиндон Ҳазрати Баҳоуллоҳ 4 моҳ дар ниҳояти тангдастӣ ва эҳтиёҷ ба сар бурданд ва дар ҳамин Сиёҳчол буд, ки Ваҳйи Илоҳӣ бар Он Кас нозил шуд ва маълум гардид, ки Мавъуди (ваъдашудаи) ҳамаи асрҳо мебошанд. Аз ин зиндони ториктарин Офтоби Ҳазрати Баҳоуллоҳ баромад, то ҳамаи офаринишро равшан кунад.

Пас аз 4 моҳи зиндонӣ буданашон дар зиндони Сиёҳчол тамоми дороии Ҳазрати Баҳоуллоҳро ғорат карда Он Касро бо аҳли оилаашон бадарға намуданд. Дар сармои сахти зимистон аз тариқи кӯҳҳои ғарбии Эрон ба сӯи Бағдод, ки яке аз шаҳрҳои ҳукумати Усмонӣ буд ва акнун пойтахти Ироқ аст, ҳаракат намуданд. Калима аз васфи мусибатҳои ин сафар оҷиз аст, ки бигӯяд, чӣ гуна онҳо садҳо килуметр роҳро дар барф ва яхбандон пиёда тай намуданд.

Шӯҳрати Муборак ба суръат дар Бағдод ва шаҳрҳои ҳамсояи он минтақа паҳн шуд ва мардум даста-даста ба дидани Он Кас меомаданд, то файз ва баракат талабанд, валокен баъзеҳо ба қудрати Он Ҳазрат ҳасад мебурданд. Яке аз онҳо бародарандари Он Ҳазрат Мирзо Яҳё буд. Мирзо Яҳё, ки дар он айём мавриди эҳтиром буд, бар зидди Ҳазрати Баҳоуллоҳ бархост, ба хаёли ин ки бобиён ӯро ба роҳбарӣ қабул хоҳанд кард, вале намедонист, ки бо руй баргардонданаш аз Мазҳари Зуҳури Илоҳӣ сукути (афтодани) ӯ ҳатмӣ хоҳад буд.

Фитнаҳои Мирзо Яҳё сабаби зиддияти байни пайравони Ҳазрати Боб гардид ва боиси ғами шадиди Ҳазрати Баҳоуллоҳ шуд. Як шаб, Ҷамоли Муборак ба касе чизе нагуфта, хонаро тарк фармуда, ба кӯҳҳои Курдистон рафтанд. Дар он ҷо гӯшанишинӣ ихтиёр фармуда, ба дуо ва муноҷот пардохтанд. Дар ғори хурде зиндагӣ карданд ва ба оддитарин ғизо қаноат фармуданд. Касе Он Касро намешинохт ва номашонро намедонист. Валокин оҳиста-оҳиста мардуми он минтақа дар бораи «Шахси ношинос» – Дарвеши бузургворе, ки илми Илоҳӣ дошт, сухан гуфтанд ва чун хабари ин Шахси бузургвор ба писари калониашон Ҳазрати Абдулбаҳо расид, бе фосила дар “шахси ношинос” Падари азизи Худро шинохтанд. Ва номае ба воситаи қосид (фиристода)-е ба Он Ҳазрат фиристоданд ва таманно намуданд, ки ба Бағдод баргарданд ва Он Кас қабул

фармуданд. Оқибат, баъд аз ду сол ба даврони пурмашаққати гӯшанишинии Худ хотима доданд.

Дар айёми набудани Ҳазрати Баҳоуллоҳ авзоъи ҷомеаи бобӣ ба суръат ба сӯи ақиб ва пастӣ кашида шуд. Ҳазрати Баҳоуллоҳ, ба маҳзи бозгашт ба ислоҳи ахлоқ ва рафтори пайравони ситамдида ва саргардони Ҳазрати Боб пардохтанд. Бо вуҷуде, ки ҳанӯз Он Кас мақоми азими худро эълон нанамуда буданд, қудрати калом ва ҳикмати Ҳазраташон теъдоди бисёре аз бобиёнро таҳти таъсир карор дода, одамони табақаҳои гуногун мафтуни Он Кас гашта, аз муридони Он Ҳазрат шуда буданд. Валокин уламои мутаассиб натавонистанд, нуфузи азими Ҳазрати Баҳоуллоҳро бар ин теъдоди зиёди мардум тоқат кунанд. Барои ҳамин ба масъулони давлатӣ такрор ба такрор шикоят менамуданд, то ин ки ҳукумати Ирон бо баъзе аз масъулони импротурии Усмонӣ ҳамдаст шуда, Ҳазрати Баҳоуллоҳро ба шаҳре дуртар аз ватани аслӣ, яъне ба Истамбул бадарға намуданд.

Апрели 1863 барои мардуми Бағдод пур аз ғам ва андӯҳ буд. Қарор буд Шахсе, ки Ӯро дӯст медоштанд, шаҳрро ба мақсади номаълум тарк намояд. Чанд рӯз пеш аз сафар Ҳазрати Баҳоуллоҳ ба боғе, ба беруни шаҳр гузаштанд ва 12 рӯз дар он боғ хайма заданд ва теъдоди зиёде аз мардум даста-даста барои видоъ бо Он Ҳазрат меомаданд ва пайравони Ҳазрати Боб бо дилҳое пур аз ғам ба зиёрати Он Кас ноил мешуданд ва баъзе аз он касон бо Он Ҳазрат дар бадарға ба шаҳри Истамбул ҳамроҳ шуданд, валокин хелеҳо боқӣ мемонданд ва аз ҳамроҳии Ҳазрати Баҳоуллоҳ маҳрум мешуданд, валокин иродаи Илоҳӣ чунон набуд, ки ин воқеа бо ғам тамом шавад. Дарвозаҳои фазли бепоён ба рӯи дӯстон кушода шуд, ва Ҳазрати Баҳоуллоҳ ба ҳамроҳон эълон фармуданд, ки Ман-Язҳаруллоҳ (Касе ки Худо Ӯро зоҳир мекунад) ва Мавъуди аҳли Баён мебошанд. Дар ин дам ғам мубаддал ба шодӣ гардид ва дилҳо ба муҳаббати Ҳазрати Баҳоуллоҳ фурӯзон шуд. Ин 12 рӯз аз 21-уми апрел то 2-юми май ба номи иди Ризвон – солгарди Изҳори Амри ошкорои ҷаҳонорои Ҳазрати Баҳоуллоҳро, баҳоиён дар саросари олам ва дар тӯли қарнҳои оянда ҷашн хоҳанд гирифт.

Истамбул маркази импротурии Усмонӣ буд. Дар ин ҷо низ азамат ва ҳикмат ва ҷаззобияти Ҳазрати Баҳоуллоҳ касони бисёреро ба сӯи худ кашид. "Ӯ набояд дар Истамбулбимонад" замзама мекарданд руҳониёни мутассиби мусулмон ва намояндагони давлати Эрон ва душманон дигар масъулони давлатро розӣ намуданд, ки Ҷамоли Муборакро ба Адерна бадарға кунанд. Дар Адерна Ҳазрати Баҳоуллоҳ Алвоҳе ба маликон ва подшоҳон навиштанд ва аз онҳо

даъват намуданд, то даст аз зулм ва ситам бардоранд ва вақти худро сарфи хушбахтӣ ва осоиши миллат созанд. Пас аз муддате мақомоти давлати Усмонӣ Он Ҳазратро ба Акко фиристоданд ва дар қалъаи низомии он шаҳр зиндонӣ карданд. Акко дар он замон бадтарин зиндон дар тамоми импротурии Усмонӣ ҳисоб мешуд ва душманон гумон намуданд, ки дар шароити вазнини сарбозхонаи Акко, маъруфияти Ҳазрати Баҳоуллоҳ фаромӯш ва нурашон хомӯш хоҳад шуд, ва бо ин амал метавонанд Амр ва Иродаи Илоҳиро аз ҳаракат боздоранд.

Мусибатҳои Ҳазрати Баҳоуллоҳ дар Акко аз ҳад зиёд аст. Дар аввал ба танҳоӣ дар ҳуҷрае ҳабс шуданд, ки ҳатто кӯдакон ва айёли Муборак иҷозаи мулоқот надоштанд. Шаб ва рӯз дар иҳотаи душманон буданд ва ҳеҷ василаи осоиш ва истироҳат вуҷуд надошт, вале авзоъи зиндон оҳиста-оҳиста дигар шуд. Сокинони Акко ва намояндагони ҳукумат конеъ шуданд, ки Ҳазрати Баҳоуллоҳ ва баҳоиён бегуноҳ мебошанд. Дар ин ҷо низ дубора мардум ҷазб ба илм ва дониш ва муҳаббати Он Ҳазрат шуданд, бо вуҷуде ки ҳануз азамати дақиқии Он Ҳазратро дарк намекарданд. Пас аз чанд сол дарвозаҳои зиндон боз шуд, ва Ҳазрати Баҳоуллоҳ озод шуданд, ва ба Он Кас иҷозат дода шуд ба хонаи роҳаттар дар он наздикиҳо гузаранд, маҳалле, ки имрӯза ба номи қасри Баҳҷӣ машҳур аст. Ва дар ин маҳал буд, ки Ҳазрати Баҳоуллоҳ дар моҳи майи 1892 дар авҷи азамат ва ҷалол сууд фармуданд.

Ҳазрати Баҳоуллоҳ парчами сулҳи умумӣ ва ваҳдати олами инсониро баланд намуданд ва Калимаи Илоҳиро нозил фармуданд. Бо вуҷуде ки душманони Он Ҳазрат бо тамоми қувват зидди Он Кас қиём намуданд, Он Ҳазрат ғолиб шуданд ва ваъдаи Илоҳӣ, ки дар Сиёҳчоли Теҳрон дар тахти занҷир ба Он Кас дода шуда буд, иҷро шуд. Дар давраи ҳаёти Он Кас Паёми Ҳазраташон дили ҳазорон касонро зинда кард ва имрӯз Таолими Муборак пайваста дар олам паҳн мешавад ва ҳиҷ чиз наметавонад пеши роҳи мақсади ниҳоии Онро, ки ваҳдати олами инсонӣ дар сояи як Амри ҷаҳонӣ ва як Диёнат аст, бигирад.

Ривояти боло дар бораи Ҳазрати Баҳоуллоҳ нисбатан тӯлонӣ аст ва пеш аз анҷоми машқҳо бояд чандин бор дар гурӯҳҳои худ онро сархат ба сархат бихонед, ва аз якдигар суол кунед, то мавзӯъро хуб бифаҳмед ва битавонед ба осонӣ онро баён намоед. Нақшаи зерин барои ба хотир овардани роҳи табъидҳои Ҳазрати Баҳоуллоҳ ва воқеаҳое, ки дар он роҳ рӯй дода буд, ба шумо кӯмак хоҳад кард.




1. Мумкин аст муфид бошад, ки дар зер бар асоси ривояти дар боло овардашуда силсилаи воқеаҳои асосиеро, ки ба Ҳазрати Баҳоуллоҳ рабт доранд, бинависед.

2. Дар гуфтугӯ оиди мавзӯъи ҳаёти Ҳазрати Баҳоуллоҳ чанд мафҳуме ҳаст, ки бояд ҷудо аз силсилаи руйдодҳо ба онҳо таъкид карда шавад. Андеша дар бораи азобҳое, ки Он Кас ба хотири ишқи Худ ба башарият тоб овардаанд, ва фирӯзиҳои фавқулоддае, ки Амри он Ҳазрат дар муқобили мухолифатҳо ба даст овардааст, аҳамияти махсусе дорад. Бигузорем ин калимаҳо дар зеҳнҳо ва қалбҳои мо нақш банданд:

“Ҷамоли Қедам барои раҳоии олам зиндонӣ шуда, ва барои озодии оламҳо дар Қалъаи аъзам ҳабс гардидаанд, ва барои сурури ҷаҳониён ҳузнҳоро барои худ ихтиер фармудаанд. Ин аз раҳмати Парвардигори Раҳмон ва Раҳими туст. Зиллатро барои иззати шумо ва шиддатро барои роҳати шумо, эй гурӯҳи муваҳҳидон, қабул фармудаем! Ба ростӣ, ки Касе ки барои аз нав бунёд кардани олам омад, мушрикон Уро дар харобтарини шаҳрҳо маскун додаанд!”[10]
тарҷумаи мазмуни иқтибос

3. Вақте дар бораи ранҷу азобҳои Ҳазрати Баҳоуллоҳ сухан меронем, бояд эҳтиёт шавем ки Он Касро ба сурати як қурбонии дар муқобили душманонашон дармонда, муаррифӣ накунем. Он Кас довталабона пазируфтанд, ки дар занҷир зиндонӣ шаванд, то навъи башарро раҳоӣ бахшанд. Достони ҳаёташон ҳар чанд дорои ранҷҳои азим аст, зотан саршор аз пирӯзӣ аст, Оё метавонед, бо кӯмаки роҳнамои гурӯҳи худ бар асоси дониши ҳоло ба дастовардаи худ, аз ҳаёти Ҳазрати Баҳоуллоҳ суханронии кӯтоҳе дар бораи ранҷҳо ва пирӯзиҳои Он Кас таҳия кунед? Суолоти зер мумкин аст ба шумо кӯмак кунанд:

а. Чаро Ҳазрати Баҳоуллоҳ ризоият доданд, ки дар занҷир бошанд?
_______________________________________________
_______________________________________________

б. Чаро Ҳазрати Баҳоуллоҳ пазируфтанд ки зиндонӣ шаванд? ____
_______________________________________________

в. Чаро Ҳазрати Баҳоуллоҳ аз ҷоми ҳузн нӯшиданд? ____________
_______________________________________________

г. Чаро Ҳазрати Баҳоуллоҳ зиллатро қабул карданд? ____________
_______________________________________________

д. Чаро Ҳазрати Баҳоуллоҳ ин ҳама мусибатҳоро дучор шуданд? ______________________________________________________

______________________________________________________

е. Оё Ҳазрати Баҳоуллоҳ ранҷро пазируфтанд, чун наметавонистанд тазри дигар рафтор кунанд? ______________________________

______________________________________________________

ж. Агар Ҳазрати Баҳоуллоҳ дар баробари душманони худ беқудрат набуданд, пас чаро ранҷро пазируфтанд? __________________

______________________________________________________

## БАХШИ 7

Дувуммин мулоқоти Алеҳандра бо хонаводаи Санчез ба андозаи мулоқоти аввал сурурангез аст. Ҷаноб ва хонуми Санчез то ҳадде бо достони ҳаёти Ҳазрати Баҳоуллоҳ ошно ҳастанд, аммо аз ин ки аз нутқи Алеҳандра чизҳои бештаре ёд мегиранд хушҳоланд, ва таҳти таъсири достони ранҷҳои он Ҳазрат қарор мегиранд. Дар як замони таваққуф хонум Санчез чунин фикр мекунад:"Ба назарам мерасад, Мазоҳири Зуҳури Илоҳӣ ҳамеша дар дасти касоне, ки ташнаи раҳбарӣ ва қудрати дунё ҳастанд, ранҷ мекашанд". Алеҳандра тасмим мегирад, ки муносиб аст Навиштаеро, ки аз бар кардааст – ки шумо низ онро аз мутолиаи бахши қаблӣ медонед, бо онҳо дар миён гузорад – Навиштае, ки дар он Ҳазрати Баҳоуллоҳ дар бораи ранҷе, ки ба хотири навъи башар таҳаммул фармудаанд, то мо аз зулм озод шавем ва ба саодати пойдор даст ёбем, сухан мегӯянд. Ҳар се дӯст аз гуфтугӯҳои он рӯз ба шавқ омадаанд.

Вақте Алеҳандра дар бораи мулоқоти баъдӣ фикр мекунад, ба суръат ба ин натиҷа мерасад, ки мақоми Ҳазрати Абдулбаҳо метавонад мавзӯъи табиие барои идомаи гуфтугӯ бошад. Инҳо нуқоте аст, ки у ҳатаман дар сӯҳбатҳои худ хоҳад ғунҷонд:

> Ҳазрати Абдулбаҳо, ки писари калонии Ҳазрати Баҳоуллоҳ ҳастанд, яке аз беҳамтотарин шахсиятҳое дар таърихи башар ҳастанд, ва ҳеҷ касеро монанди Он Кас дар таърихи адён наметавон ёфт. Он Кас дар ҳоле, ки ҳанӯз тифл буданд, мақоми илоҳии Падари бузургворашонро шинохтанд ва дар табъидҳо ва ранҷҳои Он Кас шарик шуданд. Ҳазрати Баҳоуллоҳ нигаҳбонӣ ва ҳимояти ҷомеаи баҳоиро пас аз Сууди Худ ба Ҳазрати Абдулбаҳо супурданд. Ҳаргиз наметавонем баракати азимеро ки Ҳазрати Баҳоуллоҳ ба навъи башар ато фармуданд комилан дарк кунем, баракате ки на танҳо

Зуҳури Аъзами Илоҳӣ, балки фарзанди Он Касро низ шомил мешавад, фарзанде, ки ба фармудаи Ҳазрати Баҳоуллоҳ, олам ба нури дониш ва ҳикматашон мунаввар ва ҳидоят хоҳад шуд.

Вақте ҳаёти Ҳазрати  Абдулбаҳо ва баёноти Он Касро мутолиа мекунем, дар бораи мақоми беҳамтое ки Шахси Он Кас дар ин Даври муборак ишғол мекунанд, огоҳ мешавем. Муҳим аст, ки се ҷанбаи ин мақомро дар зеҳн дошта бошем.

Аввалан, Ҳазрати Абдулбаҳо Маркази Аҳд ва Паймони Ҳазрати Баҳоуллоҳ мебошанд. Асосан паймоне, ки Ҳазрати Баҳоуллоҳ бо пайравони Худ бастаанд, шарташ ин аст, ки бо дили худ ба суи Маркази Аҳд рӯ оварем ва ба Он вафодор бошем. Ҳазрати Абдулбаҳо дар «Алвоҳи Муборакаи Васоё» баъд аз Он Ҳазрат, Ҳазрати Шавқӣ Аффандӣ, Валии Амрро марказе номиданд, ки пас аз ин олам рафтани Ҳазрати Абдулбаҳо ҳамаи мо бояд ба он кас таваҷҷӯҳ намоем. Имрӯз Маркази Аҳд – Байтул - Адли Аъзам аст, ки бино ба дастуроти рӯшани Ҳазрати Баҳоуллоҳ ва таълимоти возеҳи Ҳазрати Абдулбаҳо ва Ҳазрати Валии Амруллоҳ таъсис гардидааст. Қувваи Аҳду Мисоқ ҷомеаи баҳоиро ҳимоят мекунад ва онро аз фирқабандӣ ва азҳамҷудошавӣ ҳифз мекунад.

Дуюм, Ҳазрати Абдулбаҳо мубайини маъсуми (тафсирдиҳандаи бехато)-и баёноти Ҳазрати Баҳоуллоҳ мебошанд. Зуҳури Ҳазрати Баҳоуллоҳ чунон васеъ ва маънои ҳар як баёнашон чунон амиқ аст, ки Он Кас лозим донистанд, баъд аз Худ мубайине (тафсирдиҳандае) ба мо гузоранд, ки Худашон ба Ӯ илҳом бахшида бошанд. Ва бад-ин тартиб наслҳои ояндаи башар метавонанд, Таолими Муборакаи Ҳазрати Баҳоуллоҳро аз тариқи тафсир ва баёнҳои Ҳазрати Абдулбаҳо дар Алвоҳ ва хитобаҳои стенографии тасвибшуда дарк намоянд. Ва баъд аз Ҳазрати Абдулбаҳо, Ҳазрати Шавқӣ Аффандӣ мубайини Оёти Илоҳӣ мебошанд. Ба ҳамин тариқ вазифаи табйин (шаҳрдиҳандагӣ) ба охир расид ва баъд аз ин ҳеҷ кас салоҳияти тафсири каломи Ҳазрати Баҳоуллоҳро то поёни Даври Баҳоӣ надорад.

Дар гузашта, ҳар яке аз динҳо ба роҳҳои гуногун таҳсим шуданд, зеро аз доштани марказе, ки ёрон битавонанд дар дини ихтилофи назар дар бораи Калимоти нозилшуда дар Китобҳои Муқаддаса ба он муроҷиат намоянд, маҳрум буданд. Вале дар ин Зуҳур чунончӣ маънӣ ва мафҳуми Баёноти Ҳазрати Баҳоуллоҳ барои ёрон рушан набошад, ба табйиноти Ҳазрати Абдулбаҳо ва Ҳазрати Валии Амруллоҳ муроҷиат менамоянд ва чунончӣ маъно возеҳ нагардад, ба Байтул-Адли Аъзам таваҷҷӯҳ мекунанд ва ба ин тартиб

имконияте барои ихтилоф дар маънии таолими Муборака боқӣ намемонад ва ваҳдати Амри Илоҳӣ нигоҳ дошта мешавад.

Сеюм, Ҳазрати Абдулбаҳо Масали аълои (Намунаи беҳтарин) дар амал ҷорӣ шудани Таолими Мубораки Падари бузургворашон мебошанд. Ҳарчанд мо ҳеҷ гоҳ наметавонем ба он марҳала аз камол бирасем, вале бояд ҳамеша Ӯро дар пеши руи худ бинем ва кушиш намоем, ки ба Ӯ пайравӣ намоем. Вақте дар Осори Муборака дар бораи ишқ ва муҳаббат мехонем, ба Ҳазрати Абдулбаҳо таваҷҷӯҳ намуда, сарчашмаи ишқ ва меҳрабониро мебинем. Вақте дар бораи покӣ ва покизагӣ, адолат ва инсоф, ростӣ ва садоқат, шодӣ ва сурур, диҳиш ва саховат мехонем ба Ҳазраташ ру оварда, дар ҳаёти Муборак ин сифатҳоро, ки ба дараҷаи камол дар Он Ҳазрат намудор шудааст, хоҳем дид.

Аммо асоси ҳаёти Муборак хидмати он Ҳазрат аст. Медонед, ки тахаллуси Абдулбаҳо ба маънои бандаи Баҳо аст ва унвоне аст, ки Ҳазраташон аз ҳамаи унвонҳои дигар болотар донистаанд. Баёни зерин аз Ҳазрати Абдулбаҳо нишонаи орзуи Муборак ба хидмат аст:

**"Номи Ман Абдулбаҳост. Сифати Ман Абдулбаҳост. Ҳақиқати Ман Абдулбаҳост. Ситоиши Ман Абдулбаҳост. Бандагии Ман ба Ҷамоли Қедам тоҷи бошукӯҳ ва дурахшандаи Ман аст, ва хидмат ба навъи башар, оини қадими Ман... На исме, на лақабе, на зикре, на наъте, ҷуз Абдулбаҳо нахостаам ва ҳаргиз нахоҳам. Ин аст, орзуи Ман, ин аст ҳаёти абадии Ман. Ин аст, иззати сармадии Ман."**[11]

Равшан аст, он чи Алеҳандра барнома дорад, ки дар мулоқоти баъдӣ бо хонаводаи Санчез дар миён гузорад, чизе беш аз муаррифии як шахсияти бисёр бемислу монанд нест; дарки онҳо аз мақоми Ҳазрати Абдулбаҳо дар ин Давр дар солҳои оянда ба рушди худ идома хоҳад дод. Дар ҳаёти худ ҳамчунон, ки роҳи хидматро мепаймоед, имкониятҳои бисёре хохед дошт, то намунаи Он Ҳазратро ба зеҳн оваред ва дар бораи баёноташ фикрронӣ намоед. Дар қисми қаблии китоб бо баъзе аз баёноти Ҳазрати Абдулбаҳо шинос шудед, ва шуморо ташвиқ кардем, ки ёд бигиред афкоре, ки мазмунаш аз Алвоҳ ва хитоботи умумии Он Ҳазрат аст, ба шеъваи (тарзи) Ӯ баён кунед. Дар ин ҷо барои мустаҳкам кардани дарки имрӯзаи худ аз мақоми Он Ҳазрат, бояд дар бораи нукоти асосии дар боло ишорашуда бо дигар аъзои гурӯҳи худ машварат кунед, ва тамрин кунед, ки онҳоро ба хубӣ баён намоед. Андешаронӣ бар баёне, ки нақл шудааст, шуморо дар сайъҳоятон барои пешрафт дар роҳи хидмат илҳом хоҳад бахшид.

# БАХШИ 8

Саволе, ки Алеҳандра аз оғози боздиди ӯ бо ҷаноб ва хонум Санчез дар фикраш буд, ин аст, ки мавзӯъҳои мавриди муҳокима ба онҳо бештар кӯмак мекунанд, ки қаҳрамонҳои фаъоли раванди бунёди ҷомеа шаванд. Аз як тараф, мавзӯъҳо ба монанди дуо, ҷовидии рӯҳ ва устуворӣ дар муҳаббати Худо мавҷуданд, ки вай умедвор аст дар ин бобат бо онҳо сӯҳбат кунад, зеро пояҳои ҳаёти рӯҳониашон бояд доимо тақвият дода шавад. Аз тарафи дигар, ба даст овардани диди ҷомеаҳое, ки тадриҷан рушд мекунанд ва аҳамияти гузоштани саҳми арзандае дар татбиқи он, барои онҳо лозим хоҳад буд. Ҳангоми сӯҳбат бо ҷаноб ва хонум Санчез дар бораи мақоми Хазрати ‘Абдул-Баҳо, Алеҳандра тадриҷан дарк мекунад, ки мавзӯи мулоқоти навбатии ӯ бояд чӣ гуна бошад. "Ҳадафи муттаҳид сохтани одамон барояшон хеле возеҳ аст", фикр мекунад вай. "Пас акнун, мо бояд мавзӯъи сохтан ва нигох доштани ҷомеаи ягонаро биомӯзем."

Алеҳандра мулоқоти чоруми худро бо тавсифи фаъолиятҳое оғоз мекунад, ки ҳоло як гурӯҳи нисбатан хурди дӯстон дар ҳамсоягӣ доранд. "Бо зиёд шудани шумораи мо, – мефаҳмонад вай," масъулияти аз ҳама мушкилтарине, ки бояд ба дӯшамон гирем он аст, ки чӣ тавр мо ҳарчӣ бештар дар суханон, фикрҳо ва амалҳои худ муттаҳид бошем. Агар шумо розӣ бошед, мо имрӯз метавонем мавзӯи ваҳдатро бо ҳам биомӯзем. ”

- Ман мебинам, ки ваҳдат барои рушди ҷомеаи мо то чӣ андоза муҳим аст, – посух медиҳад хонум Санчез.
- Ва бештар аз ҳама, он паёми ваҳдат буд, ки Ҳазрати Баҳоуллоҳ аз аввал дили моро ба таълимоти Худ ҷалб кард, – мегӯяд ҷаноби Санчез.
- Ман якчанд ғояро интихоб кардам ва барои ҳар як иқтибосе ёфтам мегӯяд Алеҳандра. Агар шумо розӣ ҳастед, мо метавонем онҳоро як ба як бисанҷем ва муҳокима кунем.
- Дар зер рӯйхати ғояҳое, ки Алеҳандра интихоб кардааст, оварда шудааст:

- Барои он, ки ҷомеаи мо воқеан муттаҳид бошад, ҳар яки мо бояд аз ҷанҷол ва мунокиша канорагирӣ намоем. Ҳазрати Баҳоуллоҳ чунин мефармоянд:

**"Зараре аз барои ин Амр, имрӯз, бузургтар аз ҷудоиандозӣ ва низоъ, ваҷидол, ва бегонагӣ, ва бетафовутӣ мобайни дӯстон набуда ва нест. Бо қудрати Худованд аз ин гуна рафтор дурӣ кунед, ва дилҳои дӯстонро ба воситаи Номи Худованди**

**Муттаҳидкунандаи Доно ва Хирадманд муттаҳид намоед."**[12 тарҷума]

- Мо бояд нисбат ба ҳамаи ҷомеа муҳаббат дошта бошем, муҳаббате, ки инъикоси муҳаббати мо нисбат ба Худост. Ҳазрати Абдул-Баҳо мефармоянд:

**"Бо якдигар дар ниҳояти иттиҳод бошед. Ҳаргиз нагузоред, ки ҳисси хашм ва ғазаб дар дили шумо роҳ ёбад... Халқро аз барои Худо дӯст доред, на аз барои худ. Чун барои Худо дӯст доред, ҳеҷ вақт хашмгин намешавед ва таассуф намехӯред. Зеро инсон комил нест. Ҳатман ҳар инсоне нуқсоне дорад, агар назар ба норасоӣ ва нуқсони табиати инсон намоед, ҳамеша ғамгин ва маҳзун мешавед, осоиш намеёбед ва ба хушбахтӣ намерасед. Аммо агар назар ба Худо намоед, чун олами Ҳақ олами камол аст, меҳрубонии маҳз аст, барои ҳамин ба хотири Ӯ ҳамаро дӯст медоред, ба ҳама меҳрубонӣ мекунед."**[13]

- Агар бо вуҷуди ишқе, ки ба якдигар дорем, кудурате (хафагӣ) байнамон ҳосил шуд, бояд билофосила ин Баёни Ҳазрати Абдулбаҳоро ба ёд орем:

**"Аз шумо мехоҳам то ҳар кадом фикри дили худро ба муҳаббат ва ваҳдат равона созед. Агар дар дили шумо фикри ҷанг пайдо шавад, ба фикри сулҳ рӯ оварда, ёрӣ талабида, ба он муқобилият кунед. Агар дар дили нафаре аз шумо нисбат ба касе хусумат ва душманӣ пайдо шуд, онро ба воситаи фикри меҳру муҳаббат саркӯб кунед. Фикри ҷанг ба ҷаҳон харҷу марҷ, нобасомонӣ, маҳрумият ва ғам меоварад, ва одамонро аз ҳам ҷудо ва пароканда мекунад.**

Фикри муҳаббат водор менамояд, ки барои расидан ба сулҳ ва дӯстӣ кӯшиш намоем, ва ҷонро саршор аз ҳисси бародарӣ ва хушбахтӣ менамояд."[14]

- Ва агар саъйю кӯшиши худро кардед, вале хоҳишҳои нафсонӣ - галаба намояд ва ихтилоф воқеъ шавад, ин баёни Ҳазрати Баҳоуллоҳ дар ин лаҳзаҳои нотавонӣ ва сустӣ ба мо кӯмак мекунад:

**"Агар байни шумо ихтилофе сар зад, Маро дар муқобили худ пеши назар оред; ва дар ҳолати холис ва самимона ба хотири Ман; ва ба хотири муҳаббат ба Амри дурахшанда ва мунири Ман, аз он чӣ зоҳир шуд, чашм бипӯшед."**[15]

- Интизоми руҳонии хатопушӣ ва дидани сифатҳои хуб, ва ҳазар аз ғайбат таъсирбахштарин василa барои дурӣ аз ихтилоф аст. Ба ёд орем, ки маъмулан мо хатои касонеро, ки дӯсташон дорем намебинем, ва ҳеҷ мушкиле дар чашмпушӣ аз хатоҳои онон надорем. Ҳазрати Абдулбаҳо мефармоянд:

**"Чашми хатобин назар ба хато кунад, аммо назари хатопӯш ба Офаридгори ҷон ва равони мардумон бингарад, чӣ ки ҳамаро Ӯ офаридааст; ҳамаро Ӯ парвариш мекунад; ризқ медиҳад; ба ҳама ҷон ва равон ва чашм ва гӯш мебахшад. Аз ин рӯ ҳама нишонаҳои қудрати Ӯ ҳастанд, бояд ҳамаро дӯст дошт, ба ҳама меҳрабонӣ кард, бенавоёнро ғамхорӣ намуд, нотавононро ҳимоят кард, беморонро шифо бахшид, нодононро таълим ва тарбият намуд."**[16]

Ҳазрати Баҳоуллоҳ мефармоянд:

**“Эй рафиқи аршӣ! Бад машнав ва бад мабин, ва худро залил макун, ва авил бармаёр. Яъне бад магӯ, то нашнавӣ ва айби мардумро бузург мадон, то айби ту бузург нанамояд, ва зиллати нафсе railmaписанд, то зиллати ту чеҳра накушояд. Пас бо дили пок, ва қалби тоҳир, ва садри муқаддас, ва хотири муназзаҳ дар айёми умри худ, ки ақалл аз оне маҳсуб аст, фориғ бош, то ба фароғат аз ин ҷасади фонӣ ба фирдавси маонӣ роҷеъ шавӣ ва дар малакути боқӣ мақарр ёбӣ.”**[17]

Он Кас ба мо мефармоянд:

**“Эй муҳоҷирон! Лисон махсуси зикри Ман аст, ба ғайбат маёлоед, ва агар нафси норӣ ғалаба намояд, ба зикри айбҳои худ машғул шавед, на ба ғайбати халқи Ман, зеро ки ҳар кадом аз шумо ба нафси худ бинандатар ва огоҳтаред, аз нуфуси ибоди Ман.”**[18]

- Иттиҳод албатта, фақат набудани бегонагӣ ва ихтилоф нест ва ишқ ва муҳаббат набояд, фақат забонӣ бошад. Мо вақте метавонем бигӯем, ваҳдат дар ҷомеаи мо мавҷуд аст, ки муҳаббати мо ба якдигар ба хидмат мубаддал гардад, ва фаъолиятҳои мо дар руҳияи ҳамкорӣ ва ёрӣ ба якдигар бошад. Ҳазрати Абдулбаҳо мефармоянд:

**"Дақиқае маёсо ва оне роҳат маҷӯ, балки ба ҷон ва дил бикӯш, ки ёре аз ёронро хидмат кунӣ ва сабаби фараҳ ва шодмонии**

**қалби нуронӣ шавӣ. Ин аст мавҳибате, ки ҷабини Абдулбаҳо ба он равшан аст, ту низ шарик ва саҳими Ӯ шав.”**[19]

Ҳамчунин мефармоянд:

**“Аъзам ниёзи навъи инсон, ҳамкорӣ ва робитаи мутақобила аст. Ҳарчи пайвандҳои дӯстӣ ва ҳамбастагӣ миёни афрод қавитар бошанд, қувваи созандагӣ ва муваффақият дар тамоми арсаҳои фаъолияти башарӣ азимтар хоҳад буд”**[20(тарҷума).]

- Яке аз муҳимтарин калидҳои иқдомоти муваффақ дар қолиби ҷомеа, машварати рӯшан ва муҳаббатомез дар ҳамаи масъалаҳост. Дар машварат фикрҳои гуногуни мо нисбат ба як масъала дар як ҷо ҷамъ мешавад, ва муносибтарин роҳи пиёда намудани барномаҳои дастаҷамъиро меёбем. Бо машварат ба ваҳдати фикр мерасем, ва вақте ваҳдати фикр ва назар дорем, нақшаҳои коромаде барои пешрафти ҷомеаи худ тартиб медиҳем. Ҳазрати Абдулбаҳо дар бораи касоне, ки машварат мекунанд, мефармоянд:

**“Аввалин фарз барои машвараткунандагон - покии ният, ва нуроният, ва инқитоъ аз ҳама чиз ба ҷуз Худованд, ва ҷазб шудан ба нафҳаҳои Илоҳӣ ва фурутанӣ ва хоксорӣ байни дӯстон ва сабру тоқат бар балоё ва бандагии Остонаи аълои Илоҳия аст ва чун ба ин сифот муваффақ ва муайяд гарданд, онҳоро пирӯзӣ аз малакути ғайби Абҳо иҳота намояд.”**[21тарҷума]

- Ваҳдати фикр ба вуҷуд намеояд, магар он ки дар ваҳдати амал намудор гардад. Ваҳдат дар амал ба ин маънӣ нест, ки ҳама як корро анҷом диҳем, балки вақте ҷомеа нақшаеро бо ваҳдати фикр тартиб медиҳад, боис мешавад аз истеъдодҳои гуногуни ҳар фард дар ҷомеа ниҳоятдараҷа истифода шавад. Қуввати мо дучандон мешавад, ва ҳатто вақте теъдоди ҷомеаи мо кам аст, метавонем ба муваффақиятҳое даст ёбем, ки аксари созмонҳои бузург ва қудратманди олам аз он оҷизанд. Ҳазрати Абдулбаҳо мефармоянд:

**“Чун инсонҳои муқаддаса ба қуввати малакутия бо ин хислатҳои раҳмония қиём намоянд ва сафи иттиҳод биороянд, ҳар яке аз онҳо мисли ҳазор нафар гардад, ва мавҷҳои ин баҳри Аъзам мисли фавҷҳои (қӯшунҳои) Малаъи Аъло шаванд.”**[22]

Пас аз ин ки бо диққат ғояҳои болоиро нукта ба нукта, чандин бор дар гурӯҳи худ мутолеа намудед, шояд мехоста бошед ба ҳамдигар дар

омухтани онҳо кӯмак диҳед, монанди он ки бо сетои қаблӣ анҷом дода будед. Машқҳои зерин ба шумо дар кӯшишҳоятон кӯмак хоҳанд дод:

1. Ҷумлаҳои зеринро комил кунед:

а. Зараре аз барои ин Амр, дар имрӯз, бузургтар аз ____________ ва низоъ ва ҷидол ва бегонагӣ ва бетафовутӣ мобайни дӯстон набуда ва нест.

б. Зараре аз барои ин Амр, дар имрӯз, бузургтар аз ҷудоиандозӣ ва ____________ ва ҷидол ва бегонагӣ ва бетавофутӣ мобайни дӯстон набуда ва нест.

в. Зараре аз барои ин Амр, дар имрӯз, бузургтар аз ҷудоиандозӣ ва низоъ ва ______________________ ва бегонагӣ ва бетавофутӣ мобайни дӯстон набуда ва нест.

г. Зараре аз барои ин Амр, имрӯз, бузургтар аз ҷудоиандозӣ ва низоъ ва ҷидол ва ________________________________ ва бетавофутӣ мобайни дӯстон набуда ва нест.

д. Зараре аз барои ин Амр, имрӯз, бузургтар аз ҷудоиандозӣ ва низоъ ва ҷидол ва бегонагӣ ва ___________________ мобайни дӯстон набуда ва нест.

ж. Зараре аз барои ин Амр, имрӯз, бузургтар аз ҷудоиандозӣ ва низоъ ва ҷидол ва бегонагӣ ва бетавофутӣ ______________ ___________________________ дӯстон набуда ва нест.

з. Зараре аз барои , имрӯз, бузургтар аз ҷудоиандозӣ ва низоъ ва ҷидол ва бегонагӣ ва бетавофутӣ мобайни дӯстон набуда ва нест.

2. Дар баёни дувум Ҳазрати Абдулбаҳо ба мо мефармоянд:

а. Бо якдигар дар ниҳояти _____________________________ бошед.

б. Ҳаргиз аз якдигар _____________________________ нашавед.

в. Халқро аз барои ___________________ дӯст доред, на барои _____________

г. Чун барои _________________ дӯст медоред, ҳеҷ вакт намешавед.

д. Инсон _________________ нест, ҳатман дар инсоне ___________ ____________________ дорад.

е. Агар назар ба _______________ намоед, ҳамеша ___________ _______________ мешавед.

ж. Аммо агар назар банамоед, барои Ӯ ҳамаро _________________ медоред ва ба ҳама ____________________________ мекунед.

3. Дар баёни сеюм Ҳазрати Абдулбаҳо мефармоянд:

а. Ҳар яке аз мо бояд фикри дили худро дар ______________ ва __________ равона кунем.

б. Фикри ҷангро ___________________________ муқобилият кунем.

в. Фикри ҷангро бояд бо ________________________________________ саркӯб кунем.

г. Фикри ҷанг ______________________ аз ҳам ҷудо ва пароканда мекунад.

д. Фикри муҳаббат ________________________________________ менамояд.

4. Вақте мебинед, ки ихтилофоте байни шумо ва дигар аъзои ҷомеа пайдо шуд, чӣ бояд бикунед? _______________________________
_________________________________________________________
_________________________________________________________
_________________________________________________________

5. Интизоми руҳониеро, ки барои бавуҷуд овардани ваҳдат дар ҷомеа ба шумо кӯмак мекунад, тавсиф кунед: _______________________
_________________________________________________________
_________________________________________________________
_________________________________________________________

6. Кадоме аз инҳо барои расидан ба ваҳдат мусоидат мекунанд?

_____ Назар кардан ба хатоҳои дигарон

_____ Чашмпушӣ ба айбҳои дигарон.

_____ Фикри худро дар бораи хатоҳои як нафар ба яке аз дӯстон изҳор кардан

_____ Воқеаеро тағйир додан ва бузург намудан ба манзури бад ҷилва додани фарди дигар.

_____ Фикр кардан дар бораи айбҳои дигарон.

7. Чаро баъзеҳоро вақте, ки хато мекунанд, танқид мекунем, валокин дигаронро, ки ҳамон хаторо мекунанд, танқид намекунем? ______
________________________________________________________________
________________________________________________________________
________________________________________________________________

8. Оё мумкин аст, миёни касоне, ки якдигарро ғайбат мекунанд, ваҳдат ба вуҷуд ояд? Чаро на? ________________________________________
________________________________________________________________
________________________________________________________________
________________________________________________________________
________________________________________________________________

9. Агар қасдан дар бораи шахсе дурӯғ бигӯем, албатта нодуруст аст. Вале агар аз касе пеши дигарон дар бораи амали баде, ки он шахс анҷом додааст, гӯем, айбҷӯӣ ва танқид нест? __________________
________________________________________________________________

10. Фарқи байни ғайбат, суханчинӣ ва танқиди дигарон дар чист? ___
________________________________________________________________
________________________________________________________________
________________________________________________________________
________________________________________________________________

11. Ғайбат, суханчинӣ ва доимо танқиди дигаронро кардан ба ҷомеа чӣ таъсире доранд? ____________________________________________
________________________________________________________________
________________________________________________________________
________________________________________________________________
________________________________________________________________

12. Чӣ тавр аз ин одатҳо дар зиндагии худ метавонем даст кашем? ___
________________________________________________________________
________________________________________________________________

____________________________________________________________
____________________________________________________________

13. Чӣ мешуд, агар мо дар бораи дигарон фақат тавре сӯҳбат мекардем, ки гӯё дар ҳузури худи онҳо ҳастем? __________________________
____________________________________________________________
____________________________________________________________
____________________________________________________________

14. Агар мо дар назди кӯдакон ба ғайбат пардозем ба онҳо чӣ таъсире хоҳад расонд? ______________________________________________
____________________________________________________________
____________________________________________________________
____________________________________________________________

15. Майл доштан ба суханчинӣ ва ба ғайбат кардан аз куҷо бармеояд?
____________________________________________________________
____________________________________________________________

16. Ҳазрати Баҳоуллоҳ ба мо мефармоянд: Агар нафси аммора бар шумо ғолиб ояд ба ______________________________________, на _______________________ чун ҳар кадоме аз шумо _________ __________________________ бинотар, ва огоҳтаред аз ________________________________________________.

17. Муҳаббат фақат бо калимот баён намешавад. Чӣ чизи дигаре лозим аст? _______________________________________________________
____________________________________________________________

18. Дар мавриди иттиҳод ва муҳаббат Ҳазрати Абдулбаҳо аз мо мехоҳанд: “Дақиқае __________________ ва оне _______________ _______________________, балки ________________________________, ___________________, ки ёре аз ёронро ___________________________ кунӣ ва _________________________________________ қалби нуронӣ шавӣ.”

19. Ва боз ҳам Ӯ мефармояд: Аъзам ниёзи навъи инсон, __________ _____________ ва ______________ аст. Ҳарчи пайвандҳои ___________ ва ____________________ миёни афрод қавитар бошанд, қувваи

________________ ва ___________________ дар тамоми арсаҳои фаъолияти башарӣ азимтар хоҳад буд.” (тарҷума).

20. Муҳимтарин калиди иқдоми муваффақ, ки дар қалби ҷомеа аст, чист? ______________________________________________________
____________________________________________________________
____________________________________________________________
____________________________________________________________
____________________________________________________________
____________________________________________________________
____________________________________________________________
____________________________________________________________
____________________________________________________________

21. Ҳазрати Абдулбаҳо дар бораи касоне, ки машварат мекунанд чунин мефармоянд: “Аввалин фарз барои машвараткунандагон _______ ______________________ ва ______________________________ ва _________________________ ва ______________________________ миёни дӯстон ___________ бар боло ва _____________________ дар Остонаи Муқаддаси Илоҳӣ ва чун бар ин сифот муваффақ ва муайяд гарданд, __________________________ Малакути ғайби Абҳо ____________________________________________.»

22. Дар мавриди қудрати ваҳдат дар амал, Ҳазрати Абдулбаҳо ба мо мефармоянд: “Чун нуфуси муқаддаса ба ___________________ ________________ бар ин _________________________ қиём намоянд ва саф ___________________ биёроянд, ____________яке аз ин нуфус _____________ монад ва амвоҷи ин баҳри аъзам ҳукми __________________________________________________ ёбад.”

## БАХШИ 9

Алеҳандра дар мулоқоти чаҳоруми худ бо ҷаноб ва хонуми Санчез ифтихори ошноиро бо Беатрис пайдо мекунад. Беатрис набераи онҳост, ки мехоҳад бо онҳо зиндагӣ, ва дар дабиристони дар он наздикӣ буда таҳсил кунад. Беатрис дар бораи мавзӯи ваҳдат бисёр кунҷков аст ва муштоқона дар гуфтугӯ мушорикат мекунад. Вақте сӯҳбат ба охир мерасад, Хонуми Санчез барои ҳама қаҳва ва ширинӣ меоварад. Ин ба Алеҳандра имконият медиҳад, то каме беҳтар Беатрисро бишиносад. Ӯ бо Беатрис мулоқотро тартиб медиҳад барои рӯзи баъдӣ, то дар бораи масъалаҳои ҷомеасозӣ дар

маҳалла сӯҳбат кунанд. Алеҳандра фикр мекунад: "Шояд ӯ алоқа дошта бошад, ки силсилаи аслии дарсҳоро мутолиа кунад. Метавонем ба ӯ кӯмак кунем, то чанд китоби аввалро бо суръати собит бигузаронем. Шояд бихоҳад пас аз он як синфи кӯдакон шурӯъ кунад, ё дар гурӯҳи навҷавononе, ки дар маҳалла шакл гирифта истодааст, ба ман кӯмак кунад. Дар ин ҳол, ҳамчунон ки то китоби панҷ пеш меравад, ва бо мутолиаи он барои хидмат ба унвони мушаввиқ омода мешавад, метавонад батадриҷ масъулияти бештаре дар гурӯҳи навҷавонон қабул кунад. Алеҳандра борҳо дар гирдиҳамоиҳо барои ҷавонон ширкат кардааст, ки дар натиҷаи равона кардани сӯҳбат ба мавзуъҳои мушаххас, мушорикати афроди зиёдеро дар раванди институт ҳосил кардаанд. Ӯ тасмим мегирад, ки дар аснои гуфтугӯҳо бо Беатрис дар рӯзи баъдӣ, ҳамон силсилаи афкорро пайгирӣ кунад. Оғози гуфтугӯ ба ин тартиб аст:

> Ҳамаи мо мехоҳем, ки дунё ҷои беҳтаре шавад. Мо дар интизориояндае ҳастем, ки дар он сулҳи ҷаҳонӣ барпо шуда бошад, ва хонаводаи башарӣ дар иттиҳод ва иттифоқ зиндагӣ кунад. Чунинояндае як рӯъёе нест ва ҳамчунон, ки шумораи ҳар чӣ бештари мо барои ширкат кардан дар беҳтарсозии ҷаҳон кӯшиш кунем, метавонад ба воқеият бипайвандад. Ҳар яке аз мо дар даруни қалби худ орзуе дорад, ки ба ҷомеаҳои худ хидмат кунад. Он чӣ ниёз дорем он аст, ки қобилияти худро барои хадамоти холисона дар роҳи хайри умумӣ парвариш диҳем.
>
> Тафаккур дар бораи хидмат ба навъи башар метавонад ба сурати тасаввури як роҳи хидмате бошад, ки бо ҳам онро мепаймоем. Ин масир ба рӯи ҳамагон кушода аст. Ҳар яке аз мо интихоб мекунем, ки вориди он шавем ва ба суръати худ дар он пеш меравем. Мо ин роҳро ба танҳоӣ тай намекунем. Дар канори дӯстони худ хидмат мекунем ва бо ҳам ёд мегирем, ва якдигаро ҳамроҳӣ мекунем. Ҳар қадаме, ки бармедорем, манбаи сурур ва итминон аст ва ҳар кӯшише, ки мекунем, тайидоти Илоҳиро ба армуғон меоварад.
>
> Беатрис ба он чӣ мешунавад алоқаманд мешавад, ва баъд аз баёни ин матлабҳои кӯтоҳ сӯҳбати пуршавқе дармегирад. Қабл аз ин ки пештар равем, бояд дар ин ҷо тавaққуф кунем, ва дар бораи аҳамияти фикрронӣ байни ин ду дӯсти нав андеша намоем. Алеҳандра тасмим гирифт барои даъвати мушорикати Беатрис дар раванди институт, вориди сӯҳбати ғание шавад. Чаро кофӣ набуд, ки фақат ба Беатрис бигӯяд, ки маҷмӯае аз курсҳои институт гузаронида мешавад, ва ӯро барои пайвастан ба онҳо даъват кунад?"

____________________________________________________________

____________________________________________________________

## БАХШИ 10

Сӯҳбати байни Алеҳандра ва Беатрис ҳудуди ду соат идома меёбад. Дар зер чанде аз афкори дигаре, ки Алеҳандра бо дӯсти нави худ дар миён мегузорад, омадааст. Албатта медонем, ки ӯ нутқҳои тӯлонӣ ва бетаваққуфе намекунад. Бештари ин ду соат танҳо машварат бо якдигар дар бораи афкоре мешавад, ки дар ин сархатҳо ба онҳо ишора шудааст.

Мо ҷавон ҳастем. Мо энержи дорем. Мо иштиёқи азиме дорем. Мардум фикр мекунанд мо бехаёлем. Аммо дар воқеъ ин баръакси он аст. Мо аз вазъияти вайрони навъи башар нигарон ҳастем, ва дӯст дорем ки шоҳиди тағйироти воқеӣ дар иҷтимоъ бошем. Ҳамчунин бояд дар бораи зиндагии худ фикр кунем – дар бораи таҳсилот, кор, дӯстон, хонавода. Ҳар сол, ки бузургтар мешавем, худро машғули анҷом додани масъулиятҳои бештаре меёбем. Волидайни мо интизории зиёде аз мо доранд. Гоҳе вақтҳо, чун дар бораи тамоми масъулиятҳоям фикр мекунам, эҳсоси нотавонӣ мекунам. Баъд Навиштае аз Осори Баҳоиро, ки аз бар кардаам, ба ёд меоварам:"Айёми зиндагониро фасли баҳор аст, ва ҷилваи бошукӯҳ. Синни ҷавониро тавоноие ҳаст, ва айёми беҳтарин дар давраи ҳаёти инсонӣ."

Чизе, ки мо бояд ба шумо дар миён гузорем он аст, ки бисёре аз ҷавонони сар то сари олам дар ҷомеае монанди мо, кам – кам дарк мекунанд, ки энержиҳояшон метавонанд ба воситаи як ҳадафи дуҷониба самт бахшида шаванд: ба ӯҳда гирифтани рушди фикрӣ ва руҳонии худ, ва мушорикат дар дигаргунсозии иҷтимоъ. Ин ду ҷанбаи ҳадафи мо ба ҳам рабт доранд. Ҳамчунон, ки қобилиятҳои худро парвариш медиҳем, метавонем ба дигарон беҳтар хидмат кунем, ва дар аснои кӯмак ба якдигар фардан рушд мекунем, ва сифатҳоеро, ки дорем қавитар менамоем.

Ин ҷост, ки матлаби як роҳи хидмат, ки пештар ишора кардам, ба миён меояд. Паймудани он танҳо афзудаи тоза ба зиндаги мо нест, балки ба тамоми он чи мекунем, маъно мебахшад. Хидмат ба ҷомеа ба мо кӯмак мекунад, ҳадафи таҳсилоти худро беҳтар дарк кунем,

афкори худро дар бораи оянда возеҳият бахшем, сифатҳое, ки барои мушорикат дар рифоҳи хонаводаҳои худ дорем, парвариш диҳем. Дӯстиҳои моро тақвият мекунад. Моро аз пароканда кардани қувваҳои худ дар умури беаҳамият ҳифз мекунад.

Дар тафаккур дар бораи рушди худ бояд нисбат ба нерӯҳои бисёре, ки ба мо таъсир мекунанд, ҳушёр бошем. Баъзе аз онҳо монанди нерӯи дониш, адолат ва муҳаббат моро дар роҳи дуруст ҳаракат медиҳанд, ва бояд ёд бигирем, худро бо онҳо ҳамсӯ кунем. Чанде дигар монанди нерӯҳои моддагароӣ ва худмеҳварӣ хилофи он амал мекунанд ва бояд дар баробари онҳо муқовимат кунем. Бояд бикӯшем, ки ба таъолӣ (пешрафт ба дараҷаи олӣ) ва камол даст ёбем ва имон дошта бошем, ки сайъҳои мо бо тайиди Илоҳӣ баракат хоҳанд ёфт.

Ҳамчунон дар тафаккур дар бораи ширкат кардани худ дар дигаргунсозии иҷтимоъ – табдил додани ҷаҳони пур аз зӯроварӣ, фақр ва ранҷ, ба ҷаҳоне саршор аз сулҳ шукуфоӣ ва иттифоқ – бояд пешрафти моддӣ ва руҳонӣ ин ҳар дуро дар назар бигирем. Агар пешрафти руҳонӣ накунем, пешрафти моддӣ низ барои ҳамагон муяссар нахоҳад шуд. Фақат агар ҳар ду аз инҳо даст дар дасти ҳам ба пеш раванд, беҳбудии вазъи дунё муяссар хоҳад шуд. Навиштаи дигаре ҳаст, ки аз бар кардаем: "Маданияти ҷисмонӣ ба мисли зуҷоҷ (шиша) аст ва маданияти руҳонӣ ба мисли сироҷ (чароғ). Агар ин маданияти ҷисмония бо маданияти руҳония ҳамроҳ шавад, он вақт ҳам зуҷоҷ, ҳам нурро дорем, ва он вақт сироҷ комил аст."[тарҷума]

Бинобар ин муҳим аст, ки ба унвони афроди ҷавон одати андешаронии ҳамоҳанг ва муттаҳидона бо дигаронро дар худ парвариш диҳем. Лозим аст бо ҳам дӯст бошем: якдигарро дар коре, ки анҷом медиҳем, ҳамроҳӣ кунем. Ширкат кардани ҳамдигарамонро бипазирем, якдигарро ташвиқ ва дастгирӣ кунем, ҷиҳатҳои боқуввати якдигарро бибинем. Ҷӯё ва гӯёи пандҳои муфид бошем, ва аз дастовардҳои якдигар масрур шавем. Дар паймудани роҳи хидмат бояд бо ҳам қадам занем, ба қадамҳои худ андеша ронем. Машварат ва мутолиа кунем.

Дар чанд даҳсолаи охир ҷомеаи баҳоӣ муваффақ шудааст, ки амалан дар ҳамаи кишварҳои ҷаҳон навъи ниҳоди ҳолати ёдгирӣ таъсис кунад. Ин ниҳодҳо, ки онҳоро муассисоти омӯзишӣ мехонем, курсҳое пиёда мекунанд, ки қобилиятҳои моро барои хидмат ба ҷомеа тақвият менамояд. Бо мутолиаи ин курсҳо басиратҳои (фаҳмиш) руҳонӣ ва маҳоратҳои амали лозимаро барои пешравӣ дар роҳи хидмат дар ҳамроҳӣ бо якдигар ба даст меорем. Ҳамчунон, ки

дар омӯхтани силсилаи курсҳо ба пеш меравем, қобилияти мо дар анҷоми хадамоте, ки ба таври афзоянда печидатар мешаванд рушд мекунад. Дар тӯли ин роҳ касоне, ки аз мо ботаҷрибатар ҳастанд, моро ҳамроҳӣ мекунанд. Табиист, ки бо мурури замон табиатан мо дӯстонеро, ки таҷрибаи камтаре доранд, ҳамроҳӣ мекунем. Аз оғоз ҳамаи мо қаҳрамонони фаъоли дигаргунсозии фардӣ ва иҷтимоӣ ҳастем, ва масъулияти ёдгирии худ ва ҷомеаро муштоқона ба ӯҳда мегирем.

"Қаҳрамони фаъол будан", яъне иродаи иқдоми боандеша доштан, дар кӯшишҳои худ пуштикор нишон додан, ва дар ҳар қадам дониш касб кардан ва ба кор бастан аст. Қаҳрамони фаъол мисли пазирандаи ғайрифаъоли манфиатҳо нест, балки ширкаткунандаи фаъол дар пешрафт аст. Барои он, ки қаҳрамони фаъол бошем, бояд ёд бигирем аз қувваи иқдоми худҷӯш ба таври эҷодкорона ва боинтизомона истифода кунем. Курсҳои муассиса дар тақвияти қобилияти мо барои ин ки қаҳрамонони раванди ҷомеасозӣ бошем, ба мо кӯмак мекунад.

Бояд лаҳзае бар афкори дар сархатҳои боло буда андешаронӣ кунем. Ҳамон тавре, ки дар оғози ин бахш ишора шуд, Алеҳандра ин афкорро яке аз паси дигарӣ баён намекунад, балки боварӣ ҳосил мекунад, ки Беатрис имконияти кофӣ барои тафаккур дар бораи онҳо ва ширкат кардан дар гуфтугӯро дорад. Пас аз он, ки дар гурӯҳи худ имконияти гуфтугӯ дар бораи ҳар сархатро ёфтед, ва ёд гирифтед, ки он афкорро ба хубӣ баён кунед, он чӣ эҳтимолан моилед баррасӣ намоед, он аст, ки оё сӯҳбат ба нуқтае расидааст, ки Алеҳандра эҳсоси итминон кунад ва дар бораи бархе аз курсҳои муассисаи Руҳӣ чанд калима бигӯяд ва Беарисро даъват кунад, ки ба мутолиаи китоби 1 бипайвандад. Оё метавонед худро ба ҷои ӯ қарор диҳед ва он чиро ки хоҳед гуфт, дар фазои зер бинависед? Китобҳои 1 ва 2 ва хадамоти мавриди ишора дар ин китобҳоро чӣ гуна тавсиф мекардед? Ишораи кӯтоҳе, ба хадамоте, ки дар китобҳои баъдӣ ба онҳо пардохта хоҳад шуд, ба чигунагии тадриси синфҳо барои тарбияти рӯҳонии кӯдакон, ва ҳидояти як гурӯҳи навҷавонон ба сифати мушаввиқ (аниматор) – бидуни шак кӯмак хоҳад кард, ки Беатрис чашмандозе аз ин, ки чӣ хидматҳое метавонад дар оянда бикунад, ба даст оварад. Роҳнамои гурӯҳи шумо метавонад шуморо дар навиштани чанд ҷумла дар бораи ин ду хидмат - монанди он чӣ ки Алеҳандра эҳтимолан зимни даъвати Беатрис ва мутолиаи китоби 1 изофа мекунад - кӯмак намояд.

__________________________________________________

__________________________________________________

__________________________________________________

## БАХШИ 11

То мулоқоти баъдии Алеҳандра бо хонаводаи Санчез ду ҳафта мегузарад. Дар тӯли он муддат Беатрис тавонист дар як кампанияи фишурда ширкат кунад ва ду қисмати аввали китоби 1- ро гузарад. Ӯ ҳоло ҳамроҳи гурӯҳе, ки аз панҷ дӯст иборат аст, қисми сеюмро мегузарад. Онҳо ду бор дар ҳафта, дар маҳалла мулоқот доранд. Алеҳандра бо хонаводаи Санчез дар бораи мавзӯи дуо гуфтугӯ карданро фурсати муносибе медонад ва аз Беатрис мепурсад, ки оё моил аст ба ӯ кӯмак кунад. Шумо қисмати дуюми китоби 1 – ро мутолиа кардаед, бинобар ин лузуме нест, ки мазмуни гуфтугӯи Алеҳандра ва Беатрисро дар сӯҳбаташон дар ин ҷо барои шумо хулоса карда шавад. Пас аз тамом кардани он қисмат, хулоса кардани нукоти аслӣ, ки сайъ хоҳед дошт дар гуфтугӯе оиди ин мавзӯъ биғунҷонед, эҳтимол барои шумо имконпазир аст. Дар  фазои барои шумо фароҳам шудаи зер, афкори худро бинависед.

______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________

## БАХШИ 12

Мулоқотҳои Алеҳандра бо хонаводаи Санчез чанд ҳафтаи дигар идома меёбад ва онҳо имконият доранд, чанд мавзӯеро, ки табиатан аз машваратҳои онҳо дар бораи аҳамияти дуо – мавзӯъҳое ба мисли ҳаёти руҳ, парвариши сифатҳои руҳонӣ, итоат аз аҳком ва қонунҳои Илоҳӣ, ва устуворӣ дар муҳаббати Ӯ - бармеоянд, ба гуфтугӯ бигузоранд. Як бор низ каме дар бораи муассисоти назми идорӣ, бахусус Маҳфилҳои Руҳонии Маҳаллӣ ва Миллӣ гуфтугӯ мекунанд. Лозим нест, мавзӯи ҳар яки ин мулоқотҳои баъдиро баррасӣ кунем. Аммо ду суоле вуҷуд дорад, ки аксар вақт дар миёни ширкаткунандагон, дар маҷмӯаҳое аз ин гуфтугӯ ба миён меояд. Аввалӣ ба моҳияти ҷамъомадҳое, ки аз тарафи ҷомеа баргузор мешавад, рабт дорад ва дуюмӣ – ба  манбаъҳои молӣ. Дар ин бахш, дар сӯҳбат оиди ҷамъомадҳо махсусан Зиёфати Нуздаҳрӯзаро баррасӣ хоҳем кард, ва дар бахши баъдӣ ба масъалаҳои молӣ хоҳем пардохт.

Бинобар ин, нукоти зерин метавонанд асоси гуфтугӯеро дар бораи мавзӯи Зиёфати Нуздаҳрӯза ташкил диҳанд:

- Дар ҷомеаи Баҳоӣ ҷамъомадҳо бо ҳадафҳои гуногуне баргузор мешаванд, – бо ҳадафи дуо, мутолиа, ҷашн гирифтани мавқеиятҳои хос, машварат дар бораи умури ҷомеа ва хидмат ба иҷтимоъ ва гуфтугӯ дар бораи барномаҳои амалӣ. Ҳазрати Бахоуллоҳ ваъдаи зеринро медиҳанд:

**«Қасам ба Исми Аъзамам! Дар ҳар маҳалле, ки дӯстон ҷамъ шаванд ва ба тамҷиди (васфи) Ҳақ пардозанд, арвоҳи мухлисин (муъминони содиқ) ва малоикаи муқаррабин (наздик ба Худо) тавоф хоҳанд намуд.»**[23]

- Гӯш додан ба Каломи Илоҳӣ дар ҷаласот дар канори дӯстон - қалбҳоро масрур, ва пайвандҳои ваҳдатро мустаҳкам мекунад. Ҳазрати Баҳоуллоҳ мефармоянд:

**«Бояд дӯстон дар ҳар диёр, ба ҳикмат ва баён, дар маҳофил ва маҷолис ҷамъ шаванд, ва Оёти Илоҳиро қироат намоянд, чун Оёти Илоҳист, ки оташи муҳаббатро барафрӯзад, ва шӯълавар намояд.»**[24 тарҷума]

Ҳазрати Абдулбаҳо мефармоянд:

**«Маҳофил ташкил диҳед, ва Таолими Илоҳияро қироат ва тиловат кунед, то он кишвар ба нури Ҳақиқат рӯшан шавад, ва он замин бо тайидоти Руҳул Қуддус фирдавси барин гардад, зеро ин давр, қарни Рабби Ҷалил аст, ва оҳанги ваҳдати олами инсонӣ ба гӯши Шарқ ва Ғарб расад.»**[25]

- Дар миёни ҷаласоти баҳоӣ Зиёфати Нуздаҳрӯза дорои аҳамияти хосе аст. Тақвими Баҳоӣ 19 моҳ дорад, ки дар ҳар моҳ 19 рӯз аст. Дар ҳар маҳал ҳар моҳ як бор баҳоиён барои ин ҷаласа бо ҳам ҷамъ мешаванд ҳамон тавре, ки Худи Ҳазрати Баҳоуллоҳ амр фармудаанд:

**«Ба шумо як бор дар моҳ Зиёфат воҷиб шуда, вале меҳмононро бо об пазироӣ кунед. Ба ростӣ ки Худованд ирода карда, ки байни қулуб улфат эҷод кунад, вале бо асбоби осмонҳо ва заминҳо.»**[26]
**мазмун аз арабӣ**

- Зиёфати Нуздаҳрӯза аз се қисм иборат мебошад. Аввал қисмати дуо ва ниёиш аст, ки дар ин қисм дуоҳо ва баёноте аз Осори муборака хонда мешаванд. Қисми дуввум идорӣ аст, ки дар он машварат дар бораи умури ҷомеа анҷом мегирад. Қисми саввум иҷтимоӣ аст.

- Аз баёноти зерин аз Ҳазрати Абдулбаҳо, шаммаеро аз аҳамияти қисмати ниёиш дар Зиёфати Нуздаҳрӯза дарк мекунем:

**«Эй бандагони содиқи Ҷамоли Қедам! Дар ҳар кувр (давр) ва давре Зиёфат қабул ва дӯстдошта буд ва оростани хон барои дӯстони Илоҳӣ сазовори ситоиш, алалхусус дар ин Даври Азим ва Куври Карим (Сахӣ), ки ниҳоёти ситоишро дорад, зеро, дар ҳақикат, аз маҳфилҳои зикри Илоҳӣ ва маҷлисҳои парастиши Ҳақ шумурда мешавад, чун ки дар маҷлисҳои зиёфат Оёти Илоҳӣ тиловат мегардад ва қасидаҳо ва ҳамдҳо ва ситоиши Илоҳия хонда мешавад, ва дил бениҳоят ҷазб ва шефта мегардад.»[27тарҷума]**

- Дар қисми идории Зиёфат дӯстон гузориш аз фаолиятҳои ҷомеаҳои Баҳоии дуру наздикро мешунаванд, дар бораи корҳои гуногуни Амрӣ дар ҷомеаи худ машварат мекунанд, дар пешрафти корҳои ҷомеа назар медиҳанд. Бо ҳидоятҳои расида аз Байтул Адли Аъзам ошно мешаванд, ва ба Маҳфили Руҳонии Маҳаллӣ пешниҳодоти худро медиҳанд, ки дар сурати лозим ба Маҳфили Муқаддаси Миллӣ ва ё Байтул Адли Аъзам фиристода шавад. Машварат дар Зиёфати Нуздаҳрӯза бисёр муҳим аст, зеро бадин васила ҳар фард дар фаъолиятҳои Ҷомеаи Ҷаҳонии Баҳоӣ иштирок мекунад.

- Қисми иҷтимоии Зиёфат вақтест, барои улфат ва меҳмоннавозӣ. Мумкин аст мусиқӣ пахш ва гӯш дода шавад, нутқҳои руҳбахш анҷом шавад, ва кӯдакон барномаҳое иҷро кунанд. Сухан кӯтоҳ, метавон аз ҷилваҳои фарҳангӣ, ки ба диққат интихоб шуда, ҳам бовиқор ва ҳам сурурангезанд, барои ғано бахшидан ба ин қисмати Зиёфат истифода намуд.

- Зиёфати Нуздаҳрӯза яке аз хусусиёти муҳимми Назми Идории Баҳоӣ аст, ки ҷанбаҳои ниёишӣ, идорӣ ва иҷтимоии ҳаёти ҷомеаро бо ҳам ҷамъ мекунад. Барои муваффақияти Зиёфат лозим аст ба ҳамаи ин ҷанбаҳо, ба таври баробар аҳамият дода шавад ва тавозуни дурусти байни ин се қисм дар назар гирифта шавад. Байтул Адли Аъзами Илоҳӣ дар паёми августи соли 1989, хитоб ба пайравони Ҳазрати Баҳоуллоҳ дар саросари олам мефармоянд:

**«Назми Ҷаҳонии Ҳазрати Баҳоуллоҳ ҳамаи воҳидҳои ҷомеаи башариро дарбар мегирад; равандҳои руҳонӣ, идорӣ ва иҷтимоии ҳаетро якпорча месозад; ва шаклҳои гуногуни баени**

**башариро ба сӯи сохтани тамаддуни нав ҳидоят мекунад. Зиёфати Нуздаҳрӯза тамоми ин ҷанбаҳоро дар сатҳи поя ва асоси ҷомеа дарбар мегирад. Ва муассисаест, ки дар сатҳи деҳкада, шаҳрак ва шаҳр амал мекунад ва ҳамаи аҳли Баҳо аъзои он ҳастанд. Мақсуд аз Зиёфати Нуздаҳрӯза ривоҷ додани ваҳдат ва замонати пешрафт, ва эҷоди фараҳ ва сурур аст.»**[28]

- Воқеаи муҳимме мисли Зиёфати Нуздаҳрӯзаро намешавад, бо иҷрои саросемавори чанд барнома тамом кард. Ҳар фарди баҳоӣ ба воситаи дуо ва муноҷот бояд аз назари руҳонӣ худро пеш аз Зиёфат омода кунад ва дар асնои Зиёфат ҳар як бояд бо дил ва руҳ иштирок намоянд, чӣ аз тариқи зиёрати Оёти Илоҳӣ дар қисми руҳонӣ ва ё шунидани Баёноти Муборака; ва чӣ бо додани гузоришот ва дарёфти ҳидоятҳо ва ё додани пешниҳодот, чӣ ба унвони мизбони ҷаласа ва чӣ ба унвони меҳмононе, ки бо шодӣ ва сурур аз меҳмоннавозӣ лаззат мебаранд. Байтул Адли Аъзам дар ҳамон Паёми пеш дар бораи Зиёфати Нуздаҳрӯза мефармоянд:

**«Ҷиҳатҳои муҳимми тайерӣ барои фароҳам кардани Зиёфати Нуздаҳрӯза иборат аз интихоби барномаҳои муносиб барои хондан дар Зиёфат, ва тайини иҷрокунандагони хуб барои онҳо аз қабл, ва риояти одоб ва эҳтиром чӣ дар тарзи зиёрати барномаи дуо ва ниёиш, ва чӣ дар тарзи гуш додан ба он аст. Ҳамчунин таваҷҷӯҳ ба муҳите, ки дар он Зиёфати Нуздаҳрӯза ташкил хоҳад шуд, чӣ даруни сохтмон бошад, ва чӣ дар фазои боз, ба ин таҷриба таъсири амиқ дорад. Назофат ва оростагии фазо ба тариқи амалӣ ва зиннатӣ, ҳама нақши муҳимме доранд. Вақтшиносӣ низ, тайёрии лозима аст, барои омодасозии муносиб.**

Муваффақияти Зиёфат то ҳадди бисер зиёде ба сифати омодасозӣ ва иштироки шахсӣ аст. Ҳазрати Абдулбаҳо чунин роҳнамоӣ ва тавсия мефармоянд: «Маҷлисҳои Нуздаҳрӯзаро бисёр аҳамият диҳед, то ёрони Илоҳӣ ва канизони Раҳмон таваҷҷӯҳ ба Малакут намоянд ва ба қироати муноҷот пардозанд ва талаби тайид кунанд, ва ҷазб ба муҳаббати якдигар гарданд, ва ба покӣ ва муқаддасӣ, ва тақво ва муқовимати нафс ва ҳаво бияфзоянд, аз олами унсурӣ (моддӣ) озод шаванд, ва дар эҳсосоти руҳонӣ ғарқ гарданд.»[29 тарҷума]

Монанди ҳамеша афкори дар боло зикр шударо чандин бор бихонед, ва онҳоро дар гурӯҳи худ ба гуфтугӯ бигзоред то ёд бигиред, ки онҳоро ба осонӣ баён кунед. Машқҳои зерин кӯмак мекунанд, ки фаҳмиши бештаре дар бораи аҳамияти Зиёфати Нуздаҳрӯза ба даст оред:

1. Ҳазрати Баҳоуллоҳ ба мо итминон (боварӣ) медиҳанд, ки ба ҳар маҳалле, ки дӯстон ҷамъ шаванд ва ба тамҷиди (ситоиши) Ҳақ пардозанд, чӣ хосияте хоҳад гирифт? ______________________________
________________________________________________________________

2. Дар баёни дуввуми боло Ҳазрати Баҳоуллоҳ ба мо мефармоянд, ки бояд барои ___________________ дар маҳфилҳо ва маҷлисҳо ҷамъ шавем ва _______________________________________ ро қироат кунем, зеро Оёти _________________________, ки ______________________, ва _________________________.

3. Дар Навиштаи сеюми боло Ҳазрати Абдулбаҳо ба мо тавсия мефармоянд, ки маҳфилҳо ташкил диҳем ва Таолими Илоҳияро қироат ва тиловат кунем, то

   – кишваре ки дар он зиндагӣ мекунем ____________________________

   – замине ки мо дар он сокинем ___________________________________

4. Дар тақвими Баҳоӣ чанд моҳ вуҷуд дорад? _______________________

5. Дар ҳар моҳ чанд рӯз вуҷуд дорад? _______________________________

6. Чӣ ҷамъомади махсусе миёни баҳоиён як бор дар ҳар моҳ баргузор мегардад? ______________________________________________________
________________________________________________________________

7. Се қисмати Зиёфати Нуздаҳрӯза кадоманд? ______________________
________________________________________________________________
________________________________________________________________

8. Оё қисматҳои Зиёфати Нуздаҳрӯза ба тартиби хосе баргузор мегарданд? ________________________________________________________

9. Ҳадафи қисмати ниёиши Зиёфат чист? ______________________________
________________________________________________________________
________________________________________________________________
________________________________________________________________
________________________________________________________________

10. Ҳадафи қисмати идории Зиёфат чист? ____________________________

________________________________________________________________

________________________________________________________________

________________________________________________________________

________________________________________________________________

11. Ҳадафи қисмати иҷтимоии Зиёфат чист? ________________________

________________________________________________________________

________________________________________________________________

________________________________________________________________

________________________________________________________________

12. Гуфтугӯ дар бораи кадоме аз мавзӯи сӯҳбатҳои зер дар вақти қисмати идории Зиёфат муносиб хоҳад буд?

_____ Ниёзҳои молии иқдомоти ҷомеа

_____ Имтиёзи тими миллии футбол

_____ Роҳи ҳалли ихтилоф байни ду аъзои ҷомеа

_____ Пешрафти синфҳои кудакони баҳоӣ дар ҷомеа

_____ Маонии баёне аз Осори Муборака ки яке аз аъзои ҷомеа дар ин ҳафта мутолиа кард

_____ Пуёии (динамизм) барномаи навҷавонон дар ҷомеа

_____ Имконниятҳои касбу кор ки барои ҷавонон дар маҳалла фароҳам аст

_____ Дастгирие (ёрдам), ки ҷомеа метавонад аз гурӯҳҳои навҷавонон, ки пружаҳои хадамотиашон печида (мураккабтар) шудааст ба амал оварад

_____ Мулоқоти волидайни кӯдакон ва навҷавонони ширкаткунанда дар барномаҳои омӯзишӣ ки муассиса пиёда мекунад.

_____ Қувват бахшидан ба хислати ниёиши ҷомеа

_____ Барномаи намоишҳои телевизионӣ

_____ Басиратҳои (фаҳмиш) ба даст омада дар бораи муҳити сурурангез ва боинтизом дар ҳалқаҳои мутолиа (кружок)

_____ Ҷашн гирифтани яке аз рӯзҳои муборакаи наздикоянда

_____ Иқдомотҳои иҷтимоии аз раванди (процесс) ҷомеасозӣ баромада

13. Бо гуруҳи худ саволи зеринро ба гуфтугӯ бигузоред: чаро мувозинат байни се қисматҳои Зиёфат муҳим аст?

14. Ҳоло дар бораи ду саволи зерин гуфтугӯ кунед:

а. Агар мизбони Зиёфат бошед, чи тавр худро барои он омода мекунед?

б. Агар фақат як ширкаткунандаи Зиёфат бошед, чи тавр худро барои он омода мекунед?

## БАХШИ 13

Саволи дуюме, ки аксари вақт дар гуфтугӯ дар бораи Амри Муборак баррасӣ мешавад, он аст, ки ҷомеаи баҳоӣ чӣ тавр ниёзҳои моддии худро мебарорад. Дар ин ҷо чанд нукта омадааст, мумкин аст ба шумо ба посух додан ба чунин суолоте кӯмак кунад.

- Абзоре (инструмент), ки ҷомеаи Баҳоӣ барои расидагӣ ба ниёзҳои моддии худ ба кор мебарад, Сандуқи табарруоти Баҳоӣ аст. Табарруот ба воситаи муассисоти Амри Муборак дар сатҳҳои гунугун идора мешавад: маҳаллӣ, миллӣ, қораӣ ва байналмиллалӣ. Баҳоиён бовар доранд, ки бояд худашон харҷҳои кӯшишҳои худашонро, ки Амри онҳо пахш мекунад, таъмин кунанд ва бинобар ин Сандуқ фақат аз аъзои ҷомеа табарруъ мепазирад.

- Тақдими табарруъот як амри довталабона аст. Ин кор маҳрамона аст, байни шахсони ҷудогона ва муассисаҳои (институтҳои) Амри Муборак, номи касоне ки табаррӯъро тақдим медоранд ва миқдори табарруъи онҳо эълон намешавад. Барои тақдими табарруъ фишоре бар аъзои ҷомеа ворид намегардад. Муассисаҳо ба сурати умумӣ ҷомеаро ба тақдими табарруот даъват мекунанд, аҳамияти табарруотро ёдовар мешаванд ва ба эҳтиёҷоти ҷомеа ишора мекунанд. Дар бисёри вақт ҷомеа мизони муайяни табарруотро барои худ ҳадаф таъйин мекунад. Аммо ҳаргиз миқдори муайяни табарруъ барои афрод тайин намешавад, пул талабида намешавад. Ба ӯҳдаи ҳар фард гузошта шудааст ки мувофиқи дарки худ аз принсипҳои рабт дошта тасмим бигирад, ки чи қадар табарруъ тақдим намояд.

- Тамаддуне, ки дар сохтани он мекӯшем, ҳам аз назари моддӣ ва ҳам аз назари руҳонӣ дар рифоҳ ва шукуфоӣ хоҳад буд. Сарват танҳо замоне қабул аст, ки шароити муайяне риоят шавад. Бояд онро бо кори садоқатмандона ба даст орем, ва сарфи хайри навъи башар намоем. Ва тамоми ҷомеа бояд таъолӣ (аълодарача) ёбад. Қобили қабул нест, ки теъдоди маҳдуде дар сарватмандии аз ҳад зиёд умр ба сар баранд, дар ҳоле, ки аксарият ниёзманди заруриятҳои аввалияи зиндагӣ бошанд. Ҳазрати Баҳоуллоҳ ба мо мефармоянд:

**“Беҳтарини инсонҳо ононанд, ки харҷи зиндагӣ ба даст оранд ва сарфи худ ва наздиконашон намоянд. Ба хотири муҳаббаташон ба Худо, Парвардигори оламҳо.”**[30] **Тарҷума аз форсӣ**

**“... Бояд бо самарҳои наҷиб ва аҷиб зоҳир шавед, то худ ва дигарон аз шумо нафъ баранд, ба хотири ин бар ҳама воҷиб аст, ки ба ҳунарҳо ва касбҳо машғул гарданд. Ин аст асбоби ғано, эй огоҳон!”**[31] **тарҷума аз форсӣ**

Ҳазрати Абдулбаҳо тавзеҳ медиҳанд:

**“Сарват ва ғано бисёр шоистаи таҳсинанд, агар ҳамаи ҷамъияти миллат ғанӣ бошанд, валекин агар ашхоси каме, ғанои аз ҳад зиёд дошта бошанд, ва дигарон мӯҳтоҷ ва фақир ҳастанд, ва аз он ғано асаре ва самаре ҳосил нашавад, ин ғано аз барои он ғанӣ танҳо як монеаест.”**[32]

- Барои сохтани иҷтимое, ки аз беадолатӣ ва бадбахтӣ озод аст, ҳамаи мо бояд карим ва бахшанда бошем. Ҳатто агар манобеи молии мо ночиз бошад, бояд барои пешрафти башар табарруъ намоем, зеро некуаҳволӣ танҳо аз тариқи бахшиш метавонад ба даст ояд. Бахшандагӣ аз сифатҳои руҳонии инсонӣ аст ва иртиботе ба шароити моддии мо надорад. Ҳазрати Баҳоуллоҳ дар Калимоти Макнуна мефармоянд:

**“Карам ва ҷуд аз хислатҳои Ман аст, пас хушо бар ҳоли касе, ки ба хислатҳои Ман зинат ёфт.”**[33] **тарҷумаи мазмун**

- Бояд ба ёд дошта бошем, ки манбаи ҳақиқии сарвати мо Худованди Карим аст. Ӯ воситаҳои зиндагии моро фароҳам мекунад, имкони пешрафти моро муҳайё месозад ва вақте табарруъот медиҳем, қисме аз он чиро ба мо ато кардааст, барои Амраш харҷ мекунем. Бинобар ин, барои баҳоиён тақдими табарруъот ба Амруллоҳ танҳо масъалаи

бахшандагӣ нест, балки як файзи руҳонӣ ва масъулияти бузурги фардӣ низ мебошад. Ҳазрати Валии Амруллоҳ фармудаанд:

**“Мо бояд мисли фаввора ё чашмае бошем, ки доимо худро аз он чӣ дорад холӣ месозад, ва доиман аз манбаъи ноаёне дубора пур мешавад. Табарруъи мураттаб барои саодати ҳамнавъон, бе тарс аз фақр, ва бо таваккал ба инояти Осмонӣ – он сарчашмаи ҳамаи хайр ва ҳамаи ғано, рамзи зиндагии саҳеҳ аст.”**[34]

Шумо аз ин имконият истифода хоҳед бурд, ки чанде аз афкори дар ин ҷо овардашударо дар курси дигаре дар идомаи ин силсилаи дарсҳо, ки ба мавзӯи Асбоби Моддӣ мепардозад, ба таври амиқтар баррасӣ намоед. Дар ин ҷо монанди ҳамеша шуморо ташвиқ мекунем, мавзӯи болоро нукта ба нукта ба гуфтугӯ бигузоред, ва машқҳои зерро иҷро кунед, то ёд бигиред, ки афкорро ба таври табиӣ ва ба осонӣ баён намоед.

1. Бар асоси Навиштаҳои боло ҷойҳои холиро дар ҷумалоти зер пур кунед:

а. Ҳазрати Баҳоуллоҳ ба мо мефармоянд, ки бояд _____________ ба даст орем ва сарфи ____________________________________ намоем.

б. Бояд ба самараҳои ______________________________ зоҳир шавем то худамон ва дигарон ______________________________.

в. Ба ҳар як аз мо лозим, ки _______________________________ ба ______________________________________________ ин аст ____________________________.

г. Ҳазрати Абдулбаҳо тавзеҳ медиҳанд, ки сарват ва ғано _______________ агар ___________________________________ ғанӣ бошанд.

д. Агар ______________________________ дошта бошад ва ___________________________ аз он ______________________ ____________________ нашавад ___________________аз барои ___________________________________аст.

е. Ҳазрати Баҳоуллоҳ мефармоянд: _______________ ва __________ аз хислатҳои Ман аст, ____________________________________, ки ба хислатҳои Ман _____________ ёфт.

ж. Ҳазрати Валии Амруллоҳ моро ташвиқ мефармоянд, ки мо мисли ________ ё ______________ бошем, ки доимо __________ аз он чӣ дорад ___________________________________, ва доиман _____________________________.

з. _________________ мураттаб барои ___________ҳамнавъон, _______________, ва бо таваккал ________________________ __________________________рамзи зиндагии саҳеҳ аст.

2. Силсилаи афкореро, ки дар мавзӯи боло дида баромада шуд, бинависед:

_________________________________________________________

_________________________________________________________

_________________________________________________________

_________________________________________________________

_________________________________________________________

_________________________________________________________

_________________________________________________________

_________________________________________________________

_________________________________________________________

_________________________________________________________

_________________________________________________________

_________________________________________________________

_________________________________________________________

_________________________________________________________

_________________________________________________________

_________________________________________________________

_________________________________________________________

_________________________________________________________

_________________________________________________________

## БАХШИ 14

Барои фаҳмидани навъҳои сӯҳбате, ки дар як деҳа ё маҳаллаи саршор аз фаъолият сурат гирифта метавонад, мо кӯшишҳои Алеҳандра, донишҷӯи ҷавони донишгоҳро пайгирӣ кардем. Дар давоми як силсила боздидҳо, ки дар тӯли чанд ҳафта давом доштанд, ӯ бо ҷаноб ва хонуми Санчез дар бораи як қатор мавзӯъҳое гуфтугӯ карда

аст, ки умед дошт, ба амиқтар ва мустаҳкамтар шудани донишашон дар бораи Амри Муборак, кӯмак кунад, ва ӯҳдадориашонро нисбати Таълимоти пазируфтаашон бақувват намояд. Дар охир, ворид шудани Беатрис, набераи Санчезҳо, ба мо имкон дод, ки як намуди дигари гуфтугӯ, ин яке – байни ду ҷавоне, ки ҳарду моиланд ёд гиранд, ки чӣ тавр ба ҷомеаҳои худ хидмат кунанд, баррасӣ кунем. Ҳангоми баррасии ин ривоят ва иҷрои машқҳо мо дидем, ки дар баробари ба даст овардани дониши афзояндаи мавзӯъҳои дахлдор, барои давом ёфтани сӯҳбатҳое, ки мо дар ин ҷо баррасӣ мекунем, сифатҳои муайяни руҳонӣ, муносибат ва малакаҳо ҳам лозиманд.

Дар ин бахш ва дар бахши навбатии ин боби китоб мо навъи дигари мавзӯъҳоро меомӯзем. Инҳо умуман мавзуи гуфтугӯ дар мулоқот бо хонаводаҳое ҳастанд ки фарзандонашон дар барномаҳои таълимие, ки муассиса пешбарӣ мекунанд ширкат мекунанд. Тавре ки аллакай зикр гардид, таълими дарсҳо барои кӯдакон ва роҳнамоии гурӯҳи навҷавонон ҳамчун мушаввиқ навъи хидматҳоест, ки дар курсҳои минбаъда мутаносибан дар китобҳои 3 ва 5 баррасӣ мешаванд. Шумо метавонед бо ду барномаи дахлдор шинос бошед ё на, вобаста аз он ки худ дар синни навҷавонӣ дар онҳо иштирок карда будаед ё на.

Биёед, аввал, мазмунеро дида бароем, ки аксар вақт сӯҳбати давомнок бо оилаҳои навҷавонон рӯи он асос мегирад. Мо ба худ тасаввур мекунем, ки чанд муддате аз он замони ривояти худро тарк карданамон гузаштааст ва Беатрис ҳоло китоби 2-ро меомӯзад. Алеҳандра аз дӯсташ мепурсад, ки оё моил аст ҳангоми мулоқот бо оилаҳои чанд навҷавон, ки мехоҳанд бо кӯмаки ӯ гурӯҳе ташкил диҳанд, ӯро ҳамроҳӣ кунад. Вай бо камоли майл кабул мекунад.

Алеҳандра ба Беатрис тасаввури худро аз он чи бояд воқеъ гардад баён мекунад. "Мо ҳар як мулоқотро"– мегӯяд "бо шинос кардани волидайн бо барномае, ки писар ё духтари онҳо ба ҳамроҳ шудан таваҷҷӯҳ зоҳир кардаанд оғоз хоҳем кард," ва қайд мекунем, ки "ин як ҷузъи раванди бунёди ҷомеасозӣ аст, ки дар маҳалла пешрафт карда истодааст. Сипас, мо бо онҳо баъзе мафҳумҳо ва ғояҳои марказии барномаро меомӯзем. Ин аввалин дар силсилаи мулоқотҳо хоҳад буд ва умеди мо ин аст, ки бо пешрафти гуфтугӯ, оила на танҳо гурӯҳро бо роҳҳои гуногун фаъолона дастгирӣ хоҳад кард, балки тарғибкунандагони тавонмандшавии рӯҳонии навҷавонон дар ҷомеа хоҳад шуд».

Алеҳандра ва Беатрис ба гуфтугӯи худ оиди баъзе аз нуктаҳое, ки ният доранд, бо ҳар як оила сӯҳбат кунанд идома медиҳанд. Онҳо тасмим мегиранд, ки ҳамаи фикрҳоеро, ки муҳим мешуморанд,

бинависанд, зеро медонанд, ки дар аввалин мулоқот танҳо чанде аз онҳоро фаро хоҳанд гирифт ва ба боқимонда дар сӯҳбатҳои минбаъда рӯ хоҳанд овард. Инҳоянд нуктаҳое, ки онҳо дар бораи қувваҳои билқувваи (потенсиалии) навҷавонон номбар мекунанд:

- Дар зиндагии инсон се соли байни синни аз 12 то 15-солагӣ давраи ҳаётӣ ҳастанд ва марҳалаи гузариш аз кудакӣ ба балоғат мебошанд.

- Аксар вақт ҷавонони ин синну солро «навҷавон» меномем. Онҳо дигар кӯдак  нестанд, вале ҳанӯз комилан "ҷавон" ҳам нашудаанд.

- Мутаасифона, тасвири ғалате дар бораи навҷавонон вуҷуд дорад ки дар сатҳи васеъ ҳам таблиғ мешавад, ва онҳоро ҳамчун сабукмизоҷ, саркаш, худшефта ва моил ба бӯҳронҳои доимӣ тасвир мекунад. Вале, мо онҳоро бо таври дигар мебинем. Дуруст аст, ки дар ин муддати кӯтоҳи ҳаёт ҳамаи мо дигаргуниҳои тунду тези ҷисмонӣ, эҳсосӣ ва зеҳниро аз сар мегузаронем. Ҳамчунин дуруст аст, ки дар натиҷа мумкин аст каме саркашӣ ҳам аз худамон зоҳир кунем. Аммо, дар ҳақиқат, ин давраи қувваҳои билқувва ва башоратҳои азим аст.

- Худи мо низ чанде пеш навҷавон будем ва дар хотир дорем, ки ин дигаргуниҳо ба мо чӣ гуна таъсир расонданд. Баъзан мо хеле шуҷоъ будем ва баъзан хеле тарсу. Гоҳ бисер иҷтимоӣ будем ва гоҳе хеле хиҷолатӣ. Мо аксар вақт хоҳиши танҳо монданро изҳор мекардем, дар ҳоле ки ба таваҷҷӯҳ умед мебастем. Мехостем бифаҳмем, ки дар чӣ чизҳое хуб ҳастем ва чӣ истеъдодҳо ва тавоноиҳоро дорем  ва барои мо хеле муҳим буд, ки одамони дигар моро чӣ гуна медиданд ва дар бораи афкорамон чӣ фикр мекарданд.

- Фаҳмидани он муҳим аст, ки ин рафтор муваққатӣ мебошад. Дар ҳаёти одам маҳз дар ҳамин солҳо қобилиятҳои муайяни зеҳнӣ босуръат парвариш меёбанд. Мо ба ҷустуҷӯи ҷавоб ба саволҳои асосии вуҷуд шуруъ мекунем. Мо чизҳоеро, ки дар гирду атрофамон рӯй дода истодааст, таҷзия ва таҳлил (анализ) мекунем ва аксари он чизеро, ки ба мо омухта шудааст, зери савол мебарем. Ба андозаи қабл моил нестем, он чӣ калонсолон ба мо мегуянд ба тарви худкор (автомат) анҷом диҳем, хусусан вақте ки мо фарқи байни гуфтор ва рафтори онҳоро мебинем.

- Агар қарор аст ба ҷавонон дар кори пурсамар истифода бурдани қобилиятҳои навашон ёрӣ расонда шавад, зарур аст ки аз рафтор кардан бо онҳо ба унвони кудакон, парҳез карда шавад. Ин давронро Абдулбаҳо чунин тасвир мекунанд:

**“Баъд аз муддате, вориди даврони наврасӣ мешавад, ки дар он шароит ва эҳтиёҷоти қаблӣ ҷои худро ба талаботи наве медиҳанд, ки барои пешрафташ ба дараҷоти болотар мувофиқанд. Қувваҳои мушоҳидаи ӯ васеъ ва амиқтар мешаванд, қобилиятҳои ақлониаш бедор шуда таҳти таълим қарор мегиранд, маҳдудиятҳо ва муҳити туфулият дигар қувват ва дастовардҳои ӯро маҳдуд намекунад.”**[35]

Байтул Адли Аъзами Илоҳӣ, ҳайати идоракунандаи оини Баҳоӣ, дар бораи рӯйкарди (тарзе ки рӯй меоварем) мо дар кор бо навҷавонон чунин мефармоянд:

**“Дар ҳоле, ки тамоюли бартаридошта дар ҷаҳон ин гурӯҳи синниро ҳамчун мушкилофарин, сардаргум дар олами тағйироти пурошуби баданӣ ва отифӣ (эмотсионалӣ), беэътино (беаҳамият) ва худбин тасвир мекунанд, ҷомеаи Баҳоӣ - бо услуби забон ва руйкардҳое ки истифода мекунад - чунин аст, ки ба таври қатъӣ ба самти муқобил ҳаракат мекунад, ба ҷои ин сифатҳо, дар навҷавонон хусусиятҳои навъдустӣ (алтруизм), адолатхоҳӣ, иштиёқи омӯхтан дар бораи олам ва орзуи кӯмак дар сохтани дунёи беҳтар мебинад.”**[36]

Сипас Александра ва Беатрис диққати худро ба худи барномаи тавондиҳии руҳонӣ равона мекунанд ва кӯшиш мекунанд, ки баъзе аз хусусиятҳои онро муайян кунанд:

- Афроди синни аз 12 то 15 сола муштоқанд ба гурӯҳе аз дӯстон таллуқ дошта бошанд, ки битавонанд афкори худро бо онҳо дар миён гузоранд. Рӯи пружаҳое кор кунанд, варзиш кунанд ва монанди он. Ба ин далел ин барнома дар асоси мафҳуми гурӯҳи навҷавонон бино шудааст. Ҳар гурӯҳ тавассути як мушаввиқ ҳидоят мешавад, ки аксари вақт як ҷавони калонсолтар аз онҳост, ки ба унвони дӯсти ҳақиқии аъзои гурӯҳ ба онҳо дар парвариши қобилиятҳояшон ёрӣ мекунад.

- Гурӯҳҳо мураттаб мулоқот доранд. Навҷавонон дар ҷаласоти худ ёд мегиранд, ки мафҳумҳоеро дида бароянд ва фикрҳояшонро бидуни тарс аз сензура ё масхара шудан, баён кунанд. Онҳо ташвиқ

мешаванд, ки гӯш кунанд, сӯҳбат кунанд, андешаронӣ кунанд, таҷзия ва таҳлил (анализ) кунанд, тасмим (қарор) бигиранд ва бар асоси тасмимот амал кунанд.

- Мо дар замоне зиндагӣ мекунем, ки нерӯҳои манфии бисёре ба тарзи тафаккур ва рафтори навҷавонон таъсир мегузоранд. Мушаввиқон ба онҳо кӯмак мекунанд, то бо ин неруҳо мубориза кунанд. Яъне на танҳо худро аз вайроншавии ахлоқии иҷтимоъ ҳифз кунанд, балки барои беҳсозии олам кор кунанд.

- Ин барнома дар паи парвариши қувваҳои зотии руҳи инсон аст. Қувваҳое, ки дар замони аввали навҷавонӣ кам кам ба дараҷоти ҳарчӣ бештар худро зоҳир месозанд. Қувваи фикр ва баён аҳамияти махсус доранд. Афроди ҷавон бояд забони лозима барои баёни фикрҳои амиқашон дар бораи ҷаҳон ва суратбандии тағйиротеро, ки мехоҳанд дар он иттифоқ афтад, дар худ парвариш диҳанд.

- Навҷавонон муштоқанд дар бораи маънии мафҳумҳое, ки барои як зиндагии ҳадафманд бунёдӣ аст, андешаронӣ кунанд. Саодат, умед ва таолӣ ё камол чанд мисоле ҳастанд. Мутассифона, мардум аксаран ба тариқи сатҳӣ (рӯякӣ) дар бораи ин ғояҳо сӯҳбат мекунанд. Бадастовардани дарки амиқе аз ин мафҳумҳо, фаҳми ин, ки чӣ тавр онҳо дар зиндагии рӯзмарра намуд меёбанд, метавонад ба зеҳнҳои ҷавонон дар сохтани як сохтори ахлоқии саҳеҳ ва истодагӣ дар баробари неруҳои манфии иҷтимоӣ, кӯмак кунанд.

- Дарки мафҳумҳо барои тавсеаи фикрӣ зарурӣ аст. Навҷавонон мумкин аст гоҳ-гоҳ ба мушкилӣ бархӯранд, зеро аз онҳо интизор меравад, ки иттилооти (информасия) фаровоне дар бораи мавзуъҳои гуногун ёд бигиранд. Бидуни он ки онҳо дар фаҳми мафҳумҳои зербаноӣ (асосӣ) кӯмаки кофӣ дарёфт намоянд. Ин барнома ба онҳо ангеза медиҳад, ки амиқан дар бораи ғояҳо - дар заминаи ахлоқ, риёзӣ, илмҳо ва монанди он - фикр кунанд ва ин ҳамвора амалкарди онҳоро дар мадрасаҳо беҳтар месозад.

- Навҷавонон майли зиёди фаҳмидани ҳама чизро доранд. Онҳо мехоҳанд далелҳои он чиро ки дар атрофи онҳо рух медиҳад, бифаҳманд. Барои муваффақ шудан бояд битавонанд на танҳо бо чашми ҷисмонии худ, балки бо чашми руҳонӣ низ бибинанд. Пас яке аз ҳадафҳои муҳими ин барнома қувват бахшидан ва басирати

руҳонӣ аст, яъне тавоноии ташхиси неруҳои руҳонӣ ва шиносоии усули руҳонӣ дар мавқеиятҳое, ки бо он рӯ ба рӯ мешаванд.

- Барнома бо кӯмаки маҷмӯае аз матнҳо ба ҳадафҳои гуногуни худ - парвариши ахлоқиёт, басирати руҳонӣ ва қувваи баён даст меёбад. Ин матнҳо аз достонҳои содда да бораи зиндагии ҷавонон дар қисматҳои гуногуни дунё ташкил шудаанд. Илова бар мутолиаи ин матнҳо бо якдигар, гуфтугӯ дар бораи мазмуни онҳо, ва анҷоми машқҳои лозим, навҷавонон дар барномаҳои варзишӣ ширкат мекунанд ва дар бораи ҳунарҳо ва санъатҳо низ ёд мегиранд.

- Бо кӯмаки мушаввиқон гурӯҳҳо ҳамчунин маҷмӯае аз пружаҳои хадамотиро тарҳрезӣ мекунанд ва анҷом медиҳанд, ва инҳо ҷузъи асосии барнома мебошанд. Навҷавонон аз тариқи ин пружаҳо ёд мегиранд, ки дар бораи ҷомеа ва ниёзҳои он фикр кунанд, машварат кунанд, бо якдигар ва бо дигарон дар ҷомеа ҳамкорӣ кунанд.

- Мусоҳибаҳое ки дар матнҳо ғунҷонида шудаанд гуногун ҳастанд; ҳар яки онҳо ба мавзӯе бахшида шудааст, ки барои тавондиҳии руҳонии навҷавонон зарур аст. Матни аввал, масалан, ба мавзӯи «тайид» мепардозад – яъне ки Худо саъю кӯшишҳои моро барои расидан ба ҳадафҳои шарафмандона тайид мекунад. Як матни дигар дар бораи «умед» дар бораи он аст, ки чӣ гуна мо бояд дар лаҳзаҳои душвортарин ба оянда назар кунем. Дигаре мафҳуми «камол»-ро таҳлил мекунад. «Сурур» мавзӯи як достон, ва «Қувваи калом» дар достони дигар мавзӯи тафаккур аст. Дар байни матнҳо оид ба мафҳумҳои риёзӣ, одатҳои зеҳни муназзам омӯхта мешавад. Дар соҳаи илм як матне мавҷуд аст, ки ба нигоҳубини саломатии шумо – ҷисмонӣ, зеҳнӣ ва руҳонӣ нигаронида шудааст. Ва дар давоми се сол боз қариб даҳ мавзӯъро ҷавонон меомӯзанд.

Алеҳандра ва Беатрис барномае доранд, ки чанде аз матнҳоро бо худ бибаранд, то агар волидайн хостанд битавонанд ба онҳо нигоҳе биандозанд. Агар бо матнҳо ба хубӣ ошно нестанд, мумкин аст муфид ёбанд, ки муддатеро ба хондани теъдоди ҳар чӣ бештаре аз достонҳо ихтисос диҳанд. Ин сабаб хоҳад шуд, ки битавонед гуфтугӯҳои гуногунеро, ки дар ҷомеа вусъат ёфтаанд, беҳтар пайгирӣ кунед. Дар зимн шуморо ташвиқ мекунем бо дигар ширкаткунандагон дар гурӯҳи мутолиаи худ ғояҳои матраҳ шударо, ки дар китоби 5 ба онҳо бо умқи бештаре пардохта хоҳад шуд, комилан ба гуфтугӯ бигузоред. Агар пас аз мутолиаи он китоб тасмим бигиред, ки ба унвони мушаввиқи як гурӯҳи навҷавонон амал

кунед, хонаводаҳои аъзои гурӯҳро ба таври систематик мулоқот хоҳед кард, ва бо онҳо дар баррасии ин ғояҳо ва ғояҳои шабеҳи бисёре хоҳед пардохт. Аммо ҳоло монанди Беатрис шояд бихоҳед ба шахси таҷрибадоре дар чанд мулоқот бо хонаводаҳои навҷавонон дар ҷомеаи худ, ҳамроҳӣ кунед

## БАХШИ 15

Рӯзи дигар, Алеҳандра ва Беатрис ба хонаи се ҷавон меоянд, ки ба гурӯҳи наве, ки дар ҳамсоягӣ ташкил мешавад, ҳамроҳ мешаванд. Беатрис аз дидани шавқмандие, ки волидонашон дар бораи барномаи кушодашавии қуввaҳои руҳонӣ сӯҳбат мекунанд, хушҳол аст. Дар охири рӯз, ӯ боварӣ ҳосил кард, ки мехоҳад ба Алеҳандра барои гурӯҳи навҷавонон кӯмак кунад ва шояд дар давоми як сол чӣ гуна ба сифати мушаввиқи (аниматори) гурӯҳи нав хидмат карданро ёд гирад. Вай, албатта, мефаҳмад, ки дар ин муддат ба вай якчанд китоби муассисаро омухтан лозим меояд. Аммо ӯ тасмим гирифтааст, ки таҳсилашро бо ҳамон суръати устуворе, ки ба ӯ имкон дод пешрафт кунад, идома диҳад. Ҳамин тариқ, бо дастгирӣ ва рӯҳбаландсозии доимии Алеҳандра, Беатрис дар роҳи хидмат ба пеш меравад. Биёед бори дигар ба саргузашти ӯ баргардем, ҳамагӣ пас аз чанд моҳ, вақте ки ӯ қариб ки Китоби 3-ро тамом кардааст. Роҳнамои доираи мутолиавии ӯ аз Марибел, муаллими дарси ахлоқи кӯдакон хоҳиш кард, ки Беатрис ва ҳамсинфонашро даъват кунад, то ки бо навбат ҳангоми ташриф овардани падару модарони бачагони синфи 1-ки навташкилшуда ӯро ҳамроҳӣ кунанд. Беатрис эҳсос мекунад, ки вай аз омӯзиши китоби 3 бисёр чизҳоро ёд гирифтааст. Ва Алеҳандра инро борҳо зикр карда буд, ки ғояҳое, ки ӯ аз китоб фаҳмида буд, қобилияти ӯро барои ҳамчун мушаввиқ хидмат кардан беҳтар хоҳад кард. Вақте ки вомехуранд, Марибел ба Беатрис мегӯяд, ки онҳо ба назди модари Эмма мераванд. Марибел мегӯяд: "Вай духтараки хубест, ки омӯхтанро дӯст дорад". Ман аллакай як бор ба назди волидонаш рафтам ва ба онҳо шарҳ додам, ки дарси ахлоқи баҳоӣ барои кӯдакон чист. Онҳо бо хурсандӣ иҷозат доданд, то ки Эмма иштирок кунад. Модараш изҳори хоҳиш кард, ки дар бораи дарс бештар маълумот гирад, ва ман ваъда додам, ки бармегардам то каме дар бораи ғояҳои таълимие, ки мо дарс медиҳем, сӯҳбат кунам. Дар асл, ман барои худам чанд ёддошт навиштам. Агар майл дошта бошед, мо метавонем онҳоро якҷоя бихонем ва дар бораи онҳо сӯҳбат кунем."

Беатрис розӣ мешавад. Қайдҳое, ки онҳо муҳокима мекунанд инҳоанд:

- Дар аввал, ман ба хонум Мартинес мегӯям, ки чӣ қадар хушбахтам, ки Эмма дар дарси ахлоқи ман ширкат мекунад, ва баъзе аз хислатҳои хуби ӯро ном мебарам.

- Ба назарам беҳтар аст, ки сӯҳбатро аз бо ҳамроҳи ӯ хондани ин иқтибос аз Навиштаҳои Ҳазрати Баҳоуллоҳ оғоз кунем:

**“Ба одам ҳамчун ба маъдани ганҷҳои бебаҳо нигаред. Танҳо таълим ва тарбия метавонад ин ганҷҳоро кашф кунад ва ба инсоният имкон диҳад, ки онҳоро ба манфиати худ равона кунад”.**[37]

- Он гоҳ ман метавонам баъзе аз ақидаҳоро дар бораи он, ки ин иқтибос ба ман ҳамчун муаллим чӣ гуна таъсир расонидааст, нақл кунам. Хоҳам гуфт, ки вақте, ки ба кӯдакони дар дарс буда нигоҳ карда, онҳоро маъданҳои пур аз гавҳарҳои бебаҳо мепиндорам, дилам аз шодӣ лабрез мешавад. Ҳар яки онҳо дорои қобилияти зоҳир кардани хислатҳои осмонӣ мебошанд. Ҳар кадоми онҳо истеъдодҳое доранд, ки онҳоро ошкор кардан ва инкишоф додан мумкин аст. Ҳар яки онҳо метавонанд ба воя расанд ва узви пурарзиши ҷомеа шаванд, ва дар бунёди олами беҳтар саҳм гузоранд.

- Пас, шояд ман чанд мисоле аз гавҳарҳое, ки таълим ва тарбия бояд дар ҳар як кӯдак кашф кунад, биёрам. Ман метавонам баъзе аз неруҳои ақлониро, аз қабили қобилияти кашфи қонунҳои табиат, офаридани асарҳои зебои бадеӣ, баёни андешаҳои наҷиб номбар кунам. Ман шарҳ медиҳам, ки кӯдакон ҳангоми гирифтани тарбияи дуруст метавонанд ҳамаи ин қобилиятҳоро инкишоф диҳанд. Аммо барои ин, онҳо бояд дар аввали синни кӯдакӣ фазилатҳои муайянеро ба даст оранд. Масалан, онҳо бояд бодиққат буданро ёд гиранд, дар ҳолати зарурӣ бисёр кӯшиш кунанд ва ба кори худ диққат диҳанд. Онҳо бояд одамоне шаванд, ки дар бораи беҳбудии дигарон ғамхорӣ мекунанд ва омодаанд ба ҷомеа хидмат кунанд. Аз ин рӯ, дар синни кӯдакӣ ташаккул додани хислати онҳо хеле муҳим аст.

- Дар ин маврид аз хонум Мартинес хоҳиш кардан бамаврид мебуд, ки ба мо якчанд фикрҳояшро дар бораи он ки оё духтарашро чӣ гуна шахсе дидан мехоҳад, нақл кунад. Ба даст овардани кадом хислатҳо, ба ақидаи ӯ, барои Эмма муҳиманд?

- Дар байни хислатҳое, ки ӯ зикр мекунад, бешубҳа якчандто аз маҷмӯи сифатҳои рӯҳонӣ хоҳанд буд ва ин мавзӯи навбатӣ аст, ки оғоз хоҳам кард. Ман мегӯям, ки хислатҳои муайяне ҳастанд, ки

шахс бояд соҳиби онҳо бошад ва онҳо барои вуҷуди инсон зарурӣ мебошанд. Онҳо хислатҳои рӯҳонии инсон ҳастанд. Вақте ки мо оинаи диламонро сайқал медиҳем, ки тавонад сифатҳои Худоро инъикос кунад, ин хислатҳоро дар худамон парвариш медиҳем. Мо ин хислатҳоро сифатҳои рӯҳонӣ меномем ва дарсҳое, ки мо дар синфи соли аввал меомӯзем, асосан ба ин сифатҳо нигаронида шудааст.

- Гумон мекунам, ки ман танҳо ба номбар кардани чанде аз сифатҳои рӯҳонӣ, ки дар дарсҳои соли 1-ми китоби 3 фаро гирифта шудаанд, идома медиҳам ва иқтибосҳои мувофиқро бо ӯ мубодила мекунам. Ман шарҳ медиҳам, ки Эмма ин иқтибосҳоро меомӯзад ва ӯ метавонад аз духтараш хоҳиш кунад, ки онҳоро ба ӯ бигӯяд ва ҳамчунин дуоҳоеро, ки ӯ меомӯзад:

– Муҳаббат:

**"Дар боғи дилат ҷуз гули ишқ макор..."**[38]

– Инсоф:

**“Дар роҳи адолат биравед, зеро ин роҳи рост аст.”**[39]

– Ростқавлӣ:

**“Ростгӯӣ асоси тамоми фазилатҳои инсонист.”**[40]

– Сурур:

**“Эй писари инсон! Масрур бош бо сурури қалбат, то бошӣ қобили Лиқои Ман, ва оинае барои Ҷамоли Ман! (Бо сурури қалби худ шодӣ кун, то сазовори дидори Ман шавӣ ва ҷамоли Маро инъикос кунӣ).”**[41]

Марибел ва Беатрис тасмим мегиранд ки ғояҳои боло барои як мулоқоти хонагӣ кифоят мекунанд. Хеле зуд худи шумо ҳам ба омузиши китоби 3 оғоз мекунед ва имконияти фикррониро оиди принсипҳои руҳонӣ, ки дар бунёни ин барномаи шашсолаи тарбияи руҳонии кудакон ҳастанд, хоҳед дошт. Агар то он замон шумо имконияти мулоқоти чанде аз волидайн ва муаллимро дошта бошед мумкин аст ки ғояҳои дар ин бахш баён шуда бароятон кӯмак диҳанд. Ҳоло шумо метавонед онҳоро нукта ба нукта дар гурӯҳи худ баррасӣ кунед.

## БАХШИ 16

Каме пештар Каламоти зер аз Ҳазрати Абдулбаҳоро хондем: "Ҳарчи пайвандҳои дӯстӣ ва ҳамбастагӣ миёни афрод қавитар бошад, қувваҳои созандагӣ ва муваффақият дар тамоми арсаҳои фаъолиятҳои башарӣ азимтар хоҳад буд."(тарҷума).

Байтул Адли Аъзам ба мо мефармоянд, ки бо дидор дар манзили дигарон ва даъвати дигарон ба манзили худ "Пайвандҳои руҳониро мустаҳкам сохта ва ҳамоҳангӣ бештари ҷомеаро боис" мешавем. Пас набояд таъсиреро, ки ин корҳо бар фарҳанги ҷомеаи дар ҳоли рушд доранд, худи мо дастикам гирем.

Дар бахшҳои қаблӣ навъҳои гуногун ва фарққунандаи гуфтугӯҳоро дидем, ки мумкин аст, дар вақти мулоқот дар манзилҳои якдигарӣ дошта бошем. Ҳамаи мо ҳамчунон, ки роҳи хидматро мепаймоем, дар гуфтугӯҳои вусъатёбанда оиди ба кор бастани Таолими Ҳазрати Баҳоуллоҳ дар кори фардӣ ва ҷамъии худ, дар деҳкада шаҳр, ё маҳаллаи худ ширкат хоҳем кард. Гоҳе, ин гуфтугӯ, дар маҷмӯае аз мулоқотҳои расмӣ густариш хоҳад ёфт, ки барои тавоно сохтани теъдоди афзояндаи одамон дар зиёдшавии дониши онҳо аз ин Таолим, тартиб дода мешавад. Дар мавридҳои сершумори дигар, барномаҳои омӯзишии муассиса (институт), ҳадаф ва мазмуни онҳо, мавзӯи гуфтугӯ хоҳад буд.

Теъдоди афзояндаи ҳамсоягон ва дӯстон ба ширкат кардан ба раванди ҷомеасозӣ даъват хоҳанд шуд. Пас ҳамчунон, ки ба оянда ва ба роҳи хидмати пеши рӯи шумо кушода шуда нигоҳ мекунед, бояд хеле кӯшиши худро нишон диҳед, то мавзӯъҳоеро, ки дар ин қисми китоб баён шуд, ба хубӣ ёд бигиред, дар гуфтугӯ дар бораи ҳар мавзӯъ таҷриба ба даст оред, ва албатта, ба афзудани дониши худ аз Таолими Ҳазрати Баҳоуллоҳ, идома диҳед. Бинобар ин сурури поённопазир дар асари дар миён гузоштани Калимаи Илоҳӣ бо дигарон, аз они шумо хоҳад буд.

# МАРОҶЕЪ


1. Bahá'u'lláh, *The Hidden Words* (Wilmette: Bahá'í Publishing Trust, 2003, 2012 printing), Arabic no. 4, p. 4.

2. Bahá'u'lláh, in *Bahá'í Prayers*: *A Selection of Prayers Revealed by Bahá'u'lláh, the Báb, and 'Abdu'l-Bahá* (Wilmette: Bahá'í Publishing Trust, 2002, 2017 printing), p. 4.

3. *Gleanings from the Writings of Bahá'u'lláh* (Wilmette: Bahá'í Publishing Trust, 1983, 2017 printing), IV, par. 1, p. 5.

4. Ibid., V, par. 2, pp. 6–7.

5. 'Abdu'l-Bahá, in *Bahá'í Prayers*, p. 81.

6. Ibid., p. 111.

7. Ibid.

8. From a talk given on 16 August 1912, published in *The Promulgation of Universal Peace: Talks Delivered by 'Abdu'l-Bahá during His Visit to the United States and Canada in 1912* (Wilmette: Bahá'í Publishing, 2012), par. 23, p. 364.

9. 'Abdu'l-Bahá, in *Bahá'í Prayers*, p. 130.

10. *Gleanings from the Writings of Bahá'u'lláh*, XLV, par. 1, pp. 111–12.

11. 'Abdu'l-Bahá, cited by Shoghi Effendi, *The World Order of Bahá'u'lláh: Selected Letters* (Wilmette: Bahá'í Publishing Trust, 1991, 2012 printing), p. 139.

12. *Gleanings from the Writings of Bahá'u'lláh*, V, par. 5, p. 8.

13. From a talk given by 'Abdu'l-Bahá on 5 May 1912, published in *The Promulgation of Universal Peace*, par. 4, p. 128.

14. From a talk given on 21 October 1911, published in *Paris Talks: Addresses Given by 'Abdu'l-Bahá in 1911* (Wilmette: Bahá'í Publishing, 2006, 2016 printing), no. 6.7–8, p. 22.

15. *Gleanings from the Writings of Bahá'u'lláh*, CXLVI, par. 1, p. 357.

16. From a talk given by 'Abdu'l-Bahá on 5 May 1912, published in *The Promulgation of Universal Peace*, par. 4, p. 128.

17. *The Hidden Words*, Persian no. 44, p. 37.

18. Ibid., Persian no. 66, p. 45.

19. From a Tablet of 'Abdu'l-Bahá. (authorized translation)

20. From a talk given by 'Abdu'l-Bahá on 25 September 1912, published in *The Promulgation of Universal Peace*, par. 2, pp. 478–79.

21. *Selections from the Writings of 'Abdu'l-Bahá* (Wilmette: Bahá'í Publishing, 2010, 2015 printing), no. 43.1, p. 125.

22. Ibid., no. 207.3, p. 360.

23. Bahá'u'lláh, in *Bahá'í Meetings: Extracts from the Writings of Bahá'u'lláh, 'Abdu'l- Bahá, and Shoghi Effendi*, compiled by the Research Department of the Universal House of Justice (Wilmette: Bahá'í Publishing Trust, 1976, 1980 printing), p. 3.

24. Ibid.

25. *Tablets of Abdul-Baha Abbas* (New York: Bahá'í Publishing Committee, 1916, 1930 printing), vol. 3, p. 631. (authorized translation)

26. Bahá'u'lláh, in *The Kitáb-i-Aqdas: The Most Holy Book* (Wilmette: Bahá'í Publishing Trust, 1993, 2013 printing), par. 57, p. 41.

27. *Selections from the Writings of 'Abdu'l-Bahá*, no. 48.1, p. 130.

28. From a letter dated 27 August 1989, published in *Messages from the Universal House of Justice, 1986–2001: The Fourth Epoch of the Formative Age* (Wilmette: Bahá'í Publishing Trust, 2010), no. 69.2, pp. 132–33.

29. Ibid., no. 69.9–10, p. 135.

30. *The Hidden Words*, Persian no. 82, p. 51.

31. Ibid., Persian no. 80, p. 51.

32. 'Abdu'l-Bahá, *The Secret of Divine Civilization* (Wilmette: Bahá'í Publishing, 2007, 2016 printing), par. 46, p. 33.

33. *The Hidden Words*, Persian no. 49, p. 39.

34. Shoghi Effendi, cited in *Bahá'í News*, no. 13 (September 1926), p. 1.

35. From a talk given by 'Abdu'l-Bahá on 17 November 1912, published in *The Promulgation of Universal Peace*, par. 3, p. 617.

36. From a message dated 21 April 2010, published in *Framework for Action: Selected Messages of the Universal House of Justice and Supplementary Material, 2006–2016* (West Palm Beach: Palabra Publications, 2017), no. 14.16, p. 82.

37. *Gleanings from the Writings of Bahá'u'lláh*, CXXII, par. 1, p. 294.

38. *The Hidden Words*, Persian no. 3, p. 23.

39. *Gleanings from the Writings of Bahá'u'lláh*, CXVIII, par. 1, p. 283.

40. 'Abdu'l-Bahá, cited by Shoghi Effendi, *The Advent of Divine Justice* (Wilmette: Bahá'í Publishing Trust, 2006, 2018 printing), par. 40, p. 39.

41. *The Hidden Words*, Arabic no. 36, p. 12.